СУХАНИ ПЕШВО

# ПАРЧАМИ ИСТИҚЛОЛ БО НУРУ ЗИЁИ АҲЛИ МАОРИФ ПАРАФШОН БОД!

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш

**01.09.2023 ноҳияи Данғара**



**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аҳли илму маориф, устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон, падару модарони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Таҷлили Рӯзи дониш ва баргузории Дарси сулҳ дар оғози соли хониш яке аз анъанаҳои неки даврони соҳибистиқлолӣ, тантанаву бузургдошти саводу дониш ва хираду маърифати мардуми куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Воқеан, илму дониш аз замонҳои хеле қадим то даврони мо неруи асосӣ ва воситаи пешбарандаи ҳар як ҷомеа, аз ҷумла, Тоҷикистони мо ба ҳисоб меравад.

Оғози соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва дарси сулҳро ба ҳамаи хонандагону донишҷӯён, аз ҷумла ба онҳое, ки имрӯз бори аввал ба остонаи мактаб қадам гузоштанд, ба аҳли илму маорифи мамлакат ва падару модарони гиромӣ самимона табрик мегӯям.

Чун соли хониш бо дарси сулҳ оғоз мегардад, мехоҳам андешаҳои худро доир ба ин масъала мухтасар баён намоям.

Тайи даҳсолаҳои охир, яъне, охири асри 20 ва оғози садсолаи 21-ум вазъи сайёра бар асари талоши абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон бисёр ҳассосу ноором гардид.

Хусусан, ҳодисаву воқеаҳои вақтҳои охир, аз ҷумла, бархӯрди манфиатҳо, мухолифату низоъҳои сиёсиву низомӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, торафт возеҳ гардидани нишонаҳои «ҷанги сард» ва гузариши он ба «марҳалаи гарм» дар минтақаҳои гуногуни дунё, инчунин, тағйирёбии босуръати иқлими сайёра имрӯз ҳаёти инсониятро зери хатари ҷиддӣ қарор додаанд.

Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу ҳассос таҳаммулгароӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо ва тарғибу ташвиқи андешаву афкори сулҳпарварона барои аҳли башар ниҳоят муҳим ва ҳатто ҳаётӣ мебошад.

Яъне, сулҳу амният, оромиву осоиш ва ҳамгироиву ҳамкорӣ дар замони муосир барои тамоми кишварҳои сайёра бояд аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳои ҳаёти инсонӣ дониста шаванд.

Мардуми мо, ки таҷрибаи талхи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро паси сар кардаанд, моҳияти сулҳу ваҳдат, амнияту оромӣ ва ҳамзистии осоиштаро хуб дарк менамоянд.

Вазъи кунунии ҷаҳон ҳар яки моро водор месозад, ки дар кишварамон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам бештар мустаҳкам гардонем ва манфиатҳои миллии худро аз таъсири пайомадҳои манфии равандҳои ҷаҳони муосир устуворона ҳифз намоем.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳҷӯву адолатпарвар аз минбарҳои баланд борҳо эълон кардааст, ки роҳи асосӣ ва беҳтарини ҳалли ҳама гуна мухолифату низоъҳо риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, музокирот ва ҳалли мусолиматомези масъалаву мушкилот мебошад.

Дар шароити кунунӣ, ки раванди сиёси-

СУХАНИ ПЕШВО

гардонии дини ислом ва дар ин асос вусъат гирифтани радикализми динӣ, терроризму экстремизм, инчунин, истеҳсолу қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, бемориҳои сироятӣ, гармшавии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобии паёпай идома дорад, таъсири манфии омилҳои зикргардида ба ҷомеаи мо низ расида истодааст.

Барои эмин нигоҳ доштани ҷомеаи кишвар аз таъсири зуҳуроти манфии ҷаҳони муосир, аз ҷумла, фарҳангу маънавиёти бегона дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, суннату анъанаҳои фарҳангӣ, расму оинҳо ва либоси миллӣ тарбия кардани наслҳои наврасу ҷавон, инчунин, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқиву сиёсии онҳо ба хотири таъмин намудани волояти қонун ва амнияту субот як амри зарурӣ мебошад.

Дар ин раванд, фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ барои илму донишомӯзии наврасону ҷавонон вазифаи муҳимтарин шуморида мешавад.

Зеро дар замони мо, яъне, давраи шиддати рӯзафзун пайдо кардани рақобату мухолифатҳо танҳо ҷомеа ва давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки дорои низоми пешрафтаи илму маориф ва шаҳрвандони соҳибмаърифату донишманд бошанд.

Мо дар ин ҷода, ба хотири он, ки ҷавонону наврасон ва умуман, шаҳрвандони худро дар руҳияи гиромидошт ва омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбияву раҳнамоӣ кунем, озмуни «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат»-ро эълон намудем.

Ҳадафи мо аз иқдоми зикршуда «тагурӯ» кардани таърих нест, балки мо мехоҳем мардумамон бо суннату анъанаҳои деринаи аҷдодӣ, расму ойинҳои ғановатманди миллӣ ва гузаштаи пурифтихори худ бештар ва беҳтар шинос шаванд, решаҳои худро донанду шиносанд ва барои ҳифзу гиромидошти арзишҳои таъриху фарҳанги бостонии хеш масъул ва саҳмгузор бошанд.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ҷиҳати муаррифии таърихи беш аз шашҳазорсола ва арзишҳои асили миллати тоҷик шароити боз ҳам мусоид фароҳам оварем.

Вазорати маориф ва илм якҷо бо Академияи миллии илмҳо ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати бознигарӣ кардани барномаву стандартҳо ва мазмуни китобҳои дарсии фанҳои адабиёт ва таърихи халқи тоҷик дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чораҳои зарурӣ андешида, консепсияи таълифи китобҳои дарсии зикршударо таҳия намоянд.

Дар заминаи он ба хотири таҳкими истиқлолу озодӣ, пойдории давлати навини тоҷикон ва ҳифзи арзишҳои милливу таърихии халқамон навиштани китобҳои ин фанҳо дар асоси талаботи сиёсиву иҷтимоии кишвар ва дастовардҳои замони истиқлол ба роҳ монда шавад.

Ниёгони бузурги миллати тоҷик дар масири таърихи бостонии халқамон ба омӯхтани илму маърифат ва касбу ҳунар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, тавассути осори ҷовидонаи худ инсониятро ба роҳи фаро гирифтани илму дониш ҳамчун омили раҳоӣ аз нодониву ҷаҳолат ва расидан ба рушду тараққиёт ҳидоят кардаанд.

Вобаста ба ин, хотиррасон менамоям, ки баъди ба даст овардани истиқлол мо илму донишро пояи асосии рушди ҷомеа ва амнияти давлат эълон карда, аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дарҷ намудем, ки хароб гардидани сифати таълим ва неруи зеҳнии мамлакат ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат арзёбӣ мегардад.

Дар шароити кунунӣ низоми маорифи миллии мо дар заминаи суннату анъанаҳои деринаи маърифатпарварии халқамон ва дастоварду комёбиҳои сиёсиву иҷтимоии давлати соҳибистиқлол ташаккул ёфта, тайи беш аз се даҳсола дар раванди рушди ҳамаҷониба ва босуботи ҷомеа нақши басо арзишманд бозида истодааст.

Ман дар асоси таваҷҷуҳу эҳтироме, ки нисбат ба илму маориф ва мактабу омӯзгор дорам, иброз медорам, ки маҳз тавассути рушди босуботи соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон мо таво-

СУХАНИ ПЕШВО

нистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Яъне, сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ, пеш аз ҳама, аҳли маорифи кишвар ва устодону омӯзгорон содиқона ҷонибдорӣ карда, барои тарғибу ташвиқи сулҳу ваҳдат ва раванди рушди босубот саҳми назарраси худро гузоштанд ва гузошта истодаанд.

Аз ин лиҳоз, ман ба кормандони соҳаи илму маориф ва устодону омӯзгорон сидқан миннатдориву сипос мегӯям.

Ҳамчунин, мехоҳам таъкид намоям, ки бунёди ҷомеаи солиму рушдёфта маҳз тавассути ташаккул додани илму маорифи пешрафта, ба роҳ мондани таълиму тарбияи мақсаднoки ба арзишҳои миллӣ асосёфта, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон, муҳайё кардани шароити муосири таълим дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, яъне, бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани онҳо ва албатта, заҳмати содиқонаи аҳли маориф ва ҳамкориву дастгирии падару модарон имкон дошта метавонад.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, Ҳукумати мамлакат захираву имкониятҳо ва саъю талоши худро ба ин самти муҳимтарини иҷтимоӣ равона карда, барои илму касбомӯзӣ ва таълиму тарбияи наврасону ҷавонон тамоми шароити заруриро муҳайё сохта истодааст.

Аз сӯи дигар, раванди афзоиши аҳолӣ моро водор месозад, ки барои сохтани мактабҳои наву замонавӣ, таъмиру таҷдиди муассисаҳои таълимии мавҷуда, бо шароиту таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани онҳо ва муҳимтар аз ҳама, мунтазам беҳтар гардонидани имкониятҳои моддии аҳли маориф, яъне, ғамхорӣ дар ҳаққи устодону омӯзгорон чораҳои зарурӣ андешем.

Танҳо дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 57 бинои нави муассисаҳои таълимӣ бо 15 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст ва тибқи нақша то охири соли ҷорӣ ба истифода супоридани зиёда аз 200 мактаби дигар дар назар дошта шудааст.

Илова бар ин, дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ 25 номгӯи китоби дарсӣ бо теъдоди беш аз як миллион нусха аз чоп баромадааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Соли ҷорӣ дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ва фосилавӣ қариб 5000 нафар хонандагони мактабҳои Тоҷикистон иштирок карда, сазовори 124 медал, аз ҷумла 13 медали тилло, 21 нуқра ва 90 медали биринҷӣ гардидаанд.

Дар даври аввали озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз 240 ҳазор нафар иштирокчӣ 215 ҳазор нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» қариб 25 ҳазор нафар хонанда фаъолона иштирок доштанд, ки аз афзудани таваҷҷуҳи насли наврас ба илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ин раванд собит месозад, ки дар кишвар насли созанда ва эҷодкору навовар ба воя расида истодааст.

**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**
**Донишҷӯёну хонандагони азиз!**

Бо дарназардошти он ки рушди устувори соҳаи маориф ва самаранокииислоҳот аз афзоиши маблағгузорӣ вобастагӣ дорад, Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаи калидиро сол ба сол зиёд карда истодааст.

Соли ҷорӣ барои соҳаи маориф 7,2 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 14 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи буҷети солонаи давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар соҳаи маорифи мамлакат ду стратегия қабул шуда, дар асоси онҳо амалисозии ҳашт барномаи давлатӣ идома дорад.

Дар ин раванд, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар қаламрави кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 3700 бинои муассисаи таълимӣ барои беш аз якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шудааст ва корҳо дар ин самт идома доранд.

Дар соли таҳсили 1991 – 1992 шумораи

СУХАНИ ПЕШВО

хонандагон дар кишвар 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Ин шумора дар соли таҳсили 2022 – 2023 ба 2 миллиону 232 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба оғози даврони соҳибистиқлолӣ беш аз 900 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, аз ҷумла, кӯдакону наврасон ва бунёди деҳаву маҳаллаҳои нави аҳолинишин дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати вусъат додани сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид дар онҳо мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Илова бар ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимии таъмирталаб ва дар ҳолати садамавӣ қарордошта тадбирҳои зарурӣ андешад.

Хотиррасон менамоям, ки барои иҷрои супоришҳои додашуда намояндагони мақомоти марказӣ, яъне, роҳбарони гурӯҳҳои корӣ дар шаҳру ноҳияҳо низ масъулият доранд.

Баъзе таҳлилгарон корҳои то имрӯз дар соҳаи маориф амалигардидаро нодида мегиранд.

Онҳо фаромӯш кардаанд, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ қариб ду баробар зиёд гардид.

Афзоиши аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаи маориф таъсир мерасонад.

Яъне талабот ба мактаб ва ҷойи нишаст барои хонандагон зиёд мешавад.

Раванди бунёд кардани то 200 муассисаи таълимӣ дар як сол, ки ҳамасола амалӣ шуда истодааст, кори саҳлу осон нест.

Илова ба ҳазорҳо муассисаи таълимие, ки то имрӯз бунёду азнавсозӣ гардидаанд, шумораи донишгоҳу донишкадаҳо нисбат ба замони то истиқлол чор баробар ва донишҷӯён се баробар афзудааст.

Як нуктаи муҳимро фаромӯш набояд кард, ки мо бо сабабҳои ба ҳама маълум фақат аз соли 2000-ум имконият пайдо кардем, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла бартарафсозии мушкилоти соҳаи маориф машғул шавем.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Рушди таҳсилоти томактабӣ, ки дар ташаккули шахсияти кӯдакон ва омода намудани онҳо ба муассисаи таҳсилоти умумӣ нақши муҳим дорад, зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Лозим ба ёдоварист, ки татбиқи қисматҳои асосии Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дахл дорад.

Вале вазъи иҷрои барнома то ҳанӯз ташвишовар боқӣ мемонад.

Мувофиқи барнома ҳар сол аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, шарикони рушд ва бахши хусусӣ бояд 100 муассисаи томактабӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Вале аз оғози амалишавии барнома, яъне, дар муддати сеюним соли сипаришуда аз 68 шаҳру ноҳияи мамлакат танҳо дар 32 шаҳру ноҳия ҳамагӣ 63 муассисаи томактабӣ сохта шудааст.

Мусаллам аст, ки кӯдаки дар муассисаи томактабӣ ба таълиму тарбия фарогирифташуда барномаи мактабиро беҳтар аз худ мекунад ва доираву сатҳи тафаккураш аз дигар ҳамсолонаш ба таври назаррас фарқ дорад.

Аз ин лиҳоз, талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти томактабӣ сол ба сол афзуда истодааст.

Ҳоло дар кишвар 707 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 103 ҳазор нафар ва 2111 Маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 69 ҳазор кӯдак фаъолият дорад, ки ҳамагӣ 16 фоизи кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад.

Чандест, ки дар мамлакат дар назди муассисаҳои таълимӣ ва ба таври алоҳида марказҳои рушди кӯдак фаъолият доранд, вале вазъи ҳуқуқии онҳо то ҳол ба танзим дароварда нашудааст.

Чунин марказҳо метавонанд барои омода кардани кӯдакон ба мактаб нақши муҳим гузошта, ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ мусоидат расонанд.

Бинобар ин, вазоратҳои маориф ва илм,

молия, адлия, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ барои ҳарчи бештар ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Зарур аст, ки доир ба ҷалби ҳарчи бештари сармояи хусусӣ ҷиҳати сохтмони муассисаҳои томактабӣ ва таъсиси шаклҳои алтернативии фарогирӣ ба зинаи томактабӣ чораҷӯӣ карда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти марказҳои рушди кӯдак такмил дода шаванд ва то соли 2030 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ то 50 фоиз расонида шавад.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд фаъолияти худро дар самти афзоиш додани маблағгузорӣ ба соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба ин зина ва умуман, иҷрои барномаҳои давлатӣ дар ин самт ба таври қатъӣ ҷоннок намоянд.

Дар робита ба ин, як масъалаи муҳимро таъкид менамоям: баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии мураббиён, ки сифати таълиму тарбияи кӯдакон аз ин омил вобастагии мустақим дорад, яке аз вазифаҳои муҳимми роҳбарону мутахассисони соҳаи маориф мебошад.

**Ҳозирини мухтарам!**

Рӯзи донишро имсол беш аз 2 миллиону 200 ҳазор нафар кӯдакону наврасони кишвар пешвоз гирифтанд.

Аз ин шумора беш аз 260 ҳазор нафар бори нахуст ба мактаб қадам гузоштанд.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, зиёд кардани маблағгузории соҳаи маориф, давра ба давра баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон, зиёд намудани бурсияву стипендияҳо, аз ҷумла, стипендияи Президентии «Дурахшандагон», ҷудо кардани квотаи президентӣ ва тадбирҳои дигар далели возеҳи таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ба масъалаи таълиму тарбия мебошад.

Натиҷаи ҳамин таваҷҷуҳ аст, ки имрӯз дар 35 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои пешрафтаи дунё беш аз 41 ҳазор нафар ҷавони мо таҳсил доранд.

Худи ҳамин сол беш аз 5000 нафар ҷавон барои таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ фиристода шуданд.

Дар солҳои қабл аз истиқлол шумораи ҷавононе, ки ба хориҷи кишвар барои таҳсил фиристода мешуданд, ангуштшумор буд.

Ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи илму маориф аз он иборат аст, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардошта, насли ояндасози кишвар бо фаро гирифтани илму дониши муосир барои рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии Ватани хеш, пешрафти давлат ва ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ омода карда шавад.

Соли ҷорӣ 3 ҳазору 432 нафар мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ барои кор ба муассисаҳои таълимии кишвар фиристода шудаанд, ки то имрӯз 49 фоизи онҳо ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ҳозир шудаанд.

Фикр мекунам, ки яке аз мушкилоти асосиву ҳалталаби соҳаи маорифи мамлакат – норасоии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вақтҳои наздик пурра бартараф мегардад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва Академияи таҳсилот то охири соли ҷорӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот»-ро омода карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар ин раванд, ҳамчунин, зарур аст, ки ба масъалаҳои омодагӣ ва гузариш ба низоми бисёрхолаи арзёбии дониши хонандагон, назорати қатъии таъмин намудани давоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба таҳсилоти тафриқавӣ гузаронидани хонандагони синфҳои 5 – 11 эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Вобаста ба ин, бори дигар хотиррасон ме-

созам, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, англисиву русӣ дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳо бидуни истисно ҳатмӣ мебошад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои омода намудани кадрҳои коргарӣ нақши басо назаррас доранд, зеро пешрафти соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъмин намудани корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ бо мутахассисон дар назди онҳо вазифаҳои нав мегузорад.

Шумораи муассисаҳои ин зинаҳои таҳсилот, махсусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст ва мустаҳкам намудани пояҳои моддиву техникии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад.

Имрӯз дар кишвар дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар 23 самт аз рӯйи 306 ихтисос мутахассисони соҳибкасб омода карда мешаванд.

Гузариши кишвар аз модели аграсаноатӣ ба саноативу аграрӣ, инчунин, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат ва бунёд гардидани корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ зарурати бо мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъмин намудани онҳоро торафт мубрам мегардонад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро зарур аст, ки ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои зич бо корхонаҳои саноатии кишвар ва васеъ ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар корхона ва муассисаҳои равияи худ тадбирҳои муассир андешанд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ҳамчунин, бояд таъсиси марказҳои таълими калонсолонро вусъат бахшад ва фаъолияти бехтари марказҳои мавҷударо таъмин намояд.

Солҳои охир ба таври зарурӣ иҷро нагардидани нақшаи қабули довталабон ба муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбии мамлакат ба як масъалаи нигаронкунанда табдил ёфтааст.

Тибқи натиҷаи марҳалаи аввали қабули довталабон тариқи Маркази миллии тестӣ аз 106 ҳазор нафар хатмкунанда ҳамагӣ 35 ҳазор нафар барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ роҳхат гирифтааст.

Вазъият дар ин самт, хусусан, дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад.

Масалан, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 2400 нафар хатмкунанда 993 нафар ба мактабҳои олӣ дохил гардидааст, ки ин ҳарчанд дар сатҳи кишвар нишондиҳандаи хуб аст, вале ҳанӯз кифоя нест.

Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ ва Агентии назорат дар соҳаи маориф натиҷаҳои имтиҳони қабулро дар ҳар як муассисаи таълимӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва раёсату шуъбаҳои маорифро аз рӯйи сатҳи дониш ва натиҷаи дар имтиҳоноти қабул нишондодаи шогирдони онҳо арзёбӣ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, доир ба иҷрои Барномаи давлатии касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025, ки бо мақсади ба шуғл фаро гирифтани шахсони бекор, аз ҷумла, занону духтарони хонашин ва паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ қабул гардидааст, чораҳои иловагӣ андешанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи зеҳнӣ ва неруи инсонӣ мебошад.

Бинобар ин, давлат ва Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳоро меандешад, ки ин неруи инсонӣ соҳибкасбу бомаърифат ва мутахассиси замони муосир бошад.

Бо ин мақсад, ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дурнамои нақшаи қабули довталабонро ба муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат тибқи талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва байналмилалӣ таҷдиди назар намоянд.

Вазъи интихоби касб аз ҷониби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронкунанда мебошад.

Таъкид бояд кард, ки то ҳанӯз на аз ҷониби омӯзгорон ва на аз тарафи падару модарон

корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба касбинтихобкунӣ дуруст ба роҳ монда нашудаанд.

Таҳлили қабули довталабон дар соли хониши 2023 – 2024 нишон медиҳад, ки имсол ба 75 ҳазору 800 нафар хатмкардагони синфи 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёда аз 600 ихтисос пешниҳод гардидааст.

Аз ин шумора қариб 31 ҳазор нафар довталаб, яъне, беш аз 40 фоизи хатмкардагон ихтисосҳои як кластер, яъне, кластери 5 – ихтисосҳои равияҳои тиббию биологиро интихоб кардаанд.

Чунин вазъи касбинтихобкунӣ масъулини соҳаро водор месозад, ки доир ба ин масъала чораҳои фаврӣ андешанд.

Илова бар ин, дар асоси таҷрибаи солҳои қаблӣ ва таҳлили вазъи қабули довталабон дар соли таҳсили 2023 – 2024 ба сохторҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президент, Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супориш дода мешавад, ки тартиби қабули довталабонро, бахусус, дар гурӯҳҳои шартномавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар кӯтоҳтарин мӯҳлат ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххаси худро манзур намоянд.

Ҳамчунин, ҷиҳати дуруст ба роҳ монданӣ раванди банақшагирии қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2024 - 2029-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созанд.

Дар ин раванд, ба масъалаи дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ қабул намудани довталабон ба равия ва ихтисосҳои самтҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рушди босуръати техникаву технологияҳои муосир, ҷаҳонишавии низоми маориф, омезиш ва ба ҳам наздикшавии фарҳангу тамаддунҳо моро водор месозад, ки зимни татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ҷиҳати ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ хеле эҳтиёткор бошем.

Дар ин раванд, мо бояд беҳтарин унсурҳои низоми маорифи ҷаҳони мутамаддинро интихоб намуда, пас аз таҳлилу омӯзиши дақиқ аз ҷониби олимону муҳаққиқони соҳаи омӯзгорӣ, мутахассисони мактабшинос ва бо ҷалби дигар мақомоти масъул онҳоро бо арзишҳои миллии соҳаи маорифи мамлакат мутобиқ сохта, пас аз гузаронидани озмоишҳои ҳамаҷониба ҷиҳати амалӣ сохтани ҳама гуна навоварӣ дар низоми маорифи мамлакат чораҳои зарурӣ андешем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисме аз самтҳои ислоҳоти низоми маорифи мамлакат, ки бо дастгирии шарикони рушд тавассути барномаву лоиҳаҳо роҳандозӣ шудаанд, то охир амалӣ намегарданд, яъне, бо анҷом ёфтани онҳо қатъ мегарданд.

Ҳол он ки ҳадаф аз татбиқи барномаву лоиҳаҳо такмили мазмуни таҳсилот ва ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мутобиқ сохтани он мебошад.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати амалӣ намудани барномаву лоиҳаҳо ва татбиқи ислоҳоти соҳа омӯзишу таҳлилҳо гузаронида, доир ба самаранокии онҳо ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Дар шароити нави татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф гузаштан аз такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон аҳаммияти торафт бештар касб менамояд.

Тавассути такмили ихтисос омӯзгор метавонад таҳсилоти заминавии худро таҳким бахшида, фаъолияти хешро ба муҳит ва талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ созад.

Шароити кунунии пешрафти илму техника талаб мекунад, ки омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳар се сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шаванд.

Дар робита ба ин, ду масъалаи муҳимро, ки борҳо гуфтаам, бори дигар таъкид менамоям.

Робитаи илм бо истеҳсолот, ҷорӣ намудани дастовардҳои олимону ихтироъкорон аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки аҳаммияти торафт бештар ва мубрам касб карда истодааст.

Бинобар ин, Дастгоҳи иҷроияи Президен-

тро вазифадор менамоям, ки бо ҷалби олимону коршиносон ва сохтору мақомоти дахлдор комиссияи босалоҳият таъсис дода, вазъи корҳоро дар ин самт ҳамаҷониба баррасӣ намояд ва доир ба густариши минбаъдаи корҳои вобаста ба ин масъала пешниҳодҳои мушаххас манзур созад.

Дигар ин, ки тибқи таҳлилҳо вазъи иҷрои нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда доир ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки ин масъаларо низ ҳамаҷониба омӯхта, ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод намояд.

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Оғози соли нави хониш ва мулоқоти Роҳбари давлат бо аҳли маориф дар бинои навбунёди Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, ки чанд лаҳза қабл ба истифода дода шуд, баргузор мегардад.

Ҳамаи сокинони вилояти Хатлон, устодону омӯзгорон, донишҷӯён, кормандони соҳаи тандурустии мамлакат ва шумо – ҳозирини гиромиро ба муносибати ифтитоҳи бинои нави донишгоҳи тиббӣ самимона табрик мегӯям.

Инчунин, ба мутахассисон ва сохтмончиёни ватанӣ, ки иншооти имрӯза бо заҳмати содиқонаи онҳо бунёд гардидааст, изҳори сипос менамоям.

Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон аз тарафи Ҳукумати мамлакат бунёд гардида, аз 5 бинои таълимӣ, биноҳои маъмурӣ, толорҳои лексионӣ, озмоишгоҳи марказии илмиву таҳқиқотӣ, майдони варзиш, ошхона, ду хобгоҳи донишҷӯён ва як бинои истиқоматӣ барои омӯзгорон иборат мебошад.

Бо ифтитоҳи иншооти дар марҳалаи якуми сохтмон банақшагирифташуда 96 синфхонаи барҳаво, 13 толори маҷлису лексионӣ бо зиёда аз 3000 ҷойи нишаст ва 1 толори фарҳанг бо 1290 ҷойи нишаст барои таълиму тарбия ва фароғати донишҷӯён омода гардидааст.

Инчунин, дар ин биноҳо 6 озмоишгоҳи илмию фаннӣ бо муосиртарин таҷҳизот ташкил карда шудааст.

Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ҳамчун самараи даврони истиқлол дуюмин муассисаи таҳсилоти олии тиббии мамлакат мебошад, ки соли равон ба таъсисёбии он ҳафт сол пур мешавад.

Донишгоҳ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, аз ҷумла, сокинони вилояти Хатлон бо мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ таъсис дода шуд ва ҳоло дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Дар Паёми Роҳбари давлат ҳанӯз 20-уми январи соли 2016 вазъи таъминот бо мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар кишвар, бахусус, дар вилояти Хатлон нигаронкунанда арзёбӣ гардида буд.

Дар вилояти Хатлон, ки калонтарин сохтори ҳудудии мамлакат ба ҳисоб меравад, ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ ҳамагӣ 12,8 табиб рост меояд, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишвар нишондиҳандаи хеле паст мебошад.

Дар паёми зикршуда, ҳамчунин, хотирнишон гардида буд, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ҳамчун ягона муассиса дар масъалаи тайёр кардани мутахассисони соҳаи тиб дар мамлакат талаботи ҷомеаро пурра қонеъ карда натавониста истодааст.

Ҳоло аз шумораи умумии донишҷӯён 1134 нафар (қариб 51 фоиз) аз вилояти Хатлон, 623 нафар (28 фоиз) аз вилояти Суғд, 269 нафар (12 фоиз) аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 206 нафар (беш аз 9 фоиз) аз шаҳри Душанбе мебошанд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар байни дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мақому мавқеи сазовор пайдо кардааст.

Соли 2022 аввалин маротиба дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон хатми донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои кори табобатӣ, бемориҳои кӯдакон ва дандонпизишкӣ сурат гирифта, донишгоҳро дар се соли охир 747 нафар ҷавон, аз ҷумла, 79 нафар бо дипломи аъло хатм намуданд.

Аз соли 2019 ин ҷониб 17 нафар олими ҷавони донишгоҳ ба аспирантура ва докторантура шомил шуда, аз рӯйи мавзуъҳои мухталиф

рисолаҳои илмӣ таҳия карда истодаанд.

Роҳбарияти донишгоҳ якҷо бо олимони соҳа бо истифода аз имкониятҳои зикршуда бояд дар доираи ҳамкориҳо бо беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии ноҳияи Данғара мактаби дараҷаи олӣ ва бисёрсоҳаро, аз ҷумла, дар самти ҷарроҳӣ, бемориҳои кӯдакон, кори табобатӣ ва дигар ихтисосҳо бунёд созад, то ки фардо ба аҳолӣ ёрии тахассусноки сатҳи олиро пешкаш ва дар ин замина корҳои назарраси илмиву таҳқиқотиро анҷом диҳад.

Дар ин самт, зарур аст, ки барои амалӣ намудани «Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин, ба стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ мутобиқ намудани таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ, сохтори донишгоҳ, мазмун, муҳлат ва сифати тайёр кардани мутахассисони соҳаи тандурустӣ, таъмин кардани талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии сифатноки тиббӣ, воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва бозомӯзии кадрҳои тиббӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия ва зина ба зина амалӣ карда шавад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ислоҳот дар зинаи таҳсилоти баъдидипломии тиббӣ ҳамчун раванди бевосита ба фаъолияти минбаъдаи табибон таъсирдошта такмили бештар ва ҳамкории зичро бо шарикони рушд тақозо менамояд.

Бинобар ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд дар самти мазкур андешидани чораҳои заруриро боз ҳам вусъат бахшад.

Таъкид менамоям, ки дар назди кормандони соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла, донишгоҳ вазифаҳои боз ҳам масъулиятноку муҳим, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим қарор доранд.

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки саломатии миллат боигарии давлат аст ва ҳифзи саломатии мардумро шумо – табибон ва кормандони соҳаи тандурустӣ бояд таъмин намоед.

Ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ бо табибон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ду соли охир ихтисосҳои табобатии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонро 15 фоиз бо квотаи президентӣ, 26 фоиз ба тариқи буҷетӣ ва 59 фоиз шартномавӣ хатм кардаанд.

Мушкилоти асосии соҳа таъмин намудани муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои бо табибон камтаъмин мебошад.

Албатта, ҳамасола аз ҷониби давлат ва Ҳукумати мамлакат ба довталабони чунин шаҳру ноҳияҳо барои дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон квотаи Президентӣ ҷудо карда, бо додани холи иловагӣ имтиёз дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, вазъ дар ин гуна шаҳру ноҳияҳо то ҳол беҳбудиро тақозо менамояд.

Қариб 50 фоизи хатмкардаҳои ду соли охири Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонро аз шаҳру ноҳияҳои мазкур шахсоне ташкил медиҳанд, ки тибқи квотаи Президентӣ таҳсил намудаанд.

Аз шумораи умумии хатмкардаҳои ду соли охири донишгоҳи мазкур танҳо 15 фоизи ҷойҳои буҷетӣ ба шаҳру ноҳияҳои бо табибон камтаъмин рост меояд.

Сабаби асосии чунин ҳолат паст будани сатҳи дониши шогирдони мактабҳои чунин шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки агар сари вақт иқдоми ҷудо намудани квотаи Президентӣ роҳандозӣ намешуд, шояд аз баъзе шаҳру ноҳияҳо ягон нафар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Синоро хатм намекард.

Аз тарафи дигар, чунин тамоюл боиси минбаъд низ зиёд шудани табибон дар шаҳру ноҳияҳои бо табибон хубтаъмин ва кам шудани онҳо дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои бо табибон камтаъмин мегардад.

Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки дар оянда имтиҳонҳои қабул тавассути Маркази миллии тестӣ барои шаҳру ноҳияҳои бо табибон камтаъмин бо ҷудо намудани миқдори муайяни ҷойҳои буҷетӣ баргузор карда шавад.

Ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода мешавад, ки бо мақсади бартараф намудани нобаробарии таъминот бо табибон дар минтақаҳои кишвар тавассути тайёр намудани шумораи зарурии мутахассисони соҳаи тандурустӣ барои шаҳру ноҳияҳои бо табибон камтаъмин нақшаи қабули донишҷӯёнро

ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти тиббӣ бозбинӣ намояд ва ҳангоми тарҳрезии нақшаи қабули ҳарсола талаботи мазкур риоя карда шавад.

Чунин иқдом имкон медиҳад, ки дар оянда мушкилоти нобаробарии ҷуғрофии таълимот бо табибон зина ба зина бартараф гардад.

Ҳалли масъалаи зикршуда яке аз самтҳои афзалиятноки Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳисобида мешавад.

Дар баробари ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд барои дастгирӣ кардани табибони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба шаҳру ноҳияҳо фиристода мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд.

**Ҷавонон ва донишҷӯёну хонандагони азиз!**

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар сиёсати пешгирифтаи худ наврасону ҷавонон ва хонандагону донишҷӯёнро созандагони фардои Ватан мешуморад ва ман ҳамчун Роҳбари давлат ба шумо – ҷавонони шарафманди кишвар эътимоди комил дорам.

Шумо - ҷавонону наврасон, дар навбати аввал, хонанда ва донишҷӯ, яъне, ҷӯяндаи дониш ҳастед, ки вазифаи аввалиндараҷаатон хондан ва аз худ кардани донишҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ, техникаву технологияҳо ва мутобиқ шудан ба талаботи замони муосир мебошад.

Ҷавоне, ки соҳиби донишу маърифат ва касбу ҳунар аст, ҳеҷ гоҳ ба роҳи хато намеравад, хору зор намешавад, дар ҳар ҷое, ки бошад, ҷойи кор меёбад ва зиндагии бобаракат мебинад, зеро дунёи маънавии ӯро ақлу хирад, донишу маърифат ва саъю талош пурбор гардонидааст.

Дар баробари ин, аз шумо – фарзандону наберахои азизам хоҳиш мекунам, ки ба қадри ҳар дақиқаи умр, бахусус, даври ҷавонӣ расед ва онро сарфи китобхонӣ, ҷустуҷӯи дониш, касбу ҳунар, анҷоми амалҳои неку шоиста, ба ҷо овардани эҳтироми падару модар, омӯзгорону тарбиятдиҳандагони хеш ва хизмат ба миллату давлат намоед.

Кӯшишу талош намоед, ки дар баробари мутахассиси ҷавобгӯ ба ниёзҳои ҷомеаи имрӯзу фардои кишвар будан, Ватани азизи худро дӯст доред ва барои хизмат ба он ҳамеша омода бошед.

Борҳо гуфтаам ва боз мегӯям, ки дар чунин вазъи хатарзои ҷаҳони муосир ҳушёрии сиёсиро ҳаргиз аз даст надиҳед, нагузоред, ки қувваҳои бадхоҳ ба зеҳну андешаи шумо ва ҳамсолони шумо таъсири номатлуб расонанд.

Дар баробари ин, ҳатто як лаҳза фаромӯш накунед, киояндаи миллат, давлат ва Ватан дар дасти шумост.

**Устодону омӯзгорони арҷманд!**

Ман ба ҳар яки шумо, ки рисолати муқаддасу бузурги таълиму тарбияи наслҳоиояндасозро ба дӯш доред, муроҷиат карда, такроран таъкид менамоям, ки дар кадом зинаи таҳсилот фаъолият дошта бошед, дар навбати аввал, ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти худ эътибори доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоед.

Нисбат ба худ ва шогирдонатон серталаб бошед, фаромӯш накунед, ки агар шумо шогирдони худро мутобиқ ба талаботи замонаи пешрафт таълиму тарбия надиҳед, сифати таълиму тарбияро баланд набардоред ва дар ин кори ниҳоят муҳим саҳлангорӣ намоед, бароиояндаи миллат, ҷомеа ва давлат мушкилот эҷод мекунед.

Бори дигар таъкид мекунам, ки вақте миллат бесавод мемонад, ҷомеа дар торикӣ мемонад ва ба ҷаҳолат гирифтор мешавад.

Шумо хуб медонед, ки ҷаҳолат фақат сиёҳӣ, торикӣ ва бадбахтӣ меоварад.

Падару модарони азиз!

Тарбия ва камолоти маънавии ҳар як насл ба иҷрои масъулияти бузурги падару модар дар назди фарзанд марбут мебошад.

Ҳанӯз аз қадимтарин давраҳо донишмандону давлатмардони мо дар таълифоти ахлоқии худ, ки ба тарбияи фарзанд бахшида шудаанд, вазифаи нахустин ва муқаддаси падару модарро дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд донистаанд.

Мо дар заминаи арзишҳои ахлоқии ниёгон дар самти таълиму тарбия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд»-ро қабул кардем.

## СУХАНИ ПЕШВО

Падару модарон дар таълим ва тарбияи фарзанди хеш масъулияти бузурге бар дӯш доранд, ки ин рисолати бузурги онҳо дар назди худи онҳо, оиндаи ҷомеа ва давлату миллат аст.

Ман бо тамоми эҳтироме, ки ба заҳматҳои шумо дар таълиму тарбия ва ба камол расонидани фарзандон дорам, ба шумо муроҷиат карда, таъкид менамоям: рисолати бузурги шумо дар назди ҷомеа ва халқу Ватан аз он иборат аст, ки фарзандони худро дар асоси арзишҳои ахлоқиву фарҳангӣ, расму оинҳои миллӣ ва суннатҳои маърифатпарварии гузаштагонамон тарбия карда, барои омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, рафтору кирдори нек, донистани забонҳои хориҷӣ ба онҳо кумак кунед, шароити беҳтарин муҳайё созед ва бо мактабу омӯзгор ҳамкории доимӣ дошта бошед.

Дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки барои такмили мазмуни таҳсилот, боз ҳам боло рафтани сатҳу сифати таълим, рушди имкониятҳои молиявию моддии соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем.

Аз ин рӯ, ба роҳбарони ҳамаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон, аҳли зиёи мамлакат ва тамоми шаҳрвандони кишвар муроҷиат менамоям, ки барои расидан ба ин мақсадҳои бузург ҳамкориро бо соҳаи маориф тақвият дода, дастгириву мусоидати худро дар ин самт дареғ надоред.

Таҷрибаи рушди ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватандӯст нишон медиҳад, ки ёрии беғаразонаи онҳо ба соҳаи маориф ба болоравии сатҳу сифати таълим мусоидати фаъол менамояд.

Мо иқдомҳои шоиставу ватандӯстонаи чунин афроди бонангу номус ва ватандӯсту маорифпарварро қадршиносӣ мекунем ва ба ҳар яки онҳо изҳори сипос менамоем.

Вобаста ба ин, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радио ва дигар вазорату идораҳо супориш дода мешавад, ки ҳама гуна иқдомҳои созандаву бунёдкоронаро, ки аз ҷониби соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва падару модарон дар самти дастгирии омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мегардад, дастгирӣ ва тарғибу ташвиқ намоянд.

Агар мо хоҳем, ки дар чунин шароити мураккаби сиёсиву иқтисодии ҷаҳон миллати тоҷик ва халқи азизи мо назди касе ва кишваре сари хам надошта бошад, бояд худамон барои пешрафту ободии Ватанамон талош намуда, ба мактабу маориф рӯ оварем, ба қадри заҳмати омӯзгор расем ва ба фарзандонамон тамоми шароитро барои фаро гирифтани саводу илму дониш ва касбу ҳунар муҳайё созем.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аҳли илму маориф, устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагони гиромӣ!**

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар чунин рӯзи фараҳбахш, ки тамоми мардуми маърифатпарвари тоҷик оғози соли хониш, Рӯзи дониш ва дарси сулҳро, ки бо ҳам робитаи мустаҳкам доранд, таҷлил намуда, ба заҳмати омӯзгорон ва мақоми мактабу маориф арҷу эҳтиром мегузоранд, фарорасии ин санаҳои муборак, инчунин, ифтитоҳи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлонро ба ҳамаи шумо бори дигар самимона табрику таҳният гуфта, дар роҳи басо душвори таълиму тарбия ба ҳар кадоми шумо барору муваффақият орзу менамоям.

Рӯзи дониш ва ҷашни муқаддаси миллӣ – 32-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро, ки баъди чанд рӯз фаро мерасад, ба тамоми сокинони кишвар, аз ҷумла, мардуми сарбаланди вилояти Хатлон табрик мегӯям ва орзуманди осоишу оромӣ, файзу баракат, хушиқболии ҳар як хонадони мардуми мамлакат ва ободиву пешрафти боз ҳам бештари Тоҷикистони маҳбубамон ҳастам.

Бигзор, парчами Истиқлоли давлатии мо бо нуру зиёи аҳли маорифи мамлакат, омӯзгорони ботадбир, падару модарони меҳрубон ва ҷавонони бонангу номуси кишвар ҳамеша парафшон, сулҳу оромӣ, амнияту суботи мамлакат бардавом ва Тоҷикистони азизи мо дар олам то абад чун диёри донишу адабпарвар машҳур бошад.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

ХУДШИНОСӢ

**Саймумин ЯТИМОВ,**
**профессор**



# ЭҲЁИ МИЛЛАТ - БАҚОИ ДАВЛАТ

## МУҚАДДИМА

Зуҳури инсон дар табиат падидаи фавқулода ва истисноист, зеро он ягона мавҷудоти соҳибшуур мебошад, ки чунин афзалиятро тавассути забон ва амали мувофиқ ба муҳтавои майнаи хеш, мақсаднок, бо дарназардошти оқибати кирдори содиркардааш ва дарки фаҳми натиҷаи он ба намоиш мегузорад.

Таъйиноти мантиқӣ ва моҳиятии фарди боxирад, таҳаввул ва такомули муҳиту ашё ба манфиати таъмини амният, офият, рушд ва пешрафти ҷомеа аст. Чунин талабот дар раҳи рост ва ба тарзи одӣ ба вуҷуд наомадааст. Он натиҷаи мураккабтарин ҷараёнҳои диалектикиест, ки ҳамчун маҳсули ҳазорсолаҳо дар шакли имрӯза муаррифӣ мегарданд.

Таърихи инсоният, дар маҷмуъ, таърихи сулҳ нест. Таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон мебошад.

**Сабаби аслии чунин вазъи тезутунди, мутаассифона, устувор ва поянда дар давоми асрҳо он аст, ки мардуми олам бо ҳам, асосан, ба як забон гап мезананд. Онро «забони манфиат» мегӯянд.**

Маҳз, аз рӯйи ҳамин «забон» одамон ба гурӯҳҳо, ҳизбҳо, синфҳо, ҳукуматҳо, давлатҳо, ахиран созмонҳо, блокҳо ва гурӯҳи давлатҳо ҷудо мешаванд.

Мавзуи рисолаи моро кӯшиши таҳлил ва арзёбии нақши давлат (1) дар доираи таҳаввулоти таърихӣ ва муосир дар масъалаи ҷаҳонбинӣ (2) бо дар назардошти категорияи манфиат (3) дар бар мегирад.

## ДАВЛАТ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҶАҲОНБИНӢ

Ба таъсиси давлат вақте зарурат пайдо мешавад, ки ниёзҳои ҷомеа барои низоми муайяни идоракунӣ ба хотири таъмини амният, рушди пойдори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба тарзи муташаккил ва моҳиятан аломатҳои устувори қонунмандӣ мегиранд. Вазифаи асосии давлат таъмин намудани зиндагии осоиштаи ҷомеа дар асоси дифферентсиатсия, тақсимоти салоҳият, таъйини меъёрҳои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

**Истилоҳоти давлат ва истиқлол ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ тавъам ва аз ҳам ҷудонопазир мебошанд.**

Худи «давлат» мафҳуми воқеӣ, объективӣ ва илмӣ аст. Дар фазо ва вақт ба сифати организми зинда зуҳур мекунад. Хосияти яклухтӣ, мухторӣ ва озодманишӣ дорад, аммо чунин тарзи мавҷудият, ҳамзамон, аз чанд омили ҳаётан муҳим вобаста аст. **Бо инкор кардан, зери шубҳа гузоштан, рахна ворид намудан ба яке аз онҳо система, сохтор ва функсияҳои давлат, дар умум, фалаҷ мегарданд. Ва оқибат, худи он чун организми мураккаби ҷомеа рӯ ба шикаст меорад.**

Яке аз ин ҷанбаҳо муҳтаво ва сохтори ҷаҳонбинии мардуми кишвар мебошад. Он ҷабҳаи мураккаб, нозук ва осебпазири давлатдорӣ аст.

**Дар доираи муҳтавои шуур, ҷаҳонбинии сиёсӣ шакли фаҳмидан, дарк кардан, аз лиҳози маънавӣ ворид гаштан ба арзишҳои муассисаи сиёсии ҳукмрони ҷомеа, ба тарзи амалӣ, руҳӣ аз худ кардани моҳияти идораи давлат аст.**

**Ҷаҳонбинии сиёсӣ воситаи дарки ҳақиқати ҳаётии давлатдорӣ, ташаккули муносибати шаҳрванд ба сохти сиёсӣ тавассути арзишҳои бунёдии он, муҳимтарин воситаи ба танзим даровардани муҳтавои алоқамандии давлат ва ҷомеа дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои якдигар мебошад.**

## ХУДШИНОСӢ

**Мувофиқати мухтавои ҷаҳонбинии омма ба сохти давлатдорӣ ҳамчун замонати бардавомӣ, устувории сиёсӣ ва итминони аҳолии мамлакат, кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нисбат ба пешгӯӣ ваояндасозии маҷмуи муносибатҳо дар қаламрави давлат ба ҳисоб гирифта мешавад.**

**Сохти идораи давлати миллӣ, ки маҳз ба хотири он кишвар номниҳод гаштааст, натиҷаи изҳори озоди иродаи халқ эътироф шудааст, бо кулли имконот ҳуқуқ ва уҳдадории интихоб, коркард, пуштибонӣ ва пешбурди ҷаҳонбинии мувофиқ ба низоми конститутсиониро дорад. Хунукназарӣ, духӯрагӣ, саҳлнигарӣ дар мавриди муайянкунандагӣ, ҳимоя ва амалкарди ҷаҳонбинии сиёсӣ маънои ба бухрон ворид кардани давлат ва зери суол бурдани онро дар назар дорад. Таҷрибаи байналхалқӣ низ ҳамин хулосаро исбот мекунад.**

### ДАРКИ ВОҚЕИИ МАНФИАТ

Ҷаҳонбинии миллӣ дар давлати миллӣ ягона мафҳуми заминӣ, воқеӣ, материалӣ ва арзишманд аст. Мухтавои онро миллат, давлатдории миллӣ ва сиёсати амалӣ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ муайян мекунанд. Дар маркази баҳси маънавиёти миллӣ ҳам манфиат меистад.

Ҳангоми муҳокимаронӣ дар масъалаи баҳси манфиатҳо он нукта муҳим аст, ки кадом гурӯҳ чӣ гуна арзишҳоро ҳимоя мекунад ва ин арзишҳо манфиати кадом табақа, гурӯҳҳои иҷтимоиро дар назар доранд ва ташвиқу тарғиб менамоянд? Агар давлат бо номи миллат арзи вуҷуд дошта бошад, дар маҷмуъ, мухтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии мардум чанд ҳиссаи манфиатҳои миллӣ (хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, эҳсоси садоқат ба Ватани аҷдодӣ ва ҳимоят аз он, тамаддун ва фарҳанги миллӣ, анъана, урфу одат ва расму оини миллӣ)-ро ифода мекунад?

Ин мафҳуми калидиро гурӯҳҳо, табақаҳои сиёсӣ, алалхусус, пешоҳангони хурофоту таассуб чӣ тавр асоснок мекунанд?

Ба хотири воқеъбинӣ, истиснои раҳгумиву ғафлатзадагӣ ваояндабинӣ бояд донист, ки таносуби ҷаҳонбинии миллӣ ва дар муқобили он дидгоҳи таассубу хурофот ва эҳсоси бегонапарастӣ дар ҷомеаи имрӯза чӣ гуна аст?

Ва агар дониста бошем, номутаносибии ҷаҳонбиниро бар зарари меъёрҳои конститутсионӣ сабаб чист? Ва чӣ бояд кард?

**Мутаассифона, таҷрибаи таърихии мардуми олам нишон медиҳад, ки инсонҳо на танҳо аз лиҳози антропологӣ ва генетикиву физиологӣ, балки аз ҷиҳати руҳию равонӣ, дараҷа, сифат ва умқи фикрронӣ, дар муносибат бо имкони дарки воқеияти ҳастӣ аз ҳам фарқ мекунанд.**

Аммо донишандӯзӣ, маърифатнокӣ, кӯшиши донистани ҳақиқати олам, баҳрагирии муқоисавӣ аз таҷрибаи рӯзгор, омилҳои тарбиявӣ метавонад тасаввуроти табақаҳои гуногуни ҷомеаро ба шинохти баробарвазни раванд ва оқибати вазъ наздик кунад.

Маълум аст, ки решаи калимаи манфиат «нафъ» (фоида) аст. Дар адабиёти сиёсӣ ин мафҳум тавассути сухани лотинии «interest» ифода мегардад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он «муҳим», «зарур» буданро мефаҳмонад. «Интерес» ифодакунандаи истилоҳи «иқтисодӣ», «арзишӣ» аст. Чизе, ки маънии ҳамсанги молӣ, моддӣ дорад, дар назар дошта мешавад.

**Таҳлили тамоми рӯйдодҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки аз одӣ то мураккаб – кӯшишҳои афрод, гурӯҳҳо, харакатҳо, ҳизбҳо, синфҳо, давлатҳо қатъиян дар доираи манфиат амалӣ карда мешаванд. Дар маркази дарки ҳамин гуна манфиатҳо, сарфи назар аз шакли тафсир ва муаррифии онҳо, тавре хотирнишон шуд, арзишҳои моддӣ, материалӣ, иқтисодӣ, яъне, фоида, меистанд. Дар ин маврид, фарзияи дигар вуҷуд надорад. Дошта ҳам наметавонад. Масалан, агар бар ивази дуои мулло, дуои хубтар аз он ба ӯ дода шавад, шубҳаовар аст, ки шахси руҳонӣ аз ин амал қаноатманд гардад.**

**Ҳамин тариқ, дар доираи муносиботи сиёсӣ «манфиат» гуфта, маҷмуи воқеияти реалӣ - ашёи моддӣ, арзишманд, назария, таҷрибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва фарҳангиро меноманд, ки ахиран, ба субот, рушди иқтисодӣ ва имконоти мудофиавии кишвар дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Аз ин лиҳоз, эътиқод, тасаввур, хаёлот, орзую ормони ғайриилмӣ, таассуб, хурофот, фанатизм, дилбастагӣ ба мавҳумот ва абстраксия наметавонанд ҷойгоҳи манфиатро**

**иваз кунанд.**

**Дар доираи фаҳми категорияи манфиат ҳар қадар дур рафтан, фосила гирифтан аз арзишҳои иқтисодӣ, моддӣ, молӣ, материалӣ, заминӣ, ҳамон қадар маънои наздик шудан ба камхирадӣ, таассуб, раҳгумзадагӣ, дурӯғ ва фиребро дорад.**

Бо чунин каромоти ҷаҳонбинии кӯр-кӯрона, ки гӯё метавонад ҷомеа ё ҳадди ақал як фардро хушбахт кунад, аз эътиқодмандони одӣ, сода, қаторӣ, гумроҳ сар карда, то террористони худкуш, ба завқи чашидани «шаҳди шаҳодат» бовар мекунанд.

Шахси соҳибмаърифат ва боандеша ин ақидаҳоро ботил мешуморад.

**Аммо «ба нохун роҳ дар хоро буридан, фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор басе осонтар» аз бозсозӣ ва дигаргун сохтани шуури онҳоест, ки гирифтори ҳамин тарзи ҷаҳонбинии устуравӣ (мифологӣ) ва бедалел ҳастанд.**

Ана, ҳамин аст, дастоварди бузурги воқеӣ ва таърихии ононе, ки мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро як умр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти мубориза худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд. Аз дур мусулмононро назора ва идора кунанд. Боз бо истифодаи маводи зинда бо номи одам дар масири идораи олам барномаҳои дигар омода созанд. Манфиатҳои навбатӣ ва беохири худро думбол кунанд.

**Муваффақияти дуюм ва дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси тоҷик будан, тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми миллат, Ватан ва ватандорӣ нобуд месозаду ба сифр мубаддал мегардонад. Ҳамчун лашкари бепул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад.**

Аз ин намунаҳо дар мисолҳои таърихӣ ва давраи муосири воқеии Тоҷикистон ва кишвари ҳамсояи он ҳазоронанд.

Аз ин лиҳоз, дарки манфиат, аз ҷумла, манофеи миллӣ муҳимтарин вазифаи маорифи саросарии кишвар, воситаи моил намудани омма ба арзишҳои тамаддунӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ба ин восита, пешгирӣ кардани бархӯрди омма бо хатари эҳтимолии фоҷиаи умумимиллӣ мебошад.

Фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷа раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, ҷилвагар шудани номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад. Самтгирии наврасону ҷавононро ҷониби ҷодаи шикасти манзалат ва маънавиёти миллӣ меафзояд. Пояҳои давлати миллиро ноустувор месозад. Ояндаи давлатдории миллӣ ва сулҳу суботи кишварро зери суол мебарад.

## ЭЪТИМОДНОКИИ СУБОТ

Барои ояндабинии системаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар давлатҳои ба мо маълум, сохтор, меъёр ва мафҳумҳое истифода мешаванд, ки сифатҳои устувории сохти конститутсиониро дар лаҳзаҳои бӯҳронӣ назорат мекунанд, ба инобат мегиранд ва ба он кафолат медиҳанд.

Аз сӯи дигар, давлати мо дар оилаи бузурги халқҳо зиндагӣ мекунад ва ҳаёти он аз системаи ягонаи амнияти байналхалқӣ низ вобастагӣ дорад. Аммо афсӯс, ки «ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст» (Ҳофиз).

**Ҳамчунон, «таҷриба ва таърих меомӯзад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо ягон вақт, ягон чизро аз таърих наомӯхтаанд ва тибқи намунаҳое, ки бояд аз он сабақ мегирифтанд, амал накардаанд». (Гегель за 90 минут. – М.: Изд. «Астрель». 2003. – с. 60).**

Идомаи ҳолати устувори фоҷиабарангезии тақдири умумибашариро сабаб ҳамин аст.

**Дар ҳама давру замон масъулияти таъмини системаи амният ва суботи ҷомеа бар дӯши давлат аст. Онро ҳамчун организми ягонаи зиндаи миллат дар фазо ва вақт донистан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар маҷмуи ягонаи созмонҳои байналхалқии минтақавӣ ва универсалӣ субъекти дигаре, ки кафолати оромӣ ва осудагии як давлати дигарро диҳад, вуҷуд надорад. Маҳз, ба ҳамин хотир, барои таъмини эътимодбахши суботи ҷомеа механизмҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, идео-**

**логии дохилидавлатие бояд амал кунанд, ки замонати худро дар лаҳзаҳои фавқулодаи дохилӣ ва берунӣ барои таъмини амнияти давлат устуворона нишон диҳанд.**

## НАМУНАИ ТАЪРИХИИ ЭҲЁИ МИЛЛӢ

Чун тамоми рӯйдодҳои олам маҳсули амали мақсадноки инсонанд, бознигарӣ ва беҳбуд бахшидани ҳаёти одам, муттасил комил гардонидани дониш, хирад ва фаросати ӯ муҳимтарин вазифаи мардуми солимфикр мебошад.

Барои хосияти устувор бахшидан ба идораи давлат ва сохти давлатдорӣ, миллатҳои пешқадам ва ҳушманди олам аз худ намунаи рафторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ нишон додаанд, ки ин таҷриба лоиқи пажуҳиш, омӯзиш, арзёбӣ ва пайравӣ аст.

Яке аз чунин гардишҳои бузурги Дунёи Куҳан Даврони Эҳё мебошад. Аврупо бо ин бузургӣ Даврони Эҳёи худро ҳафтсад сол (!) қабл, дар нимаи дуюми асри XIV оғоз кард.

Мақсади аслии ин таҳаввулот ба замон, талабот, ниёзҳои рӯзафзуни иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон мувофиқ кунонидани ҷаҳонбинӣ - ҳолати руҳӣ, равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва маънавии ҷомеа тавассути инқилоб дар соҳаҳои маориф, илму техника, фарҳанг ва маданият ба ҳисоб мерафт.

**Эҳёи миллии Аврупоро сабаб он буд, ки аз замони салтанати масеҳият – дини насронӣ, наздик ба якуним ҳазор сол мегузашт. Талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хостори таҳаввулот ва пешравӣ буданд. Ин ниёзмандиҳо ба манфиати руҳониён, калисо созгор намеомад. Дар шароити ақлсолорӣ, хирадгароӣ, тақдирнописандӣ, пешрафти илму техника, хештаншиносӣ ва худшиносии миллии мардум, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафсири ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури руҳоният комилан мувофиқат намекард, ин тоифа обрӯ, нуфуз, оқибат ҳукумат - манфиати худро аз даст медод.**

Тарзе хотирнишон гардид, низоми динӣ, ки якуним ҳазор сол қабл тавлид ва тавассути ҷангҳои салибӣ устувор шуда буд, бо гузашти асрҳо, бо таҳаввулот ва талаботи зиндагии нав дар тазод ва низои воқеӣ ворид гашт. Натиҷаи ин гуна нофаҳмиҳо байни руҳонияти мусаллаҳ бо ҷаҳонбинии ба муддати садсолаҳо ақибмонда ва зиёиён, мардуми тараққихоҳ, воқеънигар ва нававар бо қатлу куштор ва терроры охириҳо анҷом меёфт.

**Аз лиҳози дигар, синфи соҳибтафаккур ва барои тақдири таърихии миллати хеш эҳсоси масъулиятдоштаи Аврупо ҳолати рукуд, тангу тори хурофотии асримиёнагиро барои инсонҳо як навъ зиндони яхбастаи иртиҷоии бадбахтиҳои мардумӣ, замони тантанаи ҷаҳолат, нодонӣ ва навъи ваҳшоният номида, ин асрҳоро сифр, танаффуси хафақоновар дар тӯли ҳаёти бебозгашти инсонҳо, инкори зиндагӣ ва ситамгарӣ ном бурданд. Хостанд ба ақибмондагӣ ва ҳолати ба бунбаст гирифторшудаи афкор ва аъмоли ҷомеа додгустарии хирадмандона намоянд. Ба он хотима бахшанд. Фаҳмиш, дарк, назария ва амалияеро, ки бо истилоҳи ба ном «ҳаёти асримиёнагӣ» машҳур буд, ба шикасту нобудӣ расонанд. Ҳамин тариқ, нақши таърихии хеш - пешсаф ва равшангари тақдири мардумӣ буданро исбот намоянд.**

Тавре маълум аст, равияи Эҳё зиёда аз ду асрро дар бар гирифт. Дар ин давра, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа инқилоби маънавӣ ба вуқуъ пайваст: ба ҷараёнҳои тафаккури ифротии динӣ, ваҳшатгароӣ, хурофотпарастӣ хотима дода шуд (1); раванди авҷ гирифтани гароиши оммаи мардум ба зулмоти асримиёнагӣ – илмситезии хушунатомез қатъ гардид (2); дар илмҳои табиатшиносӣ ва технология, фалсафа, педагогика ва маориф, санъати меъморӣ, архитектура, театр ва мусиқӣ дигаргуниҳои бунёдӣ роҳандозӣ шуданд(3).

**Таърихнигорони Ғарб ин таҳаввулотро нуқтагузорӣ ба ҳаёти асримиёнагӣ ва оғози давраи нави ҳаёти Дунёи Куҳан ном мебаранд.**

Истифодаи истилоҳи «эҳё», албатта, ба моҳияти кулли ҳодисаҳое, ки ҷомеаи Аврупоро фаро мегирифтанд, мувофиқати пурра надошт. Аммо мақсад аз чунин ном гирифтани ҳаракат, кӯшиши пайдо кардани нуқтаи такягоҳи таърихӣ - маънавӣ ба ҳисоб мерафт. Зарур буд, ки як заминаи устувори бунёдӣ интихоб ва эълон гардад, то барои хоссу омма ангезаҳои ҷунбиши навсозии зиддихурофотӣ асоснок ва фаҳмо бошад.

Баъдан, таърих исбот кард, ки чунин тарзи интихоби шаклгирии ҳаракат барои эҳёи миллӣ беҳтарин воситаи сулҳомези мубориза барои расидан ба мақсади ниҳоӣ, рушду тараққии мам-

## ХУДШИНОСӢ

лакатҳои Аврупо буд. Ба тарзи дигар, Даврони Эҳё замони шикасти зиндагии, тарзе ки худи ташаббускорони ин маъракаи бузурги азнавсозии олам ном мебурданд, «ваҳшонияти асримиёнагӣ» ва оғози даврони ҳаёти нав махсуб гардид.

Аз нигоҳи илмӣ, Даврони Эҳё зарурати таърихии нобуд сохтани қолаби кӯҳна, озод кардани майнаи аз таъсири хурофот шахшудамонда ва ба хатари барои ҷомеа марговар мубаддалгаштаи таассуб, маърифатситезии «аксарият» дар қиболи «ақаллият»-и озодандеш буд.

**Чун олимони Даврони Эҳё аз мардуми ҳушманди замони худ буданд ва масъулияти ба дӯши онҳо гузоштаашударо хуб эҳсос мекарданд, инқилоби хешро аз ҷодаи илм, маориф, адабиёту санъат, аз «тарҳи нав дарандохтан» дар ҷаҳонбинии мардум оғоз карданд.**

Зиёиёни эҳёгари воқеан рӯинтан ва созанда муътақид буданд, ки маҷмуи ҷаҳонбиниҳои пешрафтаи башарӣ доир ба олам, одам, табиат ва умуман, ҳастӣ қудрати ифодаи ҷанбаҳои моҳиятии тарзи зисти инсонро доранд. Гузашта аз ин, ин донишҳо воситаи тағйири сифатии воқеияти зиндагӣ мебошанд.

Ташаббускорони Даврони Эҳё ҳамчунон хуб дарк мекарданд, барои ҷомеае, ки пешрафти иқтисодиёт ва дараҷаи тараққии ҳаёти иҷтимоии он ниёз ба таҳаввулоти инқилобӣ дорад, сохтор, мухтаво ва сифати ҷаҳонбинии омма нисбат ба механизм ва мантиқи рушди иҷтимоӣ мебояд дар таносуби пурра бошад.

**Ҳамзамон бо ин, эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки бидуни сохтани давлати миллӣ, ки манфиатҳои заминии миллат ва давлатро таъмин карда тавонад, ташкили зиндагии шарафмандонаи ҷомеа ғайриимкон аст.**

**Худи истилоҳи «миллат» ва «давлати миллӣ» аз лиҳози мантиқ мафҳумҳои илмӣ, дунявӣ, воқеӣ, тараққиниҳод ва заминӣ ҳастанд. Мустақилияти сиёсӣ, рушд ва пешрафтро дар доираи манфиатҳои миллат дар назар доранд.**

Яъне, мафҳумҳои рушд ва зиндагии шоиста бо моҳияти давлати миллӣ тавъаманд. Дар он ҷаҳонбинии сиёсӣ, бадеӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба манфиати миллат хизмат мекунад. Дар роҳи инкишофи устувори миллӣ якдигарро пурра мегардонад. Кумак менамояд.

**Саромадони Даврони Эҳё таъкид мекарданд, ки тараққиёт ва суботи ҷомеа наметавонад бидуни ҷаҳонбинӣ, маънавиёти сиёсии илман асоснокгардида ва дар таҷриба санҷидашуда, пешрав, пешсаф ва баранда бошад.**

Онҳо масъалагузорӣ мекарданд, ки давлати миллӣ ба маҷмуи ҷаҳонбиниҳои илман асоснокгардашуда, ки талаботи тамоюли воқеии иҷтимоиро қонеъ карда тавонад, зарурати шадид дорад. Ва муҳимтар аз ҳама, ин ҷаҳонбинӣ дар муқобили тамоми равияҳои мафкуравии иртиҷоӣ ва хурофотие, ки пеши роҳи мақсадҳои бунёдии давлати бо ном ва ба хотири миллат асосёфтаро мегиранд, истодагарӣ намояд.

Албатта, масъалаи марказии Даврони Эҳёи миллӣ масъалаи мафкураи динӣ буд, зеро дин қисми таркибии ҷаҳонбинии халқу миллатҳо махсуб мегардид. Аммо Эҳёгарон дарк намуданд, ки танҳо аз дастҳо сӯи осмон ва саҷда кардан ба Папаи Рим масъалаи истиқлоли миллат ва рушду тараққии давлат ҳаллу фасл намешавад. Барои ҳамин, дар Даврони Эҳё истилоҳи гуманизм (аз калимаи лотинӣ — одамӣ, инсонӣ) ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи манфиати ягона мавҷуди бошуур, соҳиби ақлу заковат ва илму маърифати олам – одам истифода мешуд.

Маҳз дар ҳамин давра, зиёиёни бозпасногари ояндабин дар бораи фош кардани муқаддасоту саҷдагоҳҳои бидуни эътимоди маънавӣ ва таърихӣ, ки хурофотпарастон барои нигаҳдории обрӯи сохта, манзалат ва таъсири худ асрҳо боз фикр карда бароварда, аз «ҳисоб»-и онҳо рӯзгузаронии худро таъмин мекарданд, бо истифода аз абзори нарм - тавассути имконоти адабиёту санъат ва фарҳанг ифшо намуда, ба ивази он санъати воқеии миллӣ, маҳсули ақл ва дидгоҳи одамиро ба намоиш гузоштанд. Бепоягии урфу одат ва анъанаҳои бофтабаровардаи хурофотпарастонро мавриди ошкорбаёнии мубоҳисавӣ қарор дода, зарурати сарфи назар кардан аз онҳоро ба оммаи мардум фаҳмониданд.

Баъдан, бо гузашти солҳо, олимони машҳури асрҳои XVIII - XIX - и Аврупо хизматҳои ҳаётбахш ва таърихии зиёиён, баёнгарони азамати рӯҳ ва халлоқияти тавонои Даврони Эҳёро бо сипоси зиёд ёдовар шуда, гаштаву баргашта таъкид намуданд:

**«Дар назди Ғарби башигифтафтода, ҷаҳони нав кушода шуд – Юнони Қадим. Дар пеши**

**образҳои шуълапоши он арвоҳҳои асримиёнагӣ аз байн рафтанд. Гӯё ки аз нав сайёраи Замин кашф шуда бошад, ба ҳукумати руҳонии калисо шикаст ворид гардид…, ин бузургтарин инқилоби тараққихоҳӣ дар тӯли ҳаёти инсонӣ, дар кулли давраҳои азсаргузаронидаи одамӣ буд, ки ниёз ба мутафаккирони бузург дошт ва шароит фароҳам оварда шуд чунин нобиғаҳои илму маърифат тавлид шаванд, ки аз лиҳози қудрат кӯҳсутуне бошанд бо хислатҳои бузурги донишҳои ҳамагонии ҷаҳоншиносӣ ва хиради фарогир» (Диалектикаи табиат. - М.: 1950. - с. 3-4).**

**Даврони Эҳё ба мафҳумҳои воқеӣ ва сиёсии забон, миллат, Ватан ва ватандорӣ асос гузошт. Руҳи мардум ба манфиатҳои заминӣ, марзу бум, рушду тараққии сарзамини аҷдодӣ мутаваҷҷеҳ гардид. Юғи бегонапарастӣ, саҷда овардан ба муқаддасоти ғайримиллӣ, космополитикӣ аз гардани мардуми авом бардошта шуд. Акнун ҳар намояндаи миллатҳои аврупоӣ аз кишвари худ, аз миллати худ, аз қаҳрамонҳои миллии худ ифтихор мекард. Маҳз онҳоро тараннум менамуд. Барои наслҳо ҳамчун намунаи рафтор ташвиқу тарғиб мекард.**

Беҳтарин натиҷаи Даврони Эҳё эҳсос ва тамоюли бузурги омма ҳамчун миллатҳои зери таъсири сиёсат, адабиёт, фарҳанг ва маданияти миллӣ ташаккулёфта, ба таъсиси давлат ва ҳукуматҳои пурқувват барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ буд.

**Маҳз ин ҳиссиёт дар баробари олимон ва ихтироъкорони бузург, ки барои иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлатҳои миллӣ кор мекарданд, наслҳои нави давлатмардон ва сиёсатмадоронро рӯйи саҳна овард. Онҳо бо тамоми неру ва бо такя ба илм барои эҳёи ватани воқеӣ, на ормонӣ ва космополитикӣ, бо ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ шуруъ карданд.**

## РУҲОНИЯТ ВА ДАВРОНИ ЭҲЁ

**Тавре таъкид гардид, яке аз масъалаҳои марказии Даврони Эҳё align азнавсозӣ ва ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ гардонидани таъйинот, назария ва амалияи дин буд. Ташаббускорони ҳаракат муътақид буданд, ки бидуни мутобиққунонии таълимот, ташвиқот ва таҷрибаи кори ходимони дин, фаъолияти калисоҳо ба мақсадҳои истиқлоли миллӣ, эҳёи миллӣ ва рушду тараққии он ҳамчун зуҳуроти ормонӣ ва шиори хушку холӣ боқӣ хоҳад монд.**

**Яке аз намояндагони Даврони Эҳё Сервантес таъкид мекард, ки мардуми зери асорати зеҳнии миллатҳои бегона қароргирифта, мисли лойи кулолест дар дасти аҷнабиён, ки ҳар асбобе хоҳанд аз он месозанд ва истифода мекунанд. Миллат бояд ҷаҳонбинӣ, дидгоҳ, маънавиёти ягонаи худро дошта бошад. Онро эҳсоси ягонаи умумияти таърихӣ – ирсият, урфу одат ва мафкураи ягонаи миллӣ муттаҳид намояд, на ташвиқи бепояи фарҳанги аҷнабӣ.**

Маҳз, ба ҳамин хотир Эҳёгарон интихобан бо беҳтарин ходимони дин, роҳибон, диншиносон, донандагони «Инҷил», ки аз мардуми соҳибмаърифат буданду ҳиссиёти баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ доштанд, ба ҳам омаданд. Хулосабардорӣ карданд, ки муддати садсолаҳо ходимони дини манфиатҷӯ ба «Инҷил» ва дигар адабиёти тафсири он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи руҳонӣ хизмат мекунанд.

Бисёре аз чунин иловаҳои сохта ва тафсирҳои бофта ба сарчашмаи хурофоту таассуб ва манбаи даромади ходимони дин мубаддал гаштаанд. Ба эҳсос ва ташаккули бегонапарастӣ, ҷаҳонватанӣ (беватанӣ) боис гардидаанд.

**Ба ҳамин хотир, яке аз шахсиятҳои маъруфи дини католикӣ Эразм Роттердамский (1466-1536) ташаббускорона китоби «Инҷил»-ро аз рӯйи матни интиқодии забони юнонӣ ба забони лотинӣ тарҷума карда, бисёре аз таҳрифу каҷнависии матнҳои пешинаро ошкор ва ислоҳ кард.**

Ҳамзамон бо ин, қисмате аз нуктаҳои ҳассоси ин китоби муқаддасро ба манфиати инсонҳо одилона тафсир намуд ва дар доираи руҳи Даврони Эҳё, ки пешрафт ва зиндагии шоистаи Одамро дар назар дошт, шарҳ дод. Бо ин амали инсонпарварона, барои тараққии ҷомеа дар доираи ҳадафҳои ин инқилоби бузурги маънавӣ хизмати сазовору мондагор кард.

**Бузургтарин намояндаи ин равия руҳонии машҳури немис Мартин Лютер (1483-1546)**

**буд. Ӯ ба мардуми худ, ба ибодаткунандагон эълон дошт: «Оғоз аз ин лаҳза баромадан аз зери султаи бегонагон, Папаи Рим вазифаи ҷонии ҳар як немис аст!».**

Мартин ба ҳамватанони худ чунин муроҷиат кард: «Ман қарори қатъӣ қабул кардам: зери роҳбарии ман китоби муқаддаси мо, «Инҷил» ҳар чӣ тезтар ба забони немисӣ тарҷума карда шавад. Ва минбаъд намоз гузоштан, ибодат кардан, тамоми маърака ва маросимҳои динӣ танҳо ба забони модарии мо – ба забони немисӣ сурат мегирад!».

Таърихчиён бар ин ақидаанд, ки Мартин Лютери руҳонӣ яке аз ташаббускорони сохтани давлати миллии немисҳо мебошад. Дар он манзалати миллати немис аз ҷумлаи муқаддасоти авваліндараҷа ҳисобида мешавад.

**Ба ақидаи ин донишманди руҳонӣ: «Дар дунё ҳама чиз тағйир меёбад. Иваз мешавад. Инсон метавонад, ҳатто дини худро табдил диҳад. Аммо ягона чизе, ки аз рӯзи тавлид то дами марг тағйирнаёбанда аст ва абадӣ мемонад, Миллат аст».**

Ба ҳамин хотир, ҳанӯз ҳафтсад сол қабл аз байни ходимони соҳибмаърифати калисо олимон, шахсони донишманд, муассир ва бонуфуз ва ҳамзамон бо ин, миллатпараст ва ватандӯсте рӯйи саҳна омаданд, ки аз мавқеи зиёиёни миллӣ, бо роҳу воситаи худ ҷонибдорӣ намуданд. Ба сафи онҳо гузаштанд. Фаъолияти калисоро ба шароити талаботи Даврони Эҳё мувофиқ гардониданд. Аз манфиатҳои миллии худ қотеона ҳимоя намуданд. Нуктае, ки таваҷҷуҳи ходимони динии баномуси асримиёнагиро ба худ ҷалб кард, эҳёи ғурури миллии онҳо дар муқобили бегонагон, урфу одати ба таърихи миллати эшон носозгор ва принсипи иҷбории саҷда овардан ба забон ва расму оини миллии аҷнабиён буд.

Яке аз муҳимтарин тағйироти Даврони Эҳё дар байни ходимони дин, ғолибияти эҳсоси бузурги ватанпарастӣ ва миллатдӯстии хизматгорони калисо буд. Ин вазъият ба раванди бузурги таърихӣ ҳамоҳанг шуд ва ба мақсади манфиатҳои миллӣ хизмати шоиста кард.

**Он тараққиёту таҳаввулот, зиндагии шоистаеро, ки мо имрӯз дар Аврупо мебинем ва мутаассифона, дар ҳолати вобастагии ақлонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва геополитикии он қарор дорем, аз ҷумлаи натиҷаи ҳамин Даврони Эҳё аст.**

## ЭҲЁИ МИЛЛӢ ВА СУБОТИ МИЛЛӢ

Аз кӯшиши таҳлили ниҳоят мухтасари Даврони Эҳё, боз ҳам зарурати ба хотир овардани назарияи моҳият ва қонунмандии шаклҳои дарки олами ҳастӣ бармеояд. Дар ин маврид, таҳаввулоти ҳаёт ва сарчашмаҳои рушди он барои зиндагии шоистаи инсон мавзуи асосӣ мебошад.

Дар вобастагӣ ба масъала, муҳим аст дарк гардад, ки роҳу воситаи асосии аз худ кардани ҷавҳари ҳастӣ аз чӣ иборат аст? Манбаъ ва қувваҳои воқеии ҳаракатдиҳандаи он кадомҳоанд? Инсон кай, дар кадом шароит метавонад аз як зина ба зинаи дигари зиндагии сазовор қадам гузорад? Ҳақиқати маънавӣ чист? Таносуби донишҳои дунявӣ бо эътиқоду боварӣ, мавҳум, хурофотӣ, таассуб дар муносибат бо таҷрибаи зиндагӣ, ки асоси ҳама гуна фаҳмиши ҳақиқати заминиву осмонӣ дар доираи дарки манфиат аст, дар чӣ зуҳур меёбад? Чӣ тавр оммаи мардуми дар завлонаи ихтиёрӣ ва ифтихоримонда аз он як навъ лаззати маънавӣ мебаранд ва бо қаноатмандӣ ҳазорҳо қурбониҳои ҷониву молӣ, рӯҳиву равонӣ медиҳанд, аз ин мурдоб ё ботлоқи ҳалокатбор халос шаванд? Иҷрои чунин вазифаро мисли Даврони Эҳё кӣ ба дӯши худ мегирад?

Аз Даврони Эҳёи Дунёи Куҳан, ки мардуми Аврупоро ба рӯзгори имрӯза овард ва ҷаҳонро бо илму маърифат тасхир кард, чанд аср гузашт?

**Аммо бедории воқеии миллии хосияти умумихалқидошта бар пояи Ақл, Хирад, Мантиқ, маънавиёт ва манфиатҳои миллии мо кай оғоз мешавад, ки мисли имрӯз фақат зоҳирӣ ва намоишкорона набошад? Хирадгарой ва Ақлсолорӣ аз хурд то бузург, фарогири кулли табақаҳои ҷамъиятӣ ва мояи ифтихори мардум - Миллат ва саҷдагоҳаш Ватан гардад.**

## ДАВРОНИ ЭҲЁИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

**Ҳақиқати эътирофгардида аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навини аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид.**

**Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои**

## ХУДШИНОСӢ

**ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму разми ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд.**

**Бо ҷашн гирифтани 1100 — солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёдии аср Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, роҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард. Яъне, Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд.**

**Намунаи чунин шефтагӣ ва садоқатмандии миллӣ дар таърих камшумор аст.**

**Бо такя ба таълимоти Пешвои муаззами миллат бояд таъкид кард, ки чунин шонс (имконият, иқбол, умед)-и фавқулода ва нотакрор барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор падид меояд. Ва ҳамватанони мо, ки ҳазор сол азияти бедавлатӣ ва ғуломиро кашидаанд, зарурати ҳаётӣ аст ҳама сар ба сар эҳсоси масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ намоянд. Аз ҷаҳолати рӯ ба афзоиши оммавӣ худдорӣ кунанд.**

Аммо боиси афсӯс аст, ки дар ҳоли ҳозир, тамоюл ба таассубу хурофот ва дар ин асос зиёдаравӣ, гаравидан ба ҷараёнҳои динии ифротӣ, беэътиноӣ ба раванди ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар даҳсолаҳо қафо мондааст. Ин ҷараён хилофи оияндаи босуботи давлатдории миллӣ мебошад.

**Бо изҳори таассуф таъкид бояд кард, ки раванди амалисозӣ гаштани ташаббуси таърихии Даврони Эҳёи миллати тоҷик хосияти зоҳирпарастона ва ҳисоботдиҳӣ касб кард. Дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ ва шикасти рӯҳияи саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонагон, раванди таассуб, хурофот, ки асоси маънавиёти ифротгароӣ ва терроризм мебошанд, ҳамчун амали муассир ба майдони набарди воқеӣ ворид гашта натавонист.**

Сифати амалкарди системаи ягонаи таъмини асосҳои бунёдии маънавиёти миллӣ (ғояҳо, ҷаҳонбиниҳо, арзишҳои миллӣ - таърихӣ) дар доираи талаботи сохти конститутсионӣ ба талаботи замон, ҳифзи боэътимоди амнияти миллӣ ба шароити имрӯз ва ояндаи наздик мувофиқ нест. Дар ин маврид, баробарвазнии таҳдидҳо, тахассусмандии ташкилоту созмонҳо, афроди алоҳидаи муваззаф ба тахрибкорӣ бар зидди арзишҳои сохти конститутсионӣ ва маҷмуи чорабиниҳое, ки давлат барои ҳимояи худ дар сатҳҳои оила, мактаб, донишгоҳ, муҳит, ҷомеа роҳандозӣ кардааст, мувофиқати пурра надоранд.

Ҳодисаҳои нангин ва ҷиноятҳои сангине, ки дар сатҳи байналхалқӣ, ҷуғрофияи берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар се соли охир бо иштироки шаҳрвандони мо ба вуқуъ пайвастанд, на танҳо ба манзалат ва обрӯи миллати тоҷик иснод овarданд, балки бонг (аломат, ишорат, хабар, огоҳӣ)-и хатар барои оромӣ, сулҳу субот ва сохти конститутсионӣ гардиданд.

Бузургтарин ангезае, ки муҳтавои ҷаҳонбинии шахсро фаро мегирад, идея аст. Душманони давлати миллӣ бо ҳаннотӣ ва суистифода аз дин ин амалро тавонистанд роҳандозӣ кунанд. Ҷавонони зиёдро гумроҳ ва ба лашкари сарсупурдаи бозигарони геополитикӣ бар зидди манфиатҳо ва обрӯи миллати хеш сафарбар намоянд.

Системаи маърифати идеологии умумимиллии мо, мутаассифона, дар доираи мафҳумҳо, назарияҳо ва қолабҳо амал мекунад, на бар асоси идеяҳо.

Маҳз идея аст, ки бо тавони истифодаи он на танҳо ҳадаф ифода ва тафсири амалии худро меёбад, балки барои дигаргун сохтани он ба манфиати ташаббускори амал кӯшиш мекунад.

Идея дар муҳтавои худ роҳу воситаи амалӣ кардани хешро дорад. Он ҳадафи худро сидқан меомӯзад. Вобаста ба он мақсаднок амал меку-

## ХУДШИНОСӢ

над, то ҳолати руҳиву равонии фард ё ашхоси мунтахаб ба мақсадҳо мувофиқ гардонида шавад.

Идея ҳаст, ки сараввал мантиқи давра ба давраи амал фаҳмонида, аниқтараш тавассути он муътақид кунонида мешавад. Таҷрибаи таърихӣ ва муосир ҳамин роҳу усулро тасдиқ мекунад.

**Идеяҳое, ки Пешвои муаззами миллат солҳои тӯлонӣ расман эълон медорад ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд.**

Зарур аст, ки ин идеяҳо коркард ва бо истифода аз принсипҳои таърихӣ, таърихӣ - муқоисавӣ, таърихӣ - типологӣ, таърихӣ - генетикӣ, ки ба мавзуи хештаншиносӣ ва худшиносӣ наздик ҳастанд, дар ҷараёни эҳёи миллати тоҷик бо талабот ва шаклу усулҳои рақобатпазир ва самаранок дар тарбияи омма истифода гарданд.

Нимаи дуюми асри XIV, замоне ки Даврони Эҳё дар Аврупо оғоз гардид, ташаббускорон ва дастандаркорони он зиёиёни эҷодкор, олимон буданд. Онҳо ҳаёти худро зери хатар гузошта, ҳаёти ҳаммиллатҳои худро наҷот бахшиданд.

**Чун зиёиён ҳамчун табақаи бузург вориди ин ҳаракат гаштанд, онҳо таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб карда тавонистанд. Мардуми одиро муътақид сохтанд, ки ягона роҳи халосӣ аз ғуломӣ, бандагӣ, ақибмондагӣ эҳёи анъанаҳои миллӣ - қадимӣ аст, на он чизе, ки бегонагон ба сари онҳо бор кардаанд. Ва акнун аз он тарзе мехоҳанд, истифода мекунанд.**

**Мардуми аз лиҳози ирсӣ ҳам ҳушманди Аврупо, тавассути фарҳанги қадима, зина ба зина вориди моҳияти масъала гашта, худро аз таассубу хурофот раҳоӣ бахшиданд.**

Истилоҳи Ренессанс (Эҳё)-ро - аз нав таваллуд гаштан, эҳё шудан ва «яке аз бузургтарин давраҳои маданӣ - таърихӣ, нуқтаи гардиши куллӣ дар таърихи Аврупо байни Асрҳои Миёна ва Замони Нав, ки фарҳанги ҷадиди Аврупоро бунёд гузоштааст», ном мебаранд. Ба хотири сипосгузорӣ ба насле, ки миллатро аз ҷоҳилият, аз банди хурофоту таассуб ва торикиву зулмот раҳо кардааст, он давраро ҳамчунон бо ифтихори бузург, бо ҳарфҳои калон «Замони Нави Барвақтӣ» ном ниҳодаанд.

«Барвақтӣ» ном гирифтан тавассути Ҳаракати Эҳё маънои нисбат ба халқҳои дигари дунё, ки то кунун дар банди ҷаҳолат, таассубу хурофоту «каромот»-анд ва ҳамин тарик, аз ғуломони ҷисмониву маънавӣ, дастнигару корафтодаи дигаронанд, пеш рафтан, пешсаф буданро дар назар дорад.

Тавре хотирнишон гардид, миллатҳо аз рӯи хосиятҳои антропологӣ, физиологӣ, генетикӣ, имконоти ақлонӣ ва руҳиву равонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аммо чунин сифат хосияти нисбӣ дорад, на мутлақ. Мардум дер ё зуд аз дунболи Ақл, Хирад, Фаросат, таъбиру тадбири наку - гуманизм (истилоҳи Даврони Эҳё), воқеъногарӣ ва одамсолорӣ меравад. Аммо чӣ гуна? Чӣ тавр? Бо кадом фоҷиаҳо ва бурду бохтҳо? Азобу шиканҷаҳо? Аврупо, тавре мебинем, ин корро ҳафтсад сол қабл оғоз кард ва муваффақона анҷом бахшид. Чандин наслҳо, аз ҷумла мо, шоҳиди натиҷаҳои он ҳастем.

**Аз рӯи таҳлили кӯтоҳ мебинем, ки миллати тоҷик дар шароити навини таърихӣ, бо таҷрибаи шашҳазорсола, барои муваффақона паси сар кардани Даврони Эҳё, ки оғози он эълом гардид, тамоми шароит - решаҳои тамаддунӣ, бунёди қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ақлонӣ ва генетикиро дорад. Фақат онро роҳандозии ҳар чӣ зудтар ва роҳнамоии тахассусмандона бояд.**

**Фаромӯш намекунем, ки дар мавриди амали нек таърих доимо фурсат, шонси кӯтоҳ мегузорад. Эҳёи миллатро Пешвои муаззами миллат ҳамчун Ҳаракати умумимиллӣ эълон кардааст.**

### ХУЛОСА

1. Даврони Эҳёи Аврупо (асрҳои XIV -XVI) яке аз бузургтарин воқеаҳои таърихӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти инсоният буд. Бидуни чунин гардиши куллӣ, тамаддуни аврупоӣ на танҳо halметавонист ба ҷойгоҳе, ки имрӯз дорад, соҳиб шавад, балки Шарқ ҳам ҳолати аз ин бадтари асримиёнагӣ медошт.

2. Давлатҳои Аврупо тавассути Даврони Эҳё ба дастовардҳои бунёдӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг ноил гаштанд. Мардумро аз ҷаҳолат раҳо карданд. Бо сохтани давлатҳои миллӣ

## ХУДШИНОСӢ

ҳувияти миллӣ ва тамомияти арзии худро нигоҳ доштанд. Ҳастии шарафмандонаи хешро дар доираи оилаи байналхалқӣ таъмин намуданд.

**3. Эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки маҳз тарзи тафаккури хурофотӣ, таассубгароёна пайравии номусолиҳатомез ба ҳар гуна чораёнҳои динӣ, мазҳабӣ ва фанатизм мардумро ба ифроту тафрит мебарад. Ба ҳамин хотир, мундарича ва мухтавои ҷаҳонбинии мардумро чун масъалаи калидии Эҳёи ҷомеа интихоб намуданд.**

4. Қувваҳои ҳаракатдиҳандаи Даврони Эҳёи Аврупо бузургтарин олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон, муборизон, фидоиёни ватан ва миллати худ буданд. Онҳо қудрату неруи хешро, ки пештар бо сухан ва қалам ифода мекарданд, дар амал санҷиданд. Ба майдонҳо назди мардум рафтанд. Хостанд дониста бошанд: оё метавонанд оммаро аз панҷаи хурофот, ҷаҳолату нодонии асримиёнагӣ раҳо созанд? Муътақид гардонанд, ки ватану миллати онҳо, замини хокӣ ва мардумони одианд. Саҷдагоҳи Инсон Ақл, Дониш ва Хиради одамист. Исбот намоянд, ки бо силоҳи Маърифат боварманд кунонидани одам, аз бовар кунонидан бо силоҳ авлотар аст.

5. Сабаби Даврони Эҳё ном кардани ин ҳаракати бузурги таърихӣ аз нав зинда кардан, ҷон бахшидан ба беҳтарин намунаҳои илм ва фарҳанги Юнони Қадим ва Рими Қадим бар хилофи даъвоҳои руҳоният буд, ки тарғиб мекарданд: «Оғози фарҳанги ноби одамӣ аз замони зуҳури Исои Масеҳ сарчашма мегирад».

**Далелҳои илман асоснок ва қотеонаи зиёиёни эҳёгар, руҳи миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллатҳои Аврупоро баланд кард. Ғурури истиқлолхоҳии ононро неру бахшид. Фикру андешаи аксарияти мардумро дар бораи таърихи воқеии фарҳангу миллатҳояшон тақвият дод.**

6. Азбаски дар байни руҳонияти Даврони Эҳёи Аврупо шахсони воқеан таҳсилдида, ташвиқгари ростӣ, масъулиятшиносу худогоҳ, мутафаккиру хирадманд, ҳимоятгари тамаддун ва фарҳанги миллатҳои хеш кам набуданд, намояндагони барҷастаи онон ҳикмати давраи Эҳёро хуб дарк карданд. Ва чунин шиор партофтанд: «Эҳёгарон барои истиқлоли миллати ман мубориза мебаранд. Мо бо онҳоем!».

7. Минбаъд дар ҳар кишвари Аврупо Шурои миллии уламои католикӣ ташкил шуд. Шуро зери назари нухбагон ва мутафаккирони руҳонӣ ҳуҷҷатҳои аслии хутба ва фатвоҳои диниро таҳрир карда, онҳоро бидуни халалдор кардани моҳияташон, ба манфиати рушду пешрафти илму фарҳанг ва технологияи миллатҳои хеш мувофиқ сохтанд.

**8. Давраи Эҳё мафҳуми дини миллӣ ва милликунонии динро дар Аврупо асос гузошт.**

**9. Инқилоби маънавии ҳафт аср қабл, мардуми Аврупоро ба рӯзгор ва сатҳи баланди рушди иқтисодиву иҷтимоии кунунӣ овард. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем. Ва бидуни эҳсоси хиҷолат, зарурати муҳокима, расидан ба сабабу омилҳои ин пешрафт, масъулияти худогоҳӣ ва худсозӣ аз онҳо истифода мекунем.**

### ОХИРСУХАН

Ҳар насл (хонда шавад халқ, миллат, давлат, мардум) наметавонад вароқи зиндагиро аз саҳифаи нав оғоз кунад. Барои одамони соҳибхирад чунин зарурат ҳам нест. Вобаста ба шароити таърихӣ, анъана, урфу одат, муҳит, замон ва макон истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи мардумони бохиради пешин ва ҳамасрон низ шарти муваффақият ва пешравӣ аст.

Ба ҳамин хотир, ба тарзи кӯтоҳ зарурат, сабаб, омилҳо, шароит ва намунаҳои Даврони Эҳёи миллии Аврупо ҳамчун мисоли таърихӣ оварда шуданд, ки албатта, навоварӣ нест.

Аммо мо ба ин ҳақ дорем: «Ҳар кашфиёте, ки мансуб ба ақли одамизод аст, дастоварди умумибашарист» (Г. Лебон).

Ба назари мо, муқоисаи вазъи Аврупои асри XIV ба ҳолати маънавии Тоҷикистони асри XXI ба хотири хулосабарорӣ, арзёбӣ ва коркарди нақшаи амал тақозои зарурӣ ва ҳаётан муҳим мебошад.

**Яке аз намояндагони машҳури миллати немис Артур Шопенгауэр (1788-1860) таъкид мекунад: «Немисҳоро мазаммат мекунанд, ки онҳо бештар ба фаронсавиҳо ва англисҳо тақлид мекунанд; аммо фаромӯш месозанд, ки ин бисёр кори оқилона аст, ки онҳо ҳамчун миллат карда метавонанд, ба хотири он ки феълан немисҳо бо қувваи худашон кори муфид ва хуб фикр карда бароварда наметавонанд».**

## ХУДШИНОСӢ

**Аз лиҳози рушду тараққиёти иқтисодӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ, шукр, мо дар ҳамгашти як кӯчаем. Аммо бо итминони комил гуфта метавон, ки бо ҷаҳонбинии хурофотӣ ва таассубгароии умумӣ, дар асри XXI, бо сипарӣ гаштани ҳафтсад сол баъди Даврони Эҳёи Аврупо, мардуми мо гурӯҳ - гурӯҳ намунаҳои сангинтарини маънавиёт, рафтор, таассуб ва хурофоти асримиёнагиро ҳамчун зуҳуроти умумӣ ба намоиш гузошта, дар ин раванд сахт истодагарӣ ва якравӣ мекунанд.**

Дар рисола, оид ба дар давлатҳои пешқадам мавҷуд будани системаи ягонаи ҳифзи субот ва сохти конститутсионӣ дар мавридҳои буҳронӣ, ки замонати комили амнияти ҷомеаро медиҳад, ишора рафт.

Тамоми системаҳо дар болои коғаз хоҳанд монд, агар хештаншиносӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ бар маънавиёти бегонапарастӣ ғолибият пайдо накунад. Агар манзалати Илму Маърифат, Ақлсолориву Хирадгарой бар таассубу хурофот ва ҷаҳонбинии асримиёнагӣ, ки тавлидгари ифротгароиву терроризм аст, чира нагардад.

Дар роҳи ҳалли чунин муаммо «Ҳар халқ метавонад ва бояд аз мардумони дигар омӯзад» (Г. Плеханов).

Агар зиёиёни Даврони Эҳёи Аврупо барои аз торикӣ, таассуби асримиёнагӣ, ҷаҳолат, фақирӣ, озод кардани миллатҳои худ бо руҳониёни ватандӯст ва бонангу номус ба тавофуқ расида, ҷонбозиҳо карда, ба мақсад расида бошанд, вақти он аст, ки эҳёи миллати тоҷик ҳам аз ҷониби зиёиён ва андешамандони пешқадам, ки бо ҷаҳонбинии мардум сарукор доранд, ба як чабҳаи умумимиллӣ мубаддал гардад.

**Барои ҳар нафаре, ки имкон аст, дар масири хатарноки хатои зидди манфиатҳои Ватану миллат қарор гирад, мубориза бояд бурд. Сабабҳои ин ҳолатро ошкор ва дар доираи як системаи коркардшудаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бартараф намуд.**

Мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки «шуури миллӣ - шуури ягонаи тақдири таърихӣ аст» (Н. Бердяев). Бештар аз ҳамватанони мо, дигар дар олам касе мисли худи мардуми Тоҷикистон барои субот, амният ва рушди кишвари мо манфиатдор нест.

Тавре дидем, барои Даврони Эҳёи Аврупо ду омили аслӣ истифода шудааст: зиёиён бо руҳонияти миллатпараст (1) ва маводи аслӣ – чабҳаи маънавӣ - бозгашт ба илм, адабиёт ва фарҳанги ниёгон (2).

Дар шароити Тоҷикистони муосир ин имконот бамаротиб қавӣ ва неруманд аст.

**Хотирнишон гардид, ки аввалан, пешоҳанги Эҳёи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз рӯзи аввали зимоми ҳокимиятро ба даст гирифтан дар ин роҳ собитқадамона, ҷоннисорона, қаҳрамонона мубориза мебарад. Ин далели таърихӣ аст.**

Дуюм, агар миллатҳои Аврупо фақат ба захираҳои маънавии Юнони Қадим ва Рими Қадим такя карда бошанд, миллати тоҷик дар ин мавридд, боигарии нақди сиёсӣ-таърихӣ ва тамаддунӣ бо сулолаҳои Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Сомониён дорад.

Сеюм, бойтарин дастовардҳои фарҳангӣ ва адабиёти ҷаҳонӣ, яъне ганҷина ва хамосаҳои саромадони адабиёт, илм ва фарҳанг - Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва офаридаҳои ҷаҳоншумули даҳҳо нобиғагони дигари миллати тоҷик дар ихтиёри зиёиён, мутафаккирон, дастандаркорони соҳаи маънавиёти миллӣ қарор доранд.

**Инҳо бунёд, хазина, сарчашма ва силоҳи бузурги маънавӣ ҳастанд барои муваффақ гаштан ба амали ҳаётан муҳим – наҷот бахшидани насли имрӯза аз доми ҷаҳолат, торикӣ, таассуб, хурофот, ифротгаройӣ, терроризм ва фоҷиаи навбатии умумимиллӣ.**

Агар ҳамасрони ҳушманди мо аз ӯҳдаи ин вазифаи таърихӣ бароянд, ояндагон баъди ҳафтсад сол ҳам ному фидокории равандагони роҳи Эҳёи миллатро дар ин шароити наздик ба хурофоти асримиёнагӣ фаромӯш нахоҳанд кард.

**Даврони Эҳёи миллати тоҷик ниёз бо кӯшишҳои бесобиқа, ғайримуқаррарӣ, ҳадафманд ва муҳимтар аз ҳама, содиқона дорад.**

**Бо дарназардошти вазъи геополитикии олам, минтақа ва равандҳои дохилӣ дар ин амали ҳаётан муҳим набояд лаҳзае таваққуф кард.**

**Бознашр аз маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа», №3 (33), соли 2023**

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои филологӣ**



# ДАР ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН САҲМИ АРЗАНДА БИГУЗОРЕМ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола Паёми худашонро «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми мардуми шарифи кишвар ироа мекунанд.

Дар Паёми Пешвои муаззами миллат раванди созандагиву ободкорӣ, таъмини нақшаву барномаҳои пешбинигардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ матраҳ гардида, ҳамчунин, ҷиҳати рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат, вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳон ва бархӯрду бозиҳои сиёсию иқтисодии абарқудратҳои ҷаҳонӣ таҳлилу баррасӣ карда мешаванд.

Роҳбари давлат дар Паёми хеш зикр намудаанд, ки сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1, 5 баробар афзоиш ёфт.

Ҳамин буд, ки дар ҷумҳуриамон рушди иқтисоди миллӣ афзоиш ёфта, таъмин ва некуаҳволии мардум дар панҷ соли охир баланд ва даромади пулии аҳолӣ 2,1 баробар зиёд гардидааст. Музди меҳнат ва андозаи нафақа низ афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Дар маҷмуъ, Паёмҳои Президенти Тоҷикистон фарогири тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат буда, дар онҳо муваффақияту камбудиҳои ҳар як соҳа дар муқоиса бо солҳои пешин ва дастоварду комёбиҳои ходимони ин ё он соҳа мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор мегиранд. Бинобар ин, ҳар як мутахассиси мамлакатро зарур аст, ки дар фаъолияти хеш баҳри амалишавии пешниҳодҳои судманд кӯшишу талош намояд.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии хеш дар баробари таҳлили соҳаҳои гуногуни мамлакат, инчунин, баҳри беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар бораи баланд гардидани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, махсусан, омӯзгорону кормандони илмӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар Паёми навбатӣ, ки 23 декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, гуфта

шуд, ки дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Зикр гардид, ки музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, идрорпулиҳою андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад, ки ҳар яки мо – омӯзгорону донишҷӯён ин дастгирии навбатии Пешвои миллатро дар раванди фаъолияти худ шоҳид будем. Агар мо Паёми Сарвари маҳбуби давлатамонро мавриди омӯзиш қарор диҳем, мебинем, ки он тамоми масъалаҳои марбути ҷомеаро дар бар гирифта, дар баробари зикри пешрафту камбудиҳо, ҳамзамон, роҳҳои бартарафкунии нуқсону норасоиҳои дар соҳаҳо ҷойдошта низ матраҳ мегардад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, нозукиҳои ҳар касб барои мутахассисони ҳамон соҳа бештар маълум аст. Бинобар ин, барои пешрафти дилхоҳ соҳа, пеш аз ҳама, маслиҳату таклифҳои пешниҳодкардаи мутахассисонро ба эътибор гирифтан ба манфиати кор аст. Агар нозукиҳои кори соҳаи маориф ба омӯзгорону маорифчиён маълум бошад, мушкилоти соҳаи тандурустӣ ба мутахассисони ин соҳа бештар маълум аст. Ҳамчунин, ҷиҳати пешрафту тараққии бештар ҷобаҷогузории мутахассисони он соҳаҳо хеле зарур мебошад.

Масалан, доир ба саноати дорусозӣ дар кишварамон як қатор корхо ба сомон расида, истеҳсоли 540 намуди доруворӣ ба роҳ монда шуда аст. «Вале имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт хеле зиёданд», – гуфтанд Пешвои миллат. Ин эрод комилан дуруст буда, барои ҳар фарди худогоҳ маълум аст, ки дар дашту кӯҳсори Тоҷикистон гиёҳу рустаниҳои шифобахш хеле зиёд аст ва чаро мутахассисони дорусози мо аз он неъматҳои табиӣ истифодаи фаровон накунанд? Тавре ки медонем, фақат дар дараи зебоманзари Яғноб зиёда аз 150 навъ алафу гиёҳ мерӯяд, ки аз инҳо 120 навъаш алафҳои хӯрданибоб мебошанд. Гарчанде дашту кӯҳсори ватанамон саршор аз гиёҳҳои доруӣ бошад ҳам, тибқи гуфтаи Сардори давлат «дар зарфи ду соли охир ба кишвар ба маблағи қариб 84 миллион доллар доруворӣ ворид шудааст». Ин ҳолат моро водор месозад, ки дар мамлакатамон корхонаҳои дорусозиро бунёд намоему истеҳсоли доруро ҳарчи бештар ба роҳ монем. Бо ин роҳ нархи доруворӣ арзон гардида, ба дорухонаҳои мамлакат доруҳои қалбакӣ ворид намегарданд.

Нуктаи дигаре, ки дар Паёмҳои Президенти кишвар садо медиҳад, ин истихроҷ ва коркарди сангҳои сохтмонию ороишии ватанӣ мебошад. Тоҷикистон мамлакатест, ки 93 фоизи ҳудудашро кӯҳсор ташкил медиҳад. Бо вуҷуди соҳиби сангҳои гуногуни ороишӣ буданамон «дар солҳои 2021-2022 ба кишвар ба маблағи қариб 10 миллион доллари амрикоӣ сангҳои ороишӣ ворид гардида, танҳо хароҷоти онҳо беш аз 2 миллион долларро ташкил додааст».

Илова бар ин, дар татбиқи 5 лоиҳа дар самти инфрасохтори коммуникатсия ба роҳ монда шуда, тибқи он сохтмони роҳҳои мошингарди Гулистон - Кӯлоб, Данғара - Гулистон, Гулистон - Фархор, Бохтар – Леваканд - Данғара, 4 қитъаи роҳ дар вилояти Суғд ва сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои Ғунд, Шорфдарё ва долонҳо дар минтақаи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон амалӣ мегарданд. Роҳсозӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки иртибототи иҷтимоиро осон намуда, алоқаи рафтуои бештари сокинон дӯстию ваҳдатро бештар мегардонад ва иқтисоду сармояро тақвият мебахшад.

Хулоса, Паёмҳои ҳарсолаи Сарвари давлат тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро мавриди таҳлилу муқоиса қарор медиҳад. Метавон дар бораи бурду бохти ҳар як соҳа мақолаи алоҳидае навишт, вале мо - аҳли маорифро лозим аст, ки ба як нукта таваҷҷуҳи хос зоҳир намоем: Ҳар масъалае, ки дар самти иқтисодиёти хоҷагии халқ, истеҳсолот, фарҳангу маънавиёт, маориф ва илм, сиёсату амният матраҳ гардад, бевосита ба фаъолияти ҳаррӯзаи аҳли маориф иртибот дошта, моро вазифадор менамояд, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ва омода кардани кадрҳои соҳавӣ тамоми назокати илмиву тахассусӣ ва донишу маҳоратамонро ба кор бигирем. Зеро амалӣ шудани ҳар як барнома аз мутахассисони кордону донишманди ҳамон соҳа вобаста аст.

ТАҚРИЗ

**Ҷ. ҶӮРАЗОДА,**
**муовини якуми вазири маориф ва илм, доктори илмҳои таърих, профессор,**
**Ш. ШАРИФОВ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент**

# ТАҲҚИҚОТИ ПУРАРЗИШ




Доир ба таърихи давраи нав ва навтарини халқи тоҷик садҳо рисолаву таҳқиқоти бунёдиву ҷамъбастӣ, рисолаҳо ва мақолаҳо таълиф ва интишор шудаанд, аммо бисёр саҳифаҳо, рӯйдодҳо, воқеаҳои давраи нав ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашуда, муҳаққиқони худро интизоранд.

Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон пур аз ҳодисаҳо, воқеаҳо мебошанд, ки дар таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ғоявӣ ва маънавии мардуми ин минтақа таҳаввулоти бузургро ба миён овардаанд. Хосатан, давраи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ ва ҳамроҳ карда шудани он ба ҳайати империяи рус яке аз марҳилаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи муҳаққиқон, муаррихони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб сохтааст. Дар таълифот ва таҳқиқоти муаррихони тоҷик, аз ҷумла, академикҳо Б.Ғафуров, З.Ш.Раҷабов, С.А.Раҷабов, Б.Искандаров, А.Мухторов, Р.Масов, узви вобастаи АМИТ Ҳ.Пирумшоев, профессорон О.Боқиев, Н.Ҳотамов ва дигарон паҳлуҳои гуногуни таърихи давраи мустамликадорӣ, оқибатҳои манфӣ ва мусбати истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ, сарнавишти мардуми тоҷик дар ҳайати он ва ғайра мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Пош хӯрдани ИҶШС, аз байн рафтани қолабҳои идеологӣ, сиёсӣ, ғоявии даврони шуравӣ, фишору дастурҳои ҳизбӣ ба муаррихон чунин имкониятро фароҳам овард, ки ба бисёр саҳифаҳои «доғ» ва норавшани таърих аз диду нигоҳи нав рӯй оранд. Хусусан, имконияти истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки пештар бо муҳри «комилан махфӣ» дар бойгониҳо маҳфуз буданд, ба муаррихон даст дод, ки дар пояи сарчашмаҳои муътамад бисёр масъалаҳои мубрам, фоҷиабор, пурпечутоби сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ ва фарҳангиро аз мавқеи нав баррасӣ намоянд.

Яке аз чунин саҳифаҳои норавшани таърихи давраи мустамликадорӣ фаъолияти Агентии сиёсии Россия дар Бухоро ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти муаррихоне, ки ба ин марҳила бахшида шудаанд, доир ба фаъолияти ин ниҳоди калидии Россияи подшоҳӣ, ки дар татбиқи сиёсати мустамликадорӣ ва истисморӣ нақши муҳим мебозид, маълумоти хеле ноқис ва парокандаву

номуназзам ба назар мерасанд. Ҳатто дар таҳқиқоти бунёдии шашҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик», ки дар даврони истиқлол нашр гардид, доир ба ин мавзуъ иттилоотӣ кофӣ ба назар намерасад. Дар бобҳои 5, 6 ва 7-уми ҷилди чоруми ин таҳқиқоти ҷамъбастӣ, ки ба давраи истило ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия, сиёсати мустамликавии Россияи подшоҳӣ дар ин минтақа, аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX, барқарор шудани протекторати Россия аз болои аморат бахшида шудаанд, доир ба фаъолияти Агентии сиёсии Россия дар Бухоро иттилооти кофӣ мушоҳида намешавад. Масалан, дар зерфасли боби 7-уми «Таърихи халқи тоҷик» (ҷилди 4) «Сиёсати Россия оид ба дар зери протекторати худ нигоҳ доштани аморати Бухоро» (саҳ. 600-605) дар хусуси чораву тадбирҳои маъмурияти мустамликадории Россияи подшоҳӣ барои мустаҳкам кардани мавқеи он дар аморати Бухоро, тақвият бахшидани назорати сиёсӣ ва вусъати нуфузи иқтисодии Россия дар аморат бо чанд далелҳо иктифо намудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши таърихи таъсис, фаъолият ва аз байн рафтани Агентии сиёсии Россия дар Бухоро яке аз масъалаҳои муҳими таърихи давраи мустамликадорӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи яке аз муаррихони шинохтаи ҷумҳурӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Абдулҳаким Розиқзода «Агентии сиёсии Россия дар Бухоро» ба ҳамин мавзуи мубрам ва ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳқиқнашуда бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти мазкур дар илми таърихнигории (историография) тоҷик иқдоми нахустин маҳсуб ёфта, он воқеан таълифоти наву тоза мебошад.

Рисола дар пояи сарчашмаву манбаъҳои муътамад ва дастиаввал, ҳуҷҷатҳои нодири бойгонӣ, ки ҳанӯз дастраси аҳли илм нагашта буданд, таҳқиқоти муҳаққиқон ва муаррихони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ, хориҷӣ таълифӣ гашта, муаллиф масъалаҳо, паҳлуҳо ва ҷанбаҳои марбут ба мавзуи пажуҳишро аз диду назари нав таҳлил ва арзёбӣ намудааст.

«Агентии сиёсии Россия дар Бухоро» аз чор боб иборат буда, дар он масъалаҳои муҳимтарини муносибатҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангии Россия ва аморати Бухоро дар марҳилаҳои гуногун, замина, сабаб ва омилҳои таъсиси Агентии сиёсии Россия дар аморати Бухоро, вазифа, ваколат ва салоҳияти ин ниҳод дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби аввали рисола «Таърихи муносибатҳои Россия ва Бухоро» аз ду зербоб иборат буда, он ба инъикоси мухтасари таърихи равобити Россия ва аморати Бухоро то замони таъсиси генерал-губернатории Туркистон, муносибати Россия ва Бухоро то давраи истилои Осиёи Миёна ва таъсиси Агентии сиёсӣ бахшида шудааст. Дар ин боб, муаллифи рисола оид ба решаҳои қадими равобити мардуми Осиёи Миёна бо Россия дар пояи сарчашмаҳои илми бостоншиносӣ, сиккашиносӣ, маъхазшиносӣ, осори таърихию ҷуғрофии муаллифони асримиёнагӣ, аввалин сафоратҳои расмию дипломатӣ, омӯзишӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, иктишофии Россия ба Осиёи Миёна, расму русуми қабули ҳайатҳои расмӣ, сафирон, низомиён, олимону сайёҳон маълумот ҷолибу шавқовар овардааст.

Дар зерфасли сеюми боби аввал «Таъсиси Агентии сиёсии Россия дар Бухоро ва густариши минбаъдаи муносиботи байни Россия ва Аморати Бухоро» заминаҳо, омилҳо, ангезаҳо, ҳадаф ва мақсади таъсиси Агентии сиёсии Россия дар аморати Бухоро, ҳуқуқ, фаъолият, вазифа ва салоҳияти он дар амри пиёдасозии сиёсати мустамликадории Россия, зери назорати густурда қарор додани тамоми самтҳои ҳаёти аморат, амалдорони олимақоми он – аз амир то ҳокимони маҳаллӣ маълумот ва иттилооти дақиқ ва ҷолибу шавқангез оварда шудааст. Дар ин зерфасл муаллифи рисола доир ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби император Николаи II ба тасвиб расида, фаъолияти Агентии сиёсиро расман ба танзим медаровард, чунин қайд менамояд, ки тибқи дастуруламале, ки

**ТАҚРИЗ**

онро император имзо намуда буд, Агентии сиёсӣ мебоист доир ба тамоми масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии аморат бо амир дар иртибот бошад ва ҳамеша муносибати вазирону дигар амалдорони амирро нисбат ба Россия (чӣ мегӯянду чӣ мекунанд) зери назорати доимӣ гирад. Агентӣ фаъолияти бекигариҳо, маводи дар саҳифаҳои дар рӯзномаҳо нашршаванда ва ғайраро зери назорат қарор бояд диҳад, ки дар онҳо мабодо навиштаҳои зидди русӣ нашр нагардад, маъмурон, тоҷирон, мардуми маҳалҳои руснишинро зери ғамхорӣ ва пуштибонӣ қарор диҳад ва ба ин васила, манфиатҳои сиёсӣ, стратегӣ ва ҳарбии Россияи подшоҳиро дар минтақа муҳофизат ва таъмин намояд.

Воқеан ҳам, ҳадафи маъмурияти мустамликадории Россияи подшоҳӣ пеш аз ҳама, таъсиси генерал-губернатории Туркистон Агентии сиёсии Россия дар амал татбиқ намудани сиёсати мустамликадорӣ, ба тобеияти маъмурияти рус нигоҳ доштани мардуми маҳаллӣ, ҳимояи манфиатҳои старатегии Россия дар минтақа, истифодаи сарватҳои табиии Осиёи Миёна ба манфиати помешикону капиталистони рус, пешгирии ҳамагуна норозигӣ ва шӯришу исёнҳои мардуми маҳаллӣ бар зидди мустамликадорон, русикунонӣ ва махлутшавии аҳолии маҳаллӣ бо халқиятҳои Россия буд, ки онро садҳо далелу ҳуҷҷатҳо тасдиқ менамоянд. Масалан, дар номаи ёвари фармондеҳи қушунҳои округи ҳарбии Туркистон генерал-лейтенант Матсиевский ба унвони Шуъбаи туркистонии Анҷумани ховаршиносон гуфта мешавад: «Генерал-лейтенант асарҳои Шуморо оид ба корҳои Анҷумани ховаршинон мутолиа намуда, амр намуд, ба таваҷҷуҳи Шумо расонам, ки Алоҳазрат бо кулли масъалаҳо розӣ мебошад, вале чизи аз ҳама асосӣ фаромӯш шудааст. Анҷуман бояд Шарқро на барои Шарқ ва илм, балки барои махлутшавӣ бо халқиятҳои Россия – русикунонӣ омӯзад».

Дар зерфасле, ки ба тавсифи ваколат, вазифа ва салоҳияти Агентии сиёсӣ бахшида шудааст, муаллифи рисола дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва далелҳои қавӣ қайд менамояд, ки фаъолияти Агентии сиёсӣ беш аз пеш густурда, фарогири тамоми самтҳои ҳаёти сиёсӣ, маъмурӣ, идоракунӣ, назоратӣ, политсиявӣ, судӣ ва ғайра буд.

Боби дуюми рисола «Нақши Агентии сиёсӣ дар ҳаётии сиёсию иқтисодии аморати Бухоро» аз ду зербоб иборат буда, он ба таҳлилу баррасии таҳаввулоти иқтисодию иҷтимоӣ, сохтмони роҳи оҳан, таъмиру тармими роҳҳо, алоқа ва телеграф, бунёди корхонаҳои гуногун, рушди саноати кӯҳӣ, сиёсати андоз ва андозбандӣ, гумрук, муомилоти молию пулӣ, рушди кишоварзӣ, хусусан, пахтакорӣ, мушкилоти масъалаи об ва обёрӣ дар Аморати Бухоро, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, хизматрасонии тиббӣ ва ғайра бахшида шудааст.

Зербоби дуюми боби мазкур ба инъикоси яке аз ҳодисаҳои фоҷиабор – мухолифати мазҳабии аҳли шиа ва суннӣ, ки ба хунрезӣ оварда буд, мавқеи Агентии сиёсӣ нисбат ба ин фоҷиаи мудҳиш дар асоси далелҳои бойгонӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони гуногун бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола «Агентии сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ - фарҳангӣ» шомили се зербоб буда, дар он масъалаҳои чараёни маорифпарварӣ, матбуоти даврӣ - рӯзномаву маҷаллаҳо, мактабҳои усули нав, ҷамъияти «Тарбияи атфол», муносибат, нуфуз ва дахолати Агентии сиёсӣ ба ин падидаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин боб муаллиф оид ба фаъолияти барҷастатарин чеҳраҳои намоёни ҷараёни маорифпарварӣ Аҳмади Дониш (1827-1897), Мирзо Абдулазими Сомӣ (1838-1914), Садри Зиё (1867-1932), Абдурауфи Фитрат (1886-1938), Садриддин Айнӣ (1878-1954), нақши матбуоти даврӣ дар инқилоби фикрии мардуми Осиёи Миёна, рӯзномаву маҷаллаҳои дар ин давра нашрмешуда, таъсиси мактабҳои усули нав ва ғайра маълумоти ҷолибу шавқоварро оварда, дар ин замина, муносибат ва мавқеи Агентии сиёсиро дар робита бо ин падидаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби чоруми рисола «Роҳбарони Аген-

ТАҚРИЗ

тии сиёсӣ» унвон дошта, он фарогири 8 зерфасл мебошад. Дар ин боб шарҳи ҳол ва фаъолияти ҳафт нафар роҳбари Агентии сиёсӣ, аз ҷумла, Чариков Н.В., Лесар П.М., Игнатев В.И., Лютш Я.Я., Сомов А.С., Беляев А.К., Миллер А.Я. ва резидент Введенский П.П., мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар қисмати хотимавии рисола муаллиф баъзе мулоҳизаҳо ва мушоҳидаҳои худро пас аз таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур ҷамъбаст намуда, чунин хулоса менамояд, ки Агентии сиёсӣ дар ҳифзи манфиатҳои Россия сина сипар карда, ин сохтор дар аморати Бухоро чашму гӯш ва бозии тавонои давлати бегона (давлат дар дохили давлат), дастгоҳи маъмурияти мустамликадории Россияи подшоҳӣ буд, ки истиқлоли сиёсии аморати Бухороро комилан рабуда, бидуни розигии ин ниҳод амир ҳуқуқ надошт, ки ба ягон иқдоми сиёсӣ, байналхалқӣ даст занад ва ҳатто, амир ва амалдорони ӯ дар умури давлатдорӣ ва идораи кишвари худ мустақил набуданд.

Як хулосаи ҳадафрасу хушдордиҳандаи муаллифи рисола дар он аст, ки барои ҳар гуна халқу миллат, кишвару давлат аз озодӣ, соҳибихтиёрӣ, истиқлоли комили давлатӣ ва миллӣ неъмати пурарзиши дигаре вуҷуд надорад.

Дар замимаи рисола чанд мақола марбут ба мавзуи таҳқиқот оварда шудаанд.

Баробари комёбиҳо, дар рисолаи «Агентии сиёсии Россия дар Бухоро» баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд, ки барои такмилу беҳтар шудани мазмуни он чанде аз онҳоро ба тариқи маслиҳат манзури муаллиф менамоем.

Аввалан, дар рисола нусха, акси аслии ҳуҷҷатҳои бойгониҳо доир ба фаъолияти Агентии сиёсии Россия дар аморати Бухоро оварда шаванд, арзиш ва аҳамияти илмии рисола ба маротиб меафзояд.

Дуюм, доир ба фаъолияти назорати махфии Агентии сиёсӣ аз болои амалдорони воломақом ва маҳаллии аморати Бухоро далелҳои бойгонӣ бештар оварда шаванд, аз манфиат холӣ нест.

Сеюм, дар рисола хотираҳои амир Абдулаҳадхон ва амир Олимхон марбут ба фаъолияти Агентии сиёсӣ бештар истифода мешуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.Чорум, масъалаи иртибот, ҳамкории маъмурияти мустамликадории Россия ва амалдорони воломақом ва маҳаллии аморати Бухоро дар мавриди зери итоат нигоҳ доштани мардум, ҷорӣ намудани назорати густурда, пахши ҳама гуна зуҳуроти норозигӣ, исён ва муқобилият бар зидди мустамликадорон ва истисморгарони маҳаллӣ хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар иртибот ба ин масъала, бояд гуфт, ки дар бойгонии қӯшбегии Бухоро ҳуҷҷатҳои ҷолиб мавҷуданд. Ин ҳуҷҷатҳо собит месозанд, ки қӯшбегӣ аз болои тамоми амалдорони воломақом ва маҳаллӣ тавассути хадамоти махсус ва шахсони содиқ, ки онҳоро «мерган» мегуфтанд, назорати қатъӣ ва доимиро ба роҳ монда буд. Ин шахсон (ҷосусон) тамоми кору фаъолияти амалдорони аморатро зери назорат гирифта, ҳар рӯз ба қӯшбегӣ маълумот ва иттилоотро пешкаш мекарданд ва ба ин васила, қӯшбегӣ лаҷоми идоракунии тамоми амалдоронро дар дасти худ дошт. Дар бораи ҳамкории хадамоти ҷосусии қӯшбегӣ ва Агентии сиёсии Россия дар аморати Бухоро далелҳо мавҷуданд, агар бошанд, онҳоро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додан аз аҳамият холӣ нест.

Бояд зикр намуд, ки норасоиҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, арзиш ва аҳамияти рисолаи А.Розиқзодаро ҳаргиз коҳиш намедиҳанд. Муаллиф дар асоси таҳқиқу омӯзиш, таҳлил фаъолияти Агентии сиёсии Россияро дар аморати Бухоро дар илми таърихнигории тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, ба мақсад, ҳадафҳои дар назди худ гузоштаашуда ба пуррагӣ расидааст. Дар натиҷаи заҳмату кӯшишҳои муаллифи рисола ба доираҳои илмӣ, муаррихон, муҳаққиқон, сиёсатшиносон, таҳлилгарон, рӯзноманигорон ва оммаи васеи хонандагон як таҳқиқоти ҷиддӣ, таҳлилӣ пешкаш шудааст, ки он аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва амалиро дорост.



**Манзура ИСМОИЛОВА,**
**мураббии кӯдакистони №45-и**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ**

# ТАҲЛИЛИ ОВОЗИИ КАЛИМА
## (Намунаи як машғулият барои гурӯҳи омодагӣ ба мактаб)



**Мавзуъ:** Шинос намудани кӯдакон бо овози «Х»

**Мақсад:** Тарбияи маҳорати суханварӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавии нутқи кӯдакон. Дуруст талаффуз кардани овозҳо. Дар калима ҷудо намудани ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо. Аз калимаҳо сохтани ҷумлаҳои сода ва мураккаб.

**Асбобҳои аёнӣ:**

Расми хирсак, хонача, хурӯс, харбуза, харгӯш, мехчагул, чарх.

**Рафти машғулият:**

Мустаҳкам кардани машулияти гузашта.

Мураббӣ бо кӯдакон ба сайругашт баромада, аз назди боғи «Ирам» мегузаранд ва дар бораи боғ ба кӯдакон маълумот медиҳад. Ҳама якҷоя бо кӯдакон аз роҳи пиёдагард мегузаранд ва ба боғи ҳайвонот мераванд. Кӯдаконро бо ҳайвонҳо шинос мекунад, аз назди мағозаи бозичаҳо гузашта, ба боғча мерасанд.

**Мураббӣ:** Бачаҳо, акнун мо ба боғча расидем. Боғча ҷоест, ки дар он ҷо кӯдакон таълиму тарбия мегиранд. Акнун мо ҳам ба гузаронидани машғулият оғоз мекунем. Дар гурӯҳи мо кӣ навбатдор аст?

**Иброҳим:** Ман навбатдор ҳастам.

**Мураббӣ:** Иброҳим, офарин! Канӣ як ҳафтаи мо аз чанд рӯз иборат аст? Имрӯз кадом рӯз аст? Кадом моҳ ва таърихи чандум аст?

**Иброҳим:** Як ҳафта аз ҳафт рӯз иборат аст. Моҳи сентябр ва рӯзи душанбе аст.

**Мураббӣ**: Бачаҳо машғулияти имрӯзаи мо саводомӯзӣ мебошад. Мо, бачаҳо дар вақти сайругашт бо шумо чиҳоро дидем?

**Бачаҳо:** Хирс, харгӯш, хурӯс, хона...

**Мураббӣ:** Ҳамаи ин ҳайвоноту ашёҳо бо кадом овоз сар мешаванд?

**Ҷавоби бачаҳо:** Бо овози «Х».

**Мураббӣ:** Офарин бачаҳо! Имрӯз мо бо шумо бо (овози) ҳарфи «Х» шинос мешавем.

Ана ин ҳарфи «Х»-и калон ва «х»-и хурд мебошад.

Дар забони тоҷикӣ чандто ҳарф аст?

Чанд садонок ва чанд ҳамсадо аст?...

Офарин бачаҳо, биёед, садонокҳоро номбар мекунем ва ба ҳар як ҳарфи садонок шеър мехонем.

Дар машғулияти гузашта мо бо шумо кадом ҳарф (овоз)-ро гузашта будем?

**Ҷавоби бачаҳо:** Овози (ҳарфи) «Ф»-ро

**Мураббӣ:** Бо овози «Ф» кӣ шеър мехонад?

Яке аз бачаҳо бо ҳарфи «Ф» шеър қироат мекунад.

**Мураббӣ:** Акнун бо овози «Х» шеър мехонем.

Яке аз бачаҳо ин шеърро мехонад:

## ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

**Хирсак ба замин афтид,**
**Пешонаякаш кафид.**
**Як дастакаш ҷудо шуд,**
**Дору бастем даво шуд.**

**Мураббӣ:** Бачаҳо, мо калимаи «хонача» - ро ба ҳиҷоҳо тақсим намуда, овозҳои садонок ва ҳамсадояшро меёбем.

Бачаҳо дар ҷойҳои худ нишаста, бо доирачаҳои сабзу сурх овозҳои садоноку ҳамсадоро ҷудо мекунанд. Баъд мураббӣ аз бачаҳо мепурсад, дар калимаи «хонача» чандто садонок ва чандто ҳамсадо будааст? Дар калимаи «хонача» овози «Х» дар куҷои калима омадааст?

**Мураббӣ:** Биёед, акнун бачаҳо даврачаи сурхро гирифта, дар ҷои он овози «Х»- ро мегузорем ва мехонем: «хонача». Мо бо шумо овози «Х»-ро бо чӯбча менависем.

**Бозӣ:**

**Мураббӣ:** Бачаҳо, биёед, бозӣ мекунем. Бо калимаи «хонача» ҷумлаи сода ва мураккаб тартиб медиҳем. Онро бо тариқи бозӣ мегузаронем.

3 нафар кӯдак баромада, яктоӣ ҷумла мегӯянд, ки дар он калимаи «хонача» бошад: «Падарам хоначаи харгӯш сохт».

Боз 3 кӯдаки дигар, дутоӣ ҷумлаи 9-10 калимагӣ тартиб медиҳанд.

**Бозӣ:**

Расми офтоб сохта шудааст, ки дар нурҳои он расмҳо ҷойгир шудаанд. Кӯдакон бо навбат ба назди расми офтоб омада, якто расмро мегиранд. Он бо кадом овоз сар мешавад, чанд ҳиҷо дорад, чанд садонок ва чанд ҳамсадо дорад, овози «Х» дар куҷои калима омадааст, таҳлил мекунанд.

**Мураббӣ:** Офарин бачаҳо, Биёед, акнун бо калимаҳое, ки овози «Х» доранд, ҳикояча тартиб медиҳем.

Хуш, Ҷаҳоноро бо калимаи «харбуза» ҳикояча тартиб бидеҳ.

**Ҷаҳоноро:** «Падарам аз бозор харбуза харид. Харбуза рангаш зард буд. Вай хеле ширин буд. Онро ман бо падару модарам ва додарам хӯрдем».

**Мураббӣ:** Офарин! Ҷаҳоноро овози «Х» дар кадоме аз ин калимаҳо омадааст: «хоҳарам», «хӯрдем», «харид», «харбуза»...

**Мураббӣ:** Хуш, боз кӣ бо калимаи «харгӯш» ҳикоя тартиб медиҳад?

**Самир:** «Модарам ба хонаамон харгӯшакеро овард. Ранги он сафед аст ва хеле зебо мебошад. Ба харгӯшак хӯрок додам. Вай сабзиро бисёр дӯст медошт. Харгӯшакро нигоҳубин кардам, вай фарбеҳу калонак шуд».

**Мураббӣ:** Хуш, бачаҳо, дар кадом калимаҳо овози «Х» омадааст?

**Иброҳим:** Дар калимаҳои «харгӯш», «хӯрок»,. «хеле».

**Мураббӣ:** Боз кӣ бо калимаи «хирс» ҳикоя тартиб медиҳад?

**Зайнаб:** «Хирс ҳайвони ваҳшӣ мебошад, вай дар ҷангал зиндагӣ мекунад. Ману бародарам ба боғи ҳайвонот рафтем. Хирсро дар он ҷо дида, хеле хурсанд шудем. Ӯ ҳайвони калонҷусса буда, пойҳои кӯтоҳ дорад».

**Мураббӣ:** Овози «Х» дар кадом калимаҳо омадааст?

**Суман:** Овози «Х» дар калимаҳои «хирс», «хеле», «хурсанд» омадааст.

**Мураббӣ:** Бачаҳо, кӣ дар бораи овози «Х» чистон медонад?

**Миралӣ:**

**Кӣ бошад ин паҳлавон?**
**Паҳлавони бешабон.**
**Хоболуди зимистон,**
**Мардикори тобистон.**
(Ҷавоби чистон: Хирс).

**Ҷамъбасти машғулият:**

**Мураббӣ:** Мо кадом машғулиятро гузаштем?

Бо кадом овоз шинос шудем?

Бо овози «Х» кадом амалҳоро анҷом додем?

Дар интиҳои машғулият мураббӣ ба кӯдаконе, ки дар саволу ҷавоб фаъолона иштирок намуданд, офарин гуфта, онҳоро бо суханони хуб руҳбаланд мегардонад.



МЕТОДИКА

**Гавҳар МУРОДОВА,**
**Ҳадияи МУЗАФФАР,**
**омӯзгорони коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. БОБОҚУЛОВ**

# СУЛҲРО БОЯД СИПАР СОЗЕМ МО!

## (Намунаи Дарси сулҳ)




**Мавзуъ:** Сулҳро сипар созем.

**Мақсади дарс:** Дар руҳияи сулҳпарварӣ, ватандорӣ ва инсондӯстӣ тарбия намудани хонандагон, баланд бардоштани донишҳои грамматикӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо, инкишофи нутқ ва рушди малакаи эҷодкорӣ дар хонандагон.

**Методи кор:** суҳбат.

**Аёният:** Синфхона бо шиору гуфторҳо оро дода мешавад:

**- Мо толиби сулҳем!**
**- Нест бод ҷанг – зинда бод сулҳ!**
**- Сулҳ манбаи зиндагонист!**
**- Дониш талабу бузургӣ омӯз...**

**Омӯзгор:**
**Эй булбулакони боғи дониш,**
**Шодона таронаҳо муборак!**
**Боз омадааст фасли хониш,**
**Таҳсили нави Шумо муборак!**
**Мактаб ҳама ҷо канор бикшод,**
**Он гуна, ки модаре ба фарзанд.**
**То ин ки шумо зи хотири шод,**
**Чун ҷон ба танаш шавед пайванд.**
**Чашми падаронаи муаллим,**
**Дар роҳи шумо ҳамеша чор аст.**
**То бахшадатон самар зи таълим,**
**Ӯ худ чу дарахти мевадор аст.**
**(А. Деҳотӣ)**

Баъди суханҳои муқаддимавӣ, омӯзгор аз таассуроти шогирдон дар давраи таътили тобистона пурсон мешавад ва дар зимн бо онҳо дар бораи риояи интизому дониш, тозагӣ, эҳтироми калонсолон, сулҳу ваҳдат суҳбат карда, онҳоро ба Рӯзи дониш табрику муборакбод мегӯяд. Сипас, диққати бачаҳоро барои дарси нахустин, ки бо тантанаи сулҳ оғоз мегардад, ҷалб менамояд.

- Давлати мо аз рӯзи мавҷудияти худ барои сулҳу амният талош мекунад. Халқи мо чӣ будани ҷанг ва оқибатҳои онро медонад. Мо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 20 миллион нафар (дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ) ҳамватани худро аз даст додем. Аз ҷумла, аз Тоҷикистони азизамон 300 ҳазор нафар ба ҷанг рафта, 91 ҳазори онҳо ҷони худро қурбон карданд. Аз ҷумла, Саидкул Турдиев, Исмоил Ҳамзаалиев, Неъмат Қарабоев, Чӯтак Ӯрозов, Тӯйчӣ Эрйигитов, Домулло Азизов ва чанде дигар сазовори унвони «Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ» гаштанд. Ё ин ки ҷанги бародаркуш, ки дар Тоҷикистони мо шуда гузашт, чандин касону тифлакони бегуноҳро аз байни мо бурд, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд. Шаҳрҳо, деҳаҳо сӯхта, нест у нобуд шуданд. Одамон тарки Ватан карда, дар ғарибӣ умр ба сар бурданд ва на танҳо одамон, балки набототу ҳайвонот низ зарар диданд. Хушбахтона, бо ғамхории фарзанди фарзонаи диёр, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб ҳамаи ҳамватанонро ба Ватан баргардонда шуда, дар Тоҷикистони

азиз сулҳу ваҳдат пойдор гардид. Ватан-Модар хизматҳои шоистаи Президенти маҳбуби худро ба назар гирифта, он касро бо унвони баланди Ватан - «Қаҳрамони халқи тоҷик» сарфароз гардонид.

Шогирдони азиз, биёед, акнун ҷумлаеро, ки дар тахтаи синф навишта шудааст, мехонем ва мазмунашро шарҳ медиҳем. Канӣ, Манзураҷон, ҷумларо хонед.

**Манзура:** - Сулҳ ҳасту мо хушу хурсандона зиндагӣ мекунем. Либосҳои зебо пӯшида, дар синфхонаҳои тозаву барҳаво дарс мехонем.

**Омӯзгор:** - Манзураҷон, гӯй, ки дар бораи сулҳ чиҳоро медонӣ?

**Манзура:** - Ман ба воситаи оинаи нилгун мебинам, ки дар баъзе мамлакатҳои хориҷа ҳанӯз ҳам хунрезӣ давом дорад. Одамон ҳалок мешаванд. Хонаҳо вайрону бачаҳо дар тарсу ҳаросанд. Дар мамлакати мо бошад, зиндагӣ тинҷу орому осоишта аст, ки ин ба шарофати сулҳ аст.

Бачаҳо, акнун калимаи «сулҳ»-ро биёед, якҷоя таҳлил мекунем.

**Зайнаб:** - Калимаи «сулҳ» аз 4 ҳарф, 4 овоз иборат буда, маънои озодӣ, дӯстӣ, зебоӣ, хушбахтӣ, тинҷию амонӣ ва ғайраро дорад.

**Омӯзгор:** - Калимаҳое созед, ки дар таркибаш калимаи «сулҳ» бошад. Барои иҷрои ин супориш ба шогирдон иҷозат дода мешавад, ки аз китоби дарсӣ ё ягон рӯзномаву маҷалла истифода баранд (Худамон муҳайё месозем).

**Бунафша:** - Сулҳдӯст, сулҳпарвар…

**Шаҳло:** - Сулҳҷӯ, сулҳхоҳ ва ғайра.

**Омӯзгор:** - Акнун бачаҳои азиз, мебинем, ки кӣ бо ин калимаҳо ва ибора сохта метавонад?

**Саодат:** - Сулҳу амонӣ, кабӯтари сулҳ, сулҳ бастан, мардуми сулҳдӯст, давлати сулҳпарвар.

**Омӯзгор:** - Офарин, ҳамаи ибораҳои номбаркардаатро дар тахтаи синф навис. (То навиштани Саодат дигарон дар васфи сулҳ шеърҳо қироат мекунанд).

**Нӯшин:**
**Сулҳ баҳорест, баҳор оварад,**
**Равнақу шодию барор оварад.**
**Сулҳ бувад шаршараи ҷӯйи об,**
**Сулҳ диҳад ҳусни пур аз обутоб.**

**Афшин:**
**Сулҳ чароғи раҳи оянда аст,**
**Сулҳ зи иқбол намоянда аст.**
**Сулҳ шакарханди лаби кӯдакон,**
**Сулҳ ҳамоҳанги дили модарон!**
**(Аминҷон Шукӯҳӣ)**

**Иброн:**
**Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,**
**Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар.**
**Ҷумла оламро диҳад ӯ зебу фар,**
**Нур пошад бар сари навъи башар.**
**Месароям сулҳро дар сози сулҳ,**
**То шавад дунё пур аз овози сулҳ.**

**Манижа:**
**Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ,**
**Насли одамро нигаҳдор аст сулҳ,**
**Чун шифои ҷони бемор аст сулҳ,**
**Модаронро бахти бедор аст сулҳ.**
**Месароям сулҳро дар сози сулҳ,**
**То шавад дунё пур аз овози сулҳ.**
**(Боқӣ Раҳимзода)**

**Имрон:**
**Эй сулҳ, эй амонӣ,**
**Эй меҳри зиндагонӣ,**
**Эй орзуи дерин,**
**Эй орзуи ширин.**

**Лола:**
**Эй сулҳ чун аловӣ,**
**Дар дидагони сода.**
**Чун нур метаровӣ,**
**Аз чеҳраи кушода.**

**Фирӯза:**
**Мардуми мо сулҳхоҳу сулҳҷӯву сулҳдӯст,**
**Бо ҳама олам зи сулҳу амният дар гуфтугӯст.**
**Зиндагии тинҷу оромона ӯро орзуст,**
**Дар ҷаҳонбонӣ шиораш ин суханҳои накуст:**
**Нест бодо ҷанг дар рӯи замину рӯзгор,**
**Зинда бодо то абад сулҳи сафову пойдор!**

**Омӯзгор:** – Бачаҳои азиз, шумо кадом калимаҳоеро номбар карда метавонед, ки ҳаммаънои калимаи “сулҳ” бошанд?

**Фирдавс:** – Тинҷӣ, амонӣ, амният…

**Омӯзгор:** – Акнун калимаҳои зидмаънои онро гуфта диҳед.

**Мунира:** – Ҷанг, ҷанҷол, кушокушӣ.

**Насим:** – Ҳарб, низоъ, набард.

**Омӯзгор:** – Бо ин калимаҳо мустақилона ҷумла тартиб дода, дар дафтар нависед.

**Баъди иҷрои супориш:** – Бачаҳо ба тахтаи синф нигаред. Дар он ҷо расми чиро мебинед?

**Ҳалим:** – Мо дар тахтаи синф расми замин ва кабӯтарро мебинем.

**Омӯзгор:** - Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки мувофиқи ҳамин тасвирҳо расм кашед. (Яке кабӯтарро дар фазо, дигаре дар рӯи замин тасвир менамоянд. Сипас, ҳар кас расмашро шарҳу эзоҳ медиҳад ва дар бораи ҷанг ва сулҳ ақидаашро изҳор менамояд).

**Баъди иҷрои супориш:** - Хонандагони азиз, биёед, дар якҷоягӣ шеъри Ҷумъа Қувват «Сулҳро бояд сипар созем мо»-ро бо оҳанг бихонем:

**Бар замин то ҷон бибахшад мавҷи гандумзорҳо,**
**Гулпарастон гул бичинанд аз гули рухсорҳо.**
**То суханвар васф созад заҳмати заркорҳо,**
**Сулҳро бояд сипар созем мо,**
**Дӯстиро тоҷи сар созем мо.**
**То набошад бар замин, бар дардҳо ҷои дигар,**
**Модари тоҷик ёбад Ибни Синои дигар.**
**Парварад то Рӯдакии ақлбинои дигар,**
**Сулҳро бояд сипар созем мо,**
**Дӯстиро тоҷи сар созем мо.**

(Муаллим метавонад сурудеро, ки ба мавзуъ мувофиқ аст ва аҳли синф аз ёд медонанд, бо истифода аз равишҳои гуногуни таълим истифода бурда, моҳияти мавзуъро равшантар кушояд ва дарсро шавқовартар гузаронад. Аз ҷумла, истифодаи саҳнача, зарбулмасалу мақол, тамошои навори тарбиявӣ, кор бо ҷадвал ва ҷанде дигар дарсро шавқовар ва судманд мегардонанд.

Бачаҳо дар охир бо истифода аз калимаи «сулҳ» шиорҳо тартиб медиҳанд:

**Сулҳ барои мо азиз аст! Нест бод ҷанг!**
**Сулҳ бошад, зиндагӣ тинҷу ором аст.**
**Сулҳ ободии хонаи мост!**
**Бигузор, доим сулҳ бошад. Осмон софу беғубор бошад…**

**Омӯзгор:** - Шогирдони азизам! Ҳаёти хушбахтонаи мо бо сулҳу амонӣ зебост. Вазифаи ягонаи мо муҳофизати он мебошад. Барои пойдории он ба ҳам будан ва бо ҳамдигар дӯстии ҳамешагӣ доштан шарти муҳим аст.

Давлати мо ва Сарвари ғамхори он оламиёнро бо сулҳпарварияш қоил кардааст. Мо тарафдори онем, ки дар ҳама ҷо осмон соф бошаду дар тамоми дунё суруди дӯстдоштаи кӯдакон «Суруди сулҳ» садо диҳад ва хандаҳои ширини кӯдакона дар лабонашон доимо ҳувайдо бошад.

**Супориши вазифаи хонагӣ:** Чор ҷумла нависед, ки дар онҳо калимаҳои «сулҳ, амонӣ ва ҷанг» истифода шуда бошанд.

**Ҷамъбасти дарс.**

# ҚАДРДОНӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 32-солагии Истиқлоли давлатӣ ҳамоиш баргузор гардид.

Дар он гуфта шуд, ки дар давоми 32 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон аҳли маориф ва илми мамлакат дар баробари намояндагони дигар соҳаҳо, дар устувор гардонидани пояҳои давлатдорӣ ва сиёсати иҷтимоии ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Дар ҳамоиш Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода ба 15 корманди соҳаҳои илму маориф, ки дар фаъолияти корӣ дар соҳаи маориф ва илм натиҷаҳои назаррас доранд, аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - медали «Хизмати шоиста» ва Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро супорида, ҳозиринро ба муносибати ҷашни муқаддаси миллӣ - 32-солагии Истиқлоли давлатӣ табрик намуд.

**А. НУРИДДИНЗОДА,**
**номзади илми тиб,**
**А. ҲАФИЗОВ,**
**М. РОИБОВА**

# ТАЪЛИМИ ТАФРИҚА ВА МУҲИММИЯТИ ОН



Маориф дар ҷаҳони муосир омили асосии баланд бардоштани некуаҳволӣ ва рушду такомули зиндагии инсоният мебошад. Ин ҷанбаи маънавиёт инсонро аз ҷаҳолату торикӣ наҷот дода, маърифат, ахлоқ ва донишҳои муосирро барои равнақи кору зиндагӣ ва ҷомеаву давлат дар тиннати насли наврасу ҷавон ҷой медиҳад.

Маҳз бо ин вижагӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо роҳи гузаронидани ислоҳоти мухталиф онро беҳбуд бахшиданд.

Таҳия ва қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, консепсияву барномаҳои соҳавӣ, стандартҳои давлатии таълимии нави таҳсилоти томактабӣ, мактабии умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ҷорӣ намудани низоми дузинагии таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат ва магистратура), нақшаву барномаҳои нави таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва монанди инҳо ба раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат расонидааст.

Интишор гардидани китобҳои дарсии замонавӣ, истифодаи методикаи нави таълим, усул ва шаклҳои мухталифи пешниҳоди маълумот дар ҷараёни таълим, истифодаи техника ва технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим ва ғайраҳо ба навсозии соҳаи маориф боис гардид, ки худ далели таваҷҷуҳи Роҳбарияти олии кишвар ба соҳаи маориф мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар баробари ҷанбаҳои илмӣ, ба дунявият ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилотӣ нигаронида шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалигардонии ин принсипҳо дар ҳолате босамар мебошанд, ки дар муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ хусусиятҳои инфиродиву синнусолӣ, қобилият, ҳавасмандӣ ва имконияти бачаҳо пурра ба ҳисоб гирифта шавад. Инчунин, бо донишҳои психологӣ - педагогӣ мусаллат будани омӯзгорон имкон медиҳад, ки қонунияти инкишофи зеҳнии хонандагон дар давраҳои синнусолӣ ба инобат гирифта шуда, раванди таълимро тавре ба роҳ монад, ки он ба ташаккули шахсияти хонанда таъсири мусбат расонида тавонад.

Ба андешаи мо, муҳим аст, ки шакли алтернативии технологияи нави таҳсилотро коркард намуда, ба хонанда ё донишҷӯ имкон дода шавад, ки ба муассисаи таълимӣ талаботи худро доир ба раванди таълим, қобилияти ҳифзи дарс ва дигар хостаҳои зеҳнии худ манзур намояд ва дар доираи он кӯшиш намояд.

Олимони соҳаи психология бар он ақидаанд, ки дар баробари истифодаи методҳои дидактикии таълим истифодаи таълими тафриқа ба маврид аст, зеро ташкили чунин шаклҳои таълим имкон медиҳад, ки хусусиятҳои психологиву инфиродӣ ва табиии хонанда ба ҳисоб гирифта шуда, таълиму тарбия мақсаднок ва муфид бароҳ монда шавад.

## МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

Назарияи олими тоҷик, муҳаққиқи соҳаи тафриқаи таълимӣ У. Зубайдов бар он аст, ки истифодаи таълими тафриқа тақозои ҷомеа буда, он ба принсипҳои дидактикӣ вобастагӣ дорад.

Агар мақсаднокии таълим бо принсипҳои дидактикӣ асос ёфта бошад, пас зинаҳои таълим, раванди самаранокии таълим ва инкишофи шахсияти хонанда хоси талаботи таълими тафриқа мебошад. Аз ин рӯ, бе ин ду раванди таълим ба роҳ мондани самаранокии таълиму тарбия ғайриимкон аст.

Ташхиси мунтазами хонанда, ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, мазмун ва шакли ташкили кори таълим, нақша ва барномаҳои таълимӣ, ҳамзамон, истифода аз китобҳои гуногуни дарсӣ хоси таълими тафриқа мебошад. Ин шакли таълим боис мешавад, ки омӯзгор бо ҳар як наврас вобаста ба зеҳн ва шавқу малакааш корбарӣ намуда, насли наврасро аз барномаҳои таълимӣ ба таври зарурӣ баҳраманд созад.

Имрӯз мушоҳида мешавад, ки баъзе аз омӯзгорону мураббиён барои ба даст овардани низоми нави таҳсилот як қатор иқдомҳоро рӯи даст гирифта, ба таълими тафриқа, ки ҳамчун омили муҳими инкишофи истеъдоди ҳар як хонанда мебошад, рӯй овардаанд. Таҷрибаҳо собит намудааст, ки хонандагони як синф, як синну сол новобаста аз имкониятҳои моддию техникӣ ба шаклҳои гуногуни тафриқаи таълимӣ эҳтиёҷ доранд, зеро онҳо аз нигоҳи мавқеи иҷтимоӣ, инкишофи зеҳни ҳавасмандӣ, қобилияти ҳифзи меҳнату маълумот ва таваҷҷуҳ ба фан ё мавзуъ аз ҳамдигар фарқ доранд.

Тавре ки дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон демократикунонии низоми маориф, таълими тафриқа ва ҳамгироӣ ба эътибор гирифта шудааст, муҳаққиқи соҳа, файласуф ва ҷомеашиноси англис Герберт Спенсер низ ба хубӣ таъкид кардааст, ки «Таълим дар мактаб бе тафриқа маънӣ надорад».

---

## ФОРУМИ РЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДУШАНБЕ

Дар доираи ҷаласаи панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои муассиси Бунёди байналмилалии наҷоти Арал дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Дар ифтитоҳи форум вазирони маорифи ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон, Узбекистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.

Ин форуми дуюми ректорони давлатҳои Осиёи Марказӣ аст, ки баргузор мешавад. Баргузории он дар шароити кунунӣ муҳим буда, дар густариши равобити илмиву фарҳангии панҷ давлати минтақа заминаҳои нав фароҳам меоварад.

Ҳамкории имрӯзаи донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни стратегӣ мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, наздики сад нафар намояндагони муассисаҳои олии таълимии минтақа дар форум иштирок карда, байни ҳам барои таҳкими муносибатҳои гуногунҷабҳаи илмию амалӣ табодули таҷриба намуданд.

Дар форум байни роҳбарони муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои минтақа як қатор санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Дар идомаи сиёсати байналхалқии муваффақонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин форум метавонад ба самтҳои илм, таълим ва инноватсия такони нав бахшида, дар дӯстиву равобити халқҳои минтақа мусоидат намояд.

**Азимҷон НОРМАТОВ,**
**равоншиноси гимназияи №2-и**
**ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

# ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН



Хусусияти хоси мушкилоти зеҳнӣ аз он иборат аст, ки наврас онро тавассути усулҳои мавҷуда ҳал карда наметавонад. Бинобар ин, кӯшиш менамоянд, ки дар асоси маърифати зеҳни худ онҳоро ҳал намояд. Мутахассисон дар ҷараёни таълими масъалаҳои дорои муаммо бояд на танҳо дар бораи мазмуну мундариҷа ва мухтавои маводи таълимӣ фикр намоянд, балки роҳҳои ҳалли онҳоро низ нишон диҳанд.

Зеҳни эмотсионалии наврасон як навъи шуури фитрӣ махсуб шуда, дорои вижагӣ ва вазифаҳои хос аст, ки дар асоси таълимоти дуруст метавонад барои ташаккули шахсияти онҳо истифодаи муфид шавад. Вазифаҳои асосии омӯзгор дар ташаккули зеҳни эмотсионалии наврасон аз чанд масъалаи аслӣ ва усулӣ иборат аст. Аз ҷумла:

- ба роҳ мондани фаъолияти амалии хонандагон, ташаккули маҳорату малака ва одатҳо дар заминаи ташкили самараноки корҳои таълимӣ -тарбиявӣ бо истифодаи усулҳои замони муосир;

- ташаккули ҷаҳонбинии баланди илмӣ - таълимӣ ва ғоявии наврасон, бо истифода аз методҳои муосири педагогон ва равоншиносон;

- ноил шудан ба сифатҳои муосири технологии хонандагони болаёқат ва ташаккули худшиносиву хештаншиносии насли наврас;

- ташаккули меҳру муҳаббат ва эҳтиром гузоштан ба бузургони илму адаб;

- ба роҳ мондан ва қавӣ гардонидани алоқаи донишҳои назарӣ бо амалӣ, ки наврасон ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз худ намудаанд;

- шиносоии наврасон бо ҳолати корҳои таълимӣ – истеҳсолӣ дар осорхонаҳо, маҳфилҳои зеҳнию адабӣ – математика, география, расмкашӣ, театрҳо, дар рафти соатҳои тарбиявӣ ва корҳои лабораторӣ – амалӣ.

Бо назардошти ин, баъзе аз омилҳоеро, ки ба баланд бардоштани масъулияти омӯзгор дар амалӣ намудани иқтидори илмӣ – педагогӣ ва қобилияти зеҳнӣ ва ҳолати руҳии наврасон таъсир мерасонанд, чанд мисолҳоеро пешниҳод меномоем. Омӯзгор, пеш аз ҳама бояд мутахассиси дорои маълумоти олӣ, дорои маҳорату малакаи эҷодии тафаккур бошад, зеро малакаи эҷодии фикрронии мутахассис бо ташаккули чунин омилҳо муайян карда мешавад:

- мустақилияти андешаронӣ;

- ба таври фаврӣ ҷустуҷӯ намудан ва ба даст овардани донишҳои нави ба мавзуъ алоқаманд;

- дарёфти усул ва воситаҳои муосири таҳқиқот;

- таҳлили воқеӣ ва босамари ҳолати аз нав бааамаломада;

- ишғоли мавқеи интиқодӣ ҳангоми баҳо додан ба натиҷаи фаъолияти худ ва дигарон;

- ҳангоми зарурат дар мавриди пеш омадани масъалаҳои душвор аз ҷиҳати амалӣ ва назарӣ истифодаи неруи худ, ҳамкасбон ва ҳамкорон.

## ПСИХОЛОГИЯ

Сарчашмаҳои таълимии соҳаи педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар рушду инкишофи зеҳнии наврасон на танҳо таълими фанҳои гуманитарӣ, балки фанҳои дақиқ ва риёзӣ ҳам аҳаммияти калон доранд, зеро дар ҷараёни таълим ба масъалаҳои амалии ҳаётӣ рӯ ба рӯ шудан мумкин аст.

Дар рафти таълим такмил додани зеҳни эмотсионалии наврасон дар ҳолате ба амал меояд, ки омӯзгор на танҳо ба таври самаранок мазмуну мундариҷаи сарчашмаҳои асосӣ, маводи назариявӣ ва китобҳои бадеӣ, балки як қатор омилҳои дигарро мавриди истифода қарор диҳад. Таҷриба нишон медиҳад, ки кор бо супоришу масъалаҳо зеҳни эмотсионалии наврасонро фаъол, донишҳои онҳоро васеъ ва шавқу рағбаташонро ба фанни мазкур зиёд мегардонад.

Шарти дигари фаъолгардонии зеҳни эмотсионалии наврасон донистани қоидаҳои умумӣ мебошад, ки он ҳангоми истифодаи мавод дар мубоҳисаҳо ва бархӯрди ақидаҳои мухталиф мавриди истифода қарор мегирад. Ба наврасон доир ба мулоҳизаронии дурусти мантиқӣ ва интихоби принсипҳои дуруст маълумот додан зарур аст. Чуноне маълум аст, усулҳои ташаккул додани зеҳни эмотсионалии наврасон гуногун мебошанд. Он аз шароит, ашё, дараҷаи такомули ҳамаҷонибаи равандҳои маърифатии наврасон, аз шахсияти омӯзгор савияи дониш, маҳорату малака ва таҷрибаҳо таркиб меёбанд. Аммо як қатор қоидаҳои умумӣ барои тамоми шаклҳои кор ҳатмӣ шуморида мешаванд:

а) ба таври дақиқ донистани мақсаду муҳтавои машғулият ва натиҷаи он;

б) назорати махсуси иҷрои дурусти машғулият аз тарафи омӯзгор ва маъмурияти муассиса;

в) мувофиқати теъдоди машғулиятҳо ба рушду инкишофи зеҳни эмотсионалии наврасон;

г) машғулият бояд ҳадафнок интихоб гардад.

Фаъолгардонии кори зеҳнии наврасон ҳангоми машғулияти амалӣ ва муаммогузорӣ равшан мегардад. Моҳияти машғулияти амалӣ ва муаммогузорӣ аз идораи ташкили раванди таълимие иборат аст, ки дар ҷараёни он наврасон на танҳо аломатҳоро дар шакли омодашуда қабул, муайян ва азбар менамоянд, балки якҷоя бо омӯзгор ва ё мустақилона дар шароити вазъи муаммогузорӣ системаи масъалаҳои мантиқию маърифатиро дар асоси дониш, малака ва қобилиятҳои зеҳнӣ ҳал менамоянд.

Барои бедор намудани зеҳни эмотсионалии наврасон омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- истифодаи оқилонаи китобхона ва рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавии барои хонандагон хос;
- барномаҳои инноватсионӣ ва шабакаи интернет;
- забондонӣ.

Самти дигаре, ки метавонад ба соҳибмаълумот шудани наврасон таъсири амиқ расонад, нақши падару модар мебошад.

Ба мақсади баланд бардоштани зеҳни эмотсионалии наврасон ва истифодаи самараноки он, ҳамчунин, ба самтҳои зерини раванди таълим диққат бояд дод:

- қисми назариявии фанни таълимӣ (назариявӣ) бояд бо қисми амалию мустақилона дар робитаи мантиқӣ таълим дода шавад;
- масъалаи ҳалталабро барои ҳар се қисми таълим (назарӣ, амалӣ ва кори мустақилона) бояд ба нақша гирифт, то ки онҳо давоми мантиқии якдигар ва дар асоси таълими якдигар пурра карда шаванд. Аз ҷумла, ҳангоми гузаштани дарс бо усули ба ёд овардан: «тавре, ки дар дарси назарӣ хонда будед ва ё тавре, ки дар кори амалӣ шоҳид шудед» ва монанди инҳо.

Дарси назариявӣ бо назардошти камии вақт тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ: тахтаи электронӣ дар шакли рӯнамо (слайд) бояд гузарад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва ташаккули зеҳни эмотсионалии наврасон зарур аст:

- дар заминаи дастовардҳои нави илмӣ, таҷрибавӣ, технологияи иттилоотӣ ба роҳ мондани усулҳои нави таълим;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани зеҳни эмотсионалии наврасон, ташкили шуроҳои педагогӣ ва ҷамъиятӣ ва ҷалби падару модарон дар фаъолияти онҳо;
- ҷустуҷӯи роҳҳои боэътимоди истифодаи пурраи иқтидори зеҳнии наврасон, ташкили машғулиятҳои иловагӣ барои наврасони сустхон;
- густариши ҳамкориҳои муассиса бо муассисаҳои таълимию илмии бонуфузи кишварҳои

хориҷӣ дар бахши тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;

- ташкили машғулияти намунавӣ, ҳисоботӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ;
- ҳамкорӣ бо педагог – психологи муассиса;
- аз ҷониби омӯзгор ва маъмурияти муассиса андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, истироҳатгоҳҳо, тамошои асарҳои рассомон, шинос шудан бо осорхонаҳо;
- ҳамкории муассиса бо волидайн оид ба баланд бардоштани зеҳни эмотсионалии наврасон дар ҷараёни омӯзиши фанҳои гуманитарӣ.

Дар маҷмуъ, ин ҳама тадбир барои ташаккули зеҳнӣ, фикрӣ ва ахлоқии насли наврас мусоидат намуда, наврасро ба сифати ҷавони қобилиятнок ва муҷаҳҳаз бо донишҳои муосиру ахлоқи намунавӣ бавоя мерасонад, ки ӯ дар раванди омӯзишҳои олӣ ва кору зиндагӣ ҳамчун неруи комили зеҳнӣ ва ниҳоятан ҳамчун сарвати миллӣ барои ҷомеа хизмат мекунад.

**Адабиёт**

1. Ашевская Л. А. Развитие творческих способностей и личности учащихся. // Русский язык в школе. - 2001. - №6. - С. 21 - 25.
2. Дружинин В. Н. Психология творчества. // Психологический журнал. 2005. – Том № 26. - № 5. - С. 101 -109.
3. Қодиров С. , Давлатов М. Психология. - Душанбе; Сино - 2002
4. Левин В. А. Воспитание творчества. - Томск: Пеленг, 1992.
5. Мустафоқулов Т., Назруллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. Душанбе. 1994.
6. Юнусова Н. М., Давлатов М. - Дастури психологияи амалӣ, Душанбе; СОБИРИЁН -2004.

# ДАРСИ КУШОДИ ВАЗИРИ ИЛМ ВА ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Чанде пеш вазири илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Қазоқистон ва намояндагони як қатор донишгоҳҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар ҷамъомад ректори Академияи идоракунии давлатӣ Абдухалил Ғафурзода вобаста ба муносибатҳои дӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон изҳор дошт, ки ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба байни ду ҷумҳурӣ дар фазои мутақобилан судманд ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, дар ҳоли рушду инкишофи сатҳи баланд қарор доранд. Дар баррасии масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмиллалӣ ва минтақавидошта мавқеи ҷонибҳо ҳамоҳанг буда, тарафҳо, асосан, мавқеи наздик ё ба ҳам мушобеҳ доранд.

Сипас, дарси кушоди вазири илм ва таҳсилоти олии Қазоқистон Саясар Нурбек баргузор шуд.

Дар фазои тантанавӣ ректори академия вазири илм ва таҳсилоти олии Қазоқистон Саясат Нурбек ва ректори Донишгоҳи миллии АвруОсиёгӣ ба номи Л.Н.Гумилёв Ерлан Сидиков ба хатмкунандагони зинаи магистратура тибқи барномаи дуалӣ (1+1) дипломҳоро тақдим намуданд.

Инчунин, меҳмонон бо Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон», Маркази дӯстӣ ва ҳамкории Созмони Ҳамкории Шанхай дар Тоҷикистон, Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқат, Маркази ҳуқуқи кӯдак, Маркази барномаи глобалии роҳбарӣ дар озмоишгоҳҳо, толорҳо ва синфхонаҳо шинос шуданд.

**А. ШЕРМАТОВ,**
**омӯзгори мактаби №12-и шаҳри Исфара,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАРТИБИ ОМОДА НАМУДАНИ ДАСТУРҲОИ МЕТОДӢ



Дастури методӣ ҳуҷҷатест, ки дар он тарзи амалӣ намудани ин ё он фаъолияти таълимӣ ё тарбиявӣ бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Дастури методӣ имкон медиҳад, ки навомӯз аз рӯйи нишондиҳандаҳои он фаъолияти меҳнатии худро самаранок ба роҳ мемонад ё мушкилоти дар ин самт ба миён омадаро осон намояд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дастури методӣ бояд фаҳмо, мушкилоти мавҷударо бо роҳи осон ҳалкунанда, дастрас, шавқовар ва амалишаванда бошад. Бинобар ин, мураттиби дастури методӣ ба андешаи банда ин нуктаҳои дар боло зикршударо дар вақти тартиб додани дастур ба ҳисоб гирифтанаш лозим аст. Инчунин, мураттиб вақти иҷрои ин ё он фаъолиятро ҳатман бояд ба ҳисоб гирад. Дар дастури методӣ мураттиб метавонад оид ба тарзи гузаронидани як соати дарсӣ ё қисми онро нишон диҳад. Агар дастури тарбиявӣ бошад, фаъолияти тарбиявиро ба таври пурра бо нишон додани вазифаи шахсони иҷрокунанда тартиб додан ба мақсад мувофиқ аст.

Дастури методӣ  аз рӯйи мазмуну мундариҷа гуногун шуда метавонад. Масалан, аз қабили дастури методии таълимӣ оид ба ин ё он мавзуъ, дастури методӣ оид ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ, дастури методӣ оид ба гузаронидани чораҷӯйҳои берунасинфӣ, дастури методӣ оид ба гузаронидани корҳои амалӣ ва ё лабораторӣ, дастури методӣ барои ҷиҳозонидани хуҷраҳои фаннӣ ё лабораторияҳо, дастури методӣ барои ороиши мактаб, синфхона ва ғайраҳо. Хуб мешуд, агар дастури методиро шахсе  омода намояд, ки худаш ин фаъолиятро самаранок ташкил ва гузаронида бошаду аз тарафи иштирокдорон пазируфта шуда бошад. Ин гуна дастурҳо мушкилоти навомӯзро осон намуда, барои самаранок, шавқовар ва пурмазмун гузаштани чораҷӯйҳо мусоидат менамояд. Агар мураттиб дастурро дар асоси таҷрибаи амалии худ эҷодкорона мураттаб намуда бошад, умри ин гуна дастур дароз хоҳад буд. Шахсе, ки дастур тартиб медиҳад, бояд пеш аз ҳама устоди касби хеш бошад. Яъне, дар ин соҳа таҷрибаи бой дошта, забони баёни дастур фасеҳу равон бошад. Албатта, ҳар як шахс дар давоми фаъолияти меҳнатии худ ба душвориҳо дучор мешавад.

Бояд гуфт, ки душвориҳо ё аз камтаҷрибагӣ ё аз камдонишист. Агар душворӣ бинобар камтаҷрибагӣ ба миён омада бошад, бо ба ҳисоб гирифтани нишондодҳои дастур ба зудӣ бартараф мешавад. Аммо агар сабаби ба миён омадани душворӣ камдонишии шахс бошад, дар ин ҳол фақат ба инобат гирифтани нишондодҳои дастур кам аст. Шахс бояд дониши худро такмил диҳад.

Дар давоми фаъолияти 43 - солаи худ чанд дастур аз қабили:

1. «Нақшаи як дарси ҳисоботӣ барои хонандагони синфи 3».
2. Дастур барои гузаронидани иди «Алифбо».

3. «Машкҳои муқаддимавии хатнависӣ».
4. «Дар эҳтироми шогирд ва устод» (соати тарбиявӣ).
5. «Хушбахтӣ аз сулҳ сарчашма мегирад» Дар поён як намунаи оғози чораҷӯйи беруназсинфиро пешкаш менамоям. Азбаски нишондодҳо маҳсули эҷодиёти банда буд, ҳам иштирокдорону ҳам тамошобинон онро хело хуш қабул намуданду дастаи онро истифода бурда, аз тарафи доварон сазовори баҳои баланд гардид.

Дар мактаб маҳфили ҳозирҷавобони “Квант”-ро ташкил намудам. Албатта, дар давоми фаъолияти маҳфил ба шогирдони худ аз аҷоиботи физика чандин таҷрибаро гузаронидам. Барои ҳарчи бештар ҷалб намудани хонандагон ба омӯзиши физика хостем чанде аз таҷрибаҳоро ба хонандагони аҳли мактаб намоиш диҳем. Барои ин як эълони диққатҷалбкунанда навишта, ҳамагонро барои тамошои намоиши таҷрибаҳо даъват намудем. Оғози намоиш чунин буд:

Панҷ нафар иштирокдорон дар даст суратҳои панҷ нафар олимро чаппа дошта, рӯйи саҳна меистанд ва дар бораи он олимон шеърҳо мехонанд. Бо анҷоми қироати шеър расмҳоро нишон медиҳанд. Аз аввали ҳарфи номи ин олимон калимаи «Квант» ҳосил мешавад.

Ҳамин тавр, агар дар дастури методӣ бо баробари дастурдиҳӣ оид ба тартиби иҷрои ин ё он фаъолият, мисолҳои мушаххаси иҷрои фаъолият ҳамчу намуна оварда шавад, айни муддао мебуд. Зеро гуфтаанд:

«Шунидан кай бувад монанди дидан» ва ё агар таҷрибаи амалӣ набошад, ҳеҷ як мактаб, ҳеҷ як донишгоҳ чизе дода наметавонад.

# РӮЗИ ОМӮЗГОР БО ТАНТАНА ҶАШН ГИРИФТА ШУД

Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи омӯзгор чорабинии тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони вазорату идораҳо, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи маркази Вазорати маориф ва илм, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии кишвар, сардорони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои зертобеи вазорат, собиқадорони соҳа ва омӯзгорони пешқадам иштирок намуданд.

Муовини Сарвазири мамлакат ҳамаи омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи Тоҷикистонро ба муносибати иди касбиашон шодбош гуфта, аз рушди соҳаи маориф ва таваҷҷуҳу ғамхориҳои рӯзафзуни Пешвои миллат нисбат ба ин соҳаи афзалиятноки ҷомеа дар солҳои соҳибистиқлолӣ ёдовар шуд.

Дар идомаи чорабинӣ ба як қатор фаъолон ва пешсафони соҳа мукофоту унвонҳои соҳавӣ тақдим гардид. Аз ҷумла, аз ҷониби муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён ва вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иштирокчиёни озмунҳои ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2023» ва «Мураббии соли Тоҷикистон - 2023» бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғолибони ин озмунҳо бо диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 30 000 сомонӣ ва 10 000 сомонӣ қадр гардиданд.

Дар чорабинӣ ғолибони озмуни «Омӯзгор - машъалафрӯзи ҷомеа» бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм ва мукофотпулӣ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин, 20 нафар омӯзгори кишвар барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, гузоштани саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон ба нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд.

ТАРБИЯИ МАДАНӢ

**Р. АСАДУЛЛОЕВ,**
**омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айни, номзади илмҳои педагогӣ**



# ҶАНБАҲОИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМИ ФАРҲАНГИИ НАСЛИ НАВРАС

Дастрас будани иттилооти бемаҳдуду ташхисношуда дар ҷаҳони маҷозӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳои мухталиф равандҳои иҷтимоии кишварҳоро мураккаб менамояд. Дар ин замина зарурат пеш меояд, ки насли ҷавон дар бораи таърихи гузаштаву муосир, арзишҳои ахлоқӣ, расму оин ва суннатҳои ниёгону муосири миллии худ иттилооти дуруст ва донишҳои амиқ дошта бошанд. Ҳамзамон, ба воситаи ташаккули андешаи солим ва ҳувияти миллӣ ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро муайян карда тавонанд, зеро фазои иттилоотии боз ахлоқи ҳамидаи миллӣ, расму оин ва тафаккури миллии наврасонро хатчадор намуда, то андозае бар равони насли наврасу ҷавон таъсири ногувори худро расонида метавонад.

Ин раванди ҳассос зарурати тарбияи фарҳангии насли наврасро ба миён меорад. Ҷомеаҳоро лозим аст, ки стратегияи оқилонаи рушди фарҳанги миллӣ ва умумибашариро роҳандозӣ намуда, онро дар самти таълиму тарбияи насли наврас татбиқ намоянд, то ки он ангезаҳои фарҳангие, ки ба ҷомеаҳо мушкилӣ, аз ҷумла, мушкилоти равонӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ эҷод менамоянд, бартараф карда шуда, фарҳанги миллӣ таҳким бахшида шавад.

Олимон ва муҳаққиқон як қатор ҷанбаҳои ташаккули таълиму тарбияи фарҳангии насли наврасро ҳангоми истифодаи методҳои таълимӣ дар машғулятҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додаанд. Чунончи, роҳу усулҳои тарбияи ахлоқӣ дар китоби “Педагогикаи томактабӣ”-и Х. Раҳимов ва А. Нуров ба таври амиқу илмӣ инъикос гардида, тарбияи ахлоқӣ ва рафтори мадании кӯдакони синни томактабӣ ба таври таҳқиқоти педагогӣ шарҳу тафсир ёфтааст.

Восита ва методҳои тарбияи ахлоқӣ ва рафтори мадании кӯдакони синни томактабӣ, хусусияти банақшагирии раванди педагогӣ дар гурӯҳҳои кӯдакони синни омехта бошад, дар таҳқиқотҳои Б. Маҷидова, Н. Мирхонова ва дигарон таҳлилу ташхис шудаанд.

Тарбияи фарҳангии насли наврас яке аз масъалаҳои мубрам ва мушкили замон буда, ин муаммо дар ҳама ҳолат пеши ҷомеа мақоми калидӣ дорад. Аз чӣ гуна омода намудани насли наврасӣ аз лиҳози фарҳанги миллӣ ташаккулёфта рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа вобаста аст. Аз ин рӯ, дар илмҳои педагогӣ, психологӣ ва иқтисодии ҷомеа имрӯзҳо ба тарбияи фарҳангии насли наврас таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Ҷои шубҳа нест, ки дар ҷомеаи имрӯза мувофиқати ахлоқӣ ва фарҳангӣ дар шуури наврасону ҷавонон тезу тунд гаштааст. Насли наврас, ки системаи арзишҳои маънавии онҳо маҳз дар ҳамин синну сол зери раванди ташаккулёбӣ қарор дорад, аз ҳар тариқ ва усул ба тарбияи ахлоқӣ ва фарҳангӣ ниёзманд мегардад.

Тарбияи рафтори маданӣ ва таъмин намудани инкишофи маҳорату қобилияти фикррони дар насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимми оила, ва ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад. Дар шароити пешрафти илму техника ба вуҷуд омадани технологияи муосири иртиботӣ, ҷаҳонишавии таҳсилот, сатҳи баланди тарбия ва инкишофи ақлию зеҳнӣ чун арзиши миллӣ ва умумибашарӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми оила, муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ин ташаккулдиҳии қобилияти рафтори маданӣ ва таъ-

## ТАРБИЯ

мин намудани инкишофи ақлию зеҳнии кӯдакон мебошад.

Таҷрибаи таърихии инсоният ва тадқиқоти илмӣ исбот намудаанд, ки давраи томактабӣ дар тарбияи рафтори маданӣ ва инкишофи ақлию зеҳнии инсон имконият ва заминаҳои ба худ хос дорад. Асоси инкишофи фикрии кӯдакро имконниятҳои рафтори маърифатӣ - донистагирии ӯ ташкил мекунад. Ин имкониятро ба кӯдак табиати инсонӣ додааст ва онро системаи асаби ӯ идора менамояд. Аз ҷиҳати илмӣ исбот гардидааст, ки давраи томактабӣ, давраи мувофиқ (сензитивӣ) барои аз худ кардани ҳаҷми муайяни дониш, маҳорату малака оид ба ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ буда, барқарор намудани тавонмандии зеҳнӣ ва бо ҳам васл намудани ҳодисаҳои ба ҳам алоқаманд мебошад.

Бояд қайд кард, ки дараҷаи инкишофи фикрии мадании кӯдакон ба синну сол, таъсири методҳои тарбиявӣ, муҳити иҳотакарда вобаста буда, он тамоми умр давом мекунад. Тарбия ва ташаккулёбии сифатҳои рафтори мадании шахсият инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, ҳаётдӯстӣ, интизомнокӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулгароӣ, ҳамдигарпазирӣ ва ғайраҳо аз давраи томактабӣ оғоз гардида, минбаъд онҳо такмил дода мешаванд.

Мақсад ва вазифаҳои тарбияи рафтори мадании кӯдакони синни томактабӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ дар асоси талаботи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон муайян карда мешаванд.

Ин сифатҳо дар хонандагон на танҳо фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхӯрӣ, адлу инсоф, саховатмандӣ ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Бояд зикр намуд, ки ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро, ба вижа, тарбияи фарҳангиро бо ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳанд.

Забон, адабиёт, таърих, манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радиову телезизион, маводи компютер, васоити ахбори умум ба олами маънавии инсон таъсири амиқ расонида, барои дар руҳияи худогоҳиву хештаншиносӣ тарбия ёфтани наврасон муҳимтарин васоил ба ҳисоб меравад. Тарбияи маънавии инсон ба тарбияи ахлоқии шаҳрванд наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо гирифта, дар тарбияи фарҳангии шаҳрванд вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳанд.

Пас, тарбияи ахлоқӣ ҷузъи таркибии тарбияи фарҳангӣ буда, муносибати одамонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба танзим медарорад. Бояд ёдовар шуд, ки ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ҳамаи муносибатҳои хулқу одобии одамонро дар бар мегирад. Он бештар ба шароити моддии ҷамъият вобаста буда, ҳастии ҷамъиятии одамонро инъикос мекунад. Фарҳанг ва ахлоқ ба якдигар зич алоқаманд буда, бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Инсон дар ҷомеа аз рӯи қонуну қоидаҳои ахлоқиву фарҳангӣ вуҷуддошта зиндагӣ ва фаъолият мекунад.

Ин аст, ки дар баробари тағйир ёфтани сохтори ҷамъият паҳлуҳои ахлоқиву фарҳангии одамон низ тағйир меёбанд. Маҳз ахлоқ одобу рафторро, ки он хосияти фарҳангии муносибати одамонро нисбат ба аҳли ҷомеа, давлат ва истеҳсолот нишон медиҳад, муайян мекунад. Фарқи ахлоқ аз одоб дар он аст, ки ахлоқ ба донишу ҷаҳонбинии шахс вобаста аст, одоб бошад, рафторест, ки ҳаракату муносибатҳои шахсро дар ҷомеа фаро мегирад ва ҳар ду маҳз дар натиҷаи таълиму тарбияи фарҳангӣ ташаккул меёбанд.

Тарбияи фарҳангӣ раванди пайдарпайест, ки он аз хонавода оғоз гардида, дар муассисаҳои томактабӣ, пасон дар мактаб идома меёбад. Хонавода ин муҳитест, ки барои инкишофи шахсият нақши муҳим мебозад, нақши он дар ҳаёти ҷомеа ва давлат назаррас буда, барои тарбияи насли наврас, барои таъмини оромии ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа низ мусоидат менамояд. Тарбияи фарҳангӣ муносибатҳои махсусро дар байни хонавода инъикос мекунад, ки онҳо дар асоси анъана, урфу одатҳои маданӣ, миллӣ ва динӣ бунёд гаштаанд. Ин ҷо қобил ба қайд аст, ки ҳамаи ин муносибатҳои мураккаб ба тарбияи фарзанд таъсири амиқ мегузорад.

Барои муваффақ гардидан дар тарбияи дурусти фарзанд, пеш аз ҳама, оилаи солим ва дорои фарҳангу дониши ахлоқию миллӣ муҳим аст. Бидуни он хонавода ҳеҷ гоҳ ба тарбияи фарзанди инкишофёфта муваффақ шуда наметавонад.

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, дотсенти ДМТ**



# ХУРОФОТ ДАР МАТЕМАТИКА

Вақте табиб ба мариз 7 бастаи алоҳидаи аз растаниҳо омодакардаашро пешниҳод карда, мефармояд, то онҳоро дар 7 косаи об тар намуда, дар 7 рӯз аз маҳлули ҳосилшуда 7 қошуқӣ нӯши ҷон кунад, маълум мегардад, ки ин дилбохтагӣ ба адади муқаддаси 7 аст. Дар байни мардум ибораҳои «7 муъҷизаи олам», «7 рӯзи ҳафта», «7 ранги табиат», «7 бор чен куну як бор бур» ва ғ. низ аз замонҳои қадим ихлоси мардуми фирефта ва гумроҳро ба рақами алоҳида ифода менамояд.

Мутаассифона, таассуб ва хурофот на танҳо дар ҳаёти воқеӣ, балки дар илм, аз ҷумла, дар шоҳи фанҳо низ доман паҳн кардааст. Маълум, ки адад маҳсули тафаккури инсон аст. Парастиш кардани ин ё он адад, бартарӣ додан ба ин ё он рақам хоси мардуми кӯтоҳандеш буда, аз замонҳои хеле қадим пойдор боқӣ мондааст. Ҳатто дар замони мо ҷавонони соҳибмаълумот низ ба ҳар гуна рақамҳои чиптаҳо назар карда, дар онҳо рақамҳои «хушбахт»- ро ёфтанӣ мешаванд. Баъзеҳо рӯзҳои алоҳидаи ҳафта ва моҳро «нобарор» шуморида, аз иҷрои амалиёти хеш дар ин рӯзҳо даст мекашанд. Дигарон рӯзи 13 – уми моҳро рӯзи «наҳс» меҳисобанд ва ғайраву ва ҳоказо. Чаро ин тавр аст? Аз куҷо ин хурофотпарастӣ ва таассуб сарчашма мегирад?

Таърихи мадании инсоният гувоҳӣ медиҳад, ки хурофот дар парастиши ададҳо хоси мардуми қадимтарини олам мебошад. Гаҳвораи мавҳумияти ададӣ, ҳамчун асрорҳои ноаёни илм Холдейи қадим ба шумор меравад. Сарзамини Холдей водии байни наҳрҳои Даҷла ва Фуроти Ироқи имрӯз эътироф шудааст. Дар ин сарзамин тамаддунҳои суриёиҳо ва шумериҳо - давлати қадимтарини Бобулистонро ташкил медоданд, ки дар таърихи инсоният нақши муассир бозидааст. Бо шарофати ҳафриёти археологӣ, ки олимон анҷом додаанд, имкон фароҳам омад, то осори адабии қадима, таърих ва маданияти халқҳои ин сарзамин муфассал омӯхта шавад.

Бошандагони Холдей (ассуриҳо ва шумерҳо) доир ба математика ва илми ситорашиносӣ дониши хеле зиёд доштанд. Ин мардум осмони ситоразорро ба бурҷҳо ҷудо карда, ба онҳо номҳои мувофиқро гузоштаанд, ки баъзеашон то рӯзҳои мо боқӣ мондаанд. Маҳз онҳо дар осмон роҳи гардиши ба назар намоёни солонаи Офтобро аз рӯи Эклиптика омӯхта, ситораҳои алоҳидаи Минтақатулбурҷро номгузорӣ карда, роҳи ҳаракоти Моҳтоб ва сайёраҳоро омӯхтаанд. Ҳаракати Офтобро мушоҳида карда, онҳо ошкор сохтанд, ки дар рӯзи баробар шудани шабу рӯзи баҳорӣ Офтоб аз лаҳзаи тулуъ то лаҳзаи ғуруб нимдоираеро тасвир мекунад, ки қутри намоёни он дар ин нимдоира 180 маротиба меғунҷад. Бинобар ҳамин, тавре ки дар геометрияи мактабӣ қабул шудааст, ҳар гуна нимдоираро ба 180 ҳисса ва ҳар гуна давраро ба 360 ҳисса ҷудо кардаанд. Давраҳои такрор ёфтани кусуфҳои Моҳ ва хусуфҳои Офтобро омӯхта, онҳо ин ҳодисаҳои табииро пешакӣ хеле дақиқ муайян мекарданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки вақтро онҳо бо соатҳои обӣ ва офтобӣ чен мекарданд. Шабонарӯзро бобулиҳо ба дуто давраи 12 соатӣ ҷудо мекарданд (шаб ва рӯз). Ба 60 дақиқа ҷудо шудани 1 соат ва ба 60 сония ҷудо шудани 1 дақиқа ба мо аз бобулиҳои атиқа мерос мондааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи осмони ситоразор ва корҳои хоҷагӣ мардуми Бобулистонро барои

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

чуқур омӯхтани математика равона карда буд. Аз ҳамин ҷост, ки махсусан илми ҳисоб дар ин сарзамин хеле хуб инкишоф ёфта буд. Ба ғайр аз чор амали ҳисоб онҳо метавонистанд ададҳоро ба квадрат, ба куб бардоранд, аз ададҳо решаи квадратӣ ва решаи кубӣ ҳосил кунанд ва ғ. Барои бобулиҳо прогрессияҳои арифметикию геометрӣ маълум буданд.

Тааҷҷубовар он аст, ки дар баробари аз системаи даҳии ҳисоб истифода бурдан, онҳо системаи ҳисоби асосаш адади 60 - ро дар истифода қарор дода буданд ва онро дар касрҳо низ татбиқ карда метавонистанд. Мутаассифона, донишҳои астрономиро бобулиҳо барои мақсадҳои астрологӣ, яъне илми ботил низ истифода мебурданд, ки мувофиқи таълимоти он аз рӯи ҷирмҳои осмон гӯё иродаи худоҳо ва ояндаро пешгӯӣ кардан мумкин бошад. Онҳо ба ҳафт табақаи осмон: Офтоб, Моҳ ва панҷ сайёраи ба назар намоён (Аторуд, Зуҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал)  эътибор медоданд. Ба ҳар кадоми ин ҷирмҳо ва ҷирмҳои дигари осмон рақамҳои мувофиқро аз 1 то 60 сазовор дониста, онҳоро парастиш мекарданд ва ин рақамҳоро муқаддас мешумурданд. Дар ин ҷо, махсусан ададҳои 7, 3, 6, 12 ва 60 ададҳои муқаддас ҳисоб меёфтанд. Адади 653- ро, ки дар илми соҳиронаи онҳо рамзи абадият ба ҳисоб мерафт, ба ду ҷамъшаванда ҷудо мекарданд: 653 = 292 + 361. Барои онро шарҳ додан ҳарду тарафи баробарии ҳосилшударо ба 5 зарб зада, баробарии зеринро соҳиб мешавем: 3 265 = 1 460 + 1805. Агар адади якуми ин навишт даври гардиши бурҷи Фениксро ифода кунад, ҷамъшавандаи аввали тарафи рост даври гардиши ситораи Сириус (Сотис) ва адади 361 адади каратии даврахои 19 - солаи Моҳро (Сикли Метон) ифода мекунанд. Ана аз ҳамин ҷо парастиши ин ё он адад сарчашма мегирад.

Хурофоти ададии холдейҳо ба Юнони Қадим низ таъсири хешро боқӣ гузошт. Дар пайравӣ бо бобулиҳо юнониҳо низ рақамҳои 3 ва 7 – ро муқаддас эътироф мекарданд. Парастиши ададии бобулиҳо, махсусан, ба  олим ва математики Юнони Қадим Пифагор (соли 580 то милод) таъсири амиқ боқӣ гузошт. Пифагор ба Миср, Холдей ва дигар мамолики ҳамсоя сафар карда, бисёр чизҳоро мушоҳида кард, омӯхт ва пас аз бозгашт ба зодгоҳаш (Италияи ҷанубии ҳозира) дар он ҷо ҷамъияти динӣ - фалсафии хешро асос гузошт. Дар ин ҷамъияти пӯшида ва пинҳонӣ  пайравони Пифагор  илмҳои замона, аз ҷумла, арифметика, геометрия ва астрономияро меомӯхтанд. Онҳо як қатор кашфиёти муҳимро низ анҷом додаанд. Вале аз болои ҳаводисӣ табиӣ мушоҳида намуда, пайравони Пифагор ба хулоса омаданд, ки қонуниятҳои такрор ёфтани онҳоро бо воситаи ададҳо ифода намудан мумкин аст. Аз ин ҷо хулоса бароварданд, ки ададҳо моҳияти асосии ашёро ифода мекунанд ва оламро маҳз ададҳо идора мекунанд.

Ададҳоро омӯхта, пифагориҳо кӯшиш карданд, ки ба воситаи онҳо тамоми ашёи моддӣ ва маънавиро маънидод намоянд. Дар натиҷа, онҳо ба ададҳо моҳияти рамзӣ бахшиданд. Масалан, ададҳои ҷуфтро мардона ва ададҳои тоқро (аз 3 сар карда) занона шуморида, суммаи адади якуми мардона (2) ва адади якуми занона (3), яъне, адади 5 – ро рамзи никоҳ меҳисобиданд. Ададҳои квадратӣ (зарби адад бо худаш)-ро рамзи адолат ва баробарӣ ҳисоб мекарданд. Адади 6 =1+2+3 рамзи мукаммалӣ ба шумор мерафт, чунки ба суммаи тақсимкунандаҳои худаш баробар аст:  6 =1+2+3. Адади 28 низ адади мукаммал эътироф гашта буд, чунки  28 = 1+ 2 + 4 +7 +14.

Агар ду адад дорои чунин хосият бошанд, ки суммаи тақсимкунандаҳои яке аз онҳо ба адади дуюм баробар бошаду суммаи тақсимкунандаҳои адади дуюм ба адади якум баробар бошад, ин ҷуфтро ададҳои дугоник ё ҷуфти муносиб меномиданд. Тахмин меравад, ки чунин ҷуфти нахустинро барои ададҳои 220 ва 284 онҳо ошкор сохта буданд.

Адади 36 боз адади муқаддастар ҳисоб меёфт, зеро вай аз суммаи 4 адади ҷуфти нахустину 4 адади тоқи нахустин иборат буд: 36 = 2+4+6+8 +1+3+5+7. Тавре Плутарх овардааст, қасам бо ин адад барои пайравони Пифагор аз ҳама болотарин ва даҳшатноктарин ҳисоб меёфт.

Кашфиёт ва маълумоти дигари  ҷуғрофии хешро  пифагориҳо бо хурофот марбут медонистанд.  Онҳо тақсими порчаро ба нисбати қисмҳои канорӣ ва мобайнӣ (буриши илоҳӣ ё

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

таносуби тиллоӣ) медонистанд ва бо ёрии он панҷгӯшаи мунтазамро, ки ба саломатии инсон марбут буд, парастиш мекарданд. Ин панҷгӯша пантограм номида шуда, рамзи иттиҳоди пифагориҳо ҳисоб меёфт. Панҷ ҷисми мунтазами геометрӣ: тетраэдр, куб, октаэдр, икосаэдр ва додекаэдр рамзҳои ҳаводиси табиӣ, аз қабили ҳаво, Замин, об, оташ ва эфир ҳисоб меёфтанд, ки ҳамаи ҷирмҳои осмон аз онҳо бунёд ёфтаанд. Мактаби Пифагор, ки бо асрори ниҳонии дохили хеш ҳамагонро ба ташвиш оварда буд, 100 сол идома ёфт. Пифагориҳо аксари дастовардҳои олимони бобулӣ ва мисриро тасарруф карда, моли худ меҳисобиданд. Аз ҷумла, теоремаи машҳури Пифагор, ки онро хонандагони синфҳои 8-и макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ меомӯзанд, 1000 сол пеш аз таввлиди Пифагор ба бобулиҳо маълум буд. Ин мактаби машҳур мардумро ба мушкилот ва дилтангӣ мувоҷеҳ кард ва ниҳоят аз ҷониби ҳокимони Юнон пароканда карда шуд, аммо тарафдорони ин мактаби бузург дар инкишофи фалсафаи мамолики дуру наздик таъсири худро боқӣ гузоштанд. Аз ҷумла, Афлотун (с.427- 347 то милод), ки ба инкишофи математика аҳаммияти хосса додааст, талқин мекард, ки «геометрия аз ҷониби илоҳӣ татбиқ карда мешавад», бинобар ҳамин, шахсони аз геометрия бехабарро ба академияи таъсисдодаи хеш роҳ намедод. Пас аз Афлотун математикаи юнонӣ дар симои олимони искандарӣ, аз қабили Эвклид, Архимед, Аполлония ва шогирдони онҳо ба авҷи тараққиёт ноил гашта, аз унсурҳои таассуфу хурофот раҳо ёфт. Аммо дере нагузашта, дар асри 1 -и то милод боз парастиши ададҳо аз нав эҳё гардид. Олим Никомах, ки бо асарҳояш дар соҳаи арифметика ном бароварда буд, дар китоби «Арифметикаи илоҳиёт» моҳияти ададҳои аз 1 то 10- ро чунин овард: «Воҳид ин парвардагор аст ва он ақл, хирад, некӣ, гармония ва хушбахтиро ифода мекунад. Адади 2 (ду) ғояи нобаробариро ифода намуда, он материя, ҷамъи ашёро ифода мекунад, ҷасорат аст, ки аз он ададҳои дигар ҳосил карда мешаванд. 3 (се) нахустин адади мукаммал аст, чунки он ибтидо, мобайн ва охирро ифода мекунад (3 = 2+1). Олимони дигари яхудитабор низ ададҳои аз 1 то 10 - ро мутобиқ ба дину мазҳаби худ ба таври хосса маънидод мекарданд. Маълум, ки дар ҳамин замина, анъанаи фолкушоӣ дар байни мардуми авом васеъ паҳн гардид ва ҷамъият бо як ҳолати ногувор дучор омад. Ахирон императори византӣ Юстиниан бо фармони махсус астрологҳо ва математикҳои хурофотпарастро аз пойтахти давлаташ ронд.

Дар Рими Қадим низ анъанаи ададпарастии холдейҳо доман паҳн кард. Онҳо низ 3 ва 7 - ро ҳамчун ададҳои муқаддас аз бобулиҳо қабул карданд. Ба ғайр аз ин, онҳо адади 13 - ро адади «наҳс» меҳисобиданд ва аз барпо кардани ҳар гуна маросиму идҳо дар ин рӯзи моҳ даст мекашиданд. Ин адад дар аҳди насрониҳо боз ҳам адади бехосияттар шуморида мешуд.

Таъсири хурофотпарастии холдейҳо ба мардуми Шарқ, аз ҷумла, ҳиндуҳо низ бетаъсир намонд. Дар ин ҷо ҳам ададҳои 3 ва 7 ҳамчун ададҳои муқаддас эътироф мешуданд. Ҳоло ҳам ҳиндуҳо рӯзҳои панҷшанбе ва шанбе тарошидани мӯи сарро фоли нек намеҳисобанд. Вале ҳиндуҳо боз ба ададҳои калон низ бартарӣ медоданд ва ба онҳо арҷ мегузоштанд. Дар хурофоти динии онҳо доир ба 24 000 биллион худоҳо сухан меравад; Буддо гӯё 600 000 миллион писар доштаасту дар ҷанги байни одамон бо маймунҳо 10 000 сектиллион маймун иштирок карда будааст. Мувофиқи ривоятҳо гӯё Кошифи бозии шоҳмот (шатранҷ) аз шоҳ дархост кардааст, ки барои бозии ихтироъкардааш миқдори муайяни донаҳои гандумро талаб кунад: барои катаки якум 1 дона, барои катаки дуюм-2 дона, барои катаки сеюм - 4 дона, барои катаки чорум – 8 дона ва ғайра, барои ҳар як катаки минбаъда назар ба катаки пештара ду баробар зиёдтар донаи гандум талаб кунад, дар натиҷа адади ниҳоят калони донаҳои гандум, яъне 264-1 дона гандум лозим меояд. Ин адади бистрақамаи 18 446 744 073 709 551 615 чунон калон аст, ки агар тамоми сатҳи сайёраро даҳсолаҳо гандум мекориданд, ин миқдор гандумро ҳосил кардан ғайриимкон буд! Мувофиқи ривоятҳо дар бораи Буддо гӯё худои ҳиндуҳо метавонистааст ададҳои аз 1 ва 54 сифри пас аз он омадаро аз рӯи разрядҳояш ҳисоб кунад. Ин завқи донишандӯзии ҳиндуҳои қадим нисбати ададҳои ниҳоят калон ба олимони минтақа имкон фароҳам овард, ки ба воситаи шумораи

## ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

маҳдуди рақамҳо ададҳои бисёррақамаро ифода намоянд.

Пас аз таназзули империяи ғарбии Рим дар минтақаи Аврупо муддати садсолаҳо алангаи илм хомӯш гашт ва мардуми мамолики Аврупои ғарбӣ ба торикии ақлонӣ ва зулмоти маънавӣ гирифтор шуда, ба ҷаҳолати тӯлонӣ дучор гардид. Шумораи зиёди олимон, ки аксарияташонро аҳли музофоти ғарбии империяи Рим ташкил медоданд, аз қабили юнониҳо, суриягиҳо ва яҳудитаборон ба сарзамини Форс фирор карданд. Дар муддати беш аз ду аср, то аз ҷониби арабҳо забт гаштанаш, сарзамини Форс нигоҳдоранда ва ҳимояткунандаи донишҳои илмӣ ба ҳисоб мерафт. Олимони арабизабон, ки барояшон забони арабӣ забони илм ба шумор мерафт, баробари бо дастовардҳои илмии юнониҳо ошноӣ пайдо кардан, забонҳои онҳоро омӯхтанд, асарҳои илмиашонро бо хатти арабӣ (форсӣ) тарҷума карданд ва дар асоси он ба кашфиёти бузурги илмӣ ноил гаштанд. Арабҳо, аслан ба илмҳои математика ва табиатшиносӣ, аз ҷумла, ситорашиносӣ (нуҷум) таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Тавре медонем, Ал-Мансур аз ҳар гӯшаву канори мамолики дуру наздик дар шаҳри Бағдод олимону орифони машҳури онвақтаро гирд овадра, «Хонаи ҳикмат»- ро таъсис дода буд. Барои мушоҳидаи ситораҳову сайёраҳо расадхонаҳо бунёд гардиданд. Дар ин марказҳои илмӣ намояндагони бузурги мардуми арабизабон ба кори илмӣ ҷалб карда шуданд. Бо ҳамин мақсад, асари машҳури «Алмачест»-и Афлотунро дар бораи Сохти олам, инчунин, асарҳои дигари ситорашиносони юнониро тарҷума карда, ба онҳо арҷ гузоштанд. Бо вуҷуди ин, тарҷумонҳои араб аксари хурофотеро, ки дар абёти юнонӣ вуҷуд дошт, бе дигаргунӣ нигоҳ доштанд. Аз ҷумла, ситорашиносони арабизабон (забони илми онвақта арабӣ буд) бо ҷидду ҷаҳди зиёд ба илми хурофотпарастии астрология машғул шуда, аз худ асарҳо боқӣ гузоштанд, ки минбаъд онҳо аз ҷониби олимони Аврупои Ғарбӣ ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дар истифода қарор гирифтанд. Аз ҷумла, дар соҳаи арифметика онҳо бо ададҳои мукаммал, бо ҳам дӯст ва дугоникҳо аз кашфиёти Пифагор шинос шуда, онҳоро аз нуктаи назари тасаввуф маънидод мекарданд. Барои ёфтани ҷуфти ададҳои бо ҳам дӯст Собит- ибни-Курра формулаеро ошкор кард, ки дар асоси он шумораи беохири ҷуфтҳои бо ҳам мувофиқро ёфтан мумкин аст. Ин қоида чунин аст: Агар ададҳои p = 3 · 2n-1; q = 3 · 2n-1-1; r = 9 · 22n-1 сода бошанд, он гоҳ ададҳои A = 2n · pq ва B = 2n · r ҷуфти ададҳои бо ҳам дӯстро ҳосил мекунанд. Масалан, ҳангоми n = 2 будан, ҳосил мекунем: p = 11, q = 5, r = 71. Дар ин маврид, ададҳои A = 220 ва B = 284 ҳосил мешаванд. Дар ҳақиқат, тақсимкунандаҳои адади 220 ададҳои 1, 2, 4, 5, 10, 11, 20, 22, 44, 55, 110 ва тақсимкунандаҳои адади 284 ададҳои 1,2,4,71,142 буда, баробариҳои зерин ҷой доранд:

220 = 1+2+4+71+142 ва 284 = 1+2+4+5+10 +11+20+22+44+55+110.

Доир ба ин ададҳо нависандаи ғарби араб Ал-Мадскритӣ дар асари «Бокира» овардааст, ки барои ҷалб кардани муҳаббати ҷинси муқобил кифоя аст, ки ба ӯ рақами 220 – ро дар ягон ашё навишта хӯронед ва худ рақами 284 – ро фурӯ баред. Таъкид кардааст, ки ин таҷрибаро дар ҳаёти хеш озмоиш карда, натиҷаи боварибахш ҳосил кардааст. Ҳамин тавр, парастиши хурофот бо ададҳо дар асрҳои миёна дар байни мардуми мамолики исломӣ низ дида мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| 4 | 9 | 2 |
| 3 | 5 | 7 |
| 8 | 1 | 6 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 15 | 14 | 4 |
| 12 | 6 | 7 | 9 |
| 8 | 10 | 11 | 5 |
| 13 | 3 | 2 | 16 |

Олимони арабизабон «квадратҳои сеҳрнок» - ро низ хислати хурофотӣ додаанд. «Квадратҳои сеҳрнок» гуфта, ҷадвалҳои шакли квадрат доштаро меноманд, ки дар ҳар як катаки онҳо ададҳои 1,2,3, … навишта шудаанд ва талаб карда мешавад, ки бояд суммаи ададҳо аз рӯи сатрҳо, сутунҳо ва диагоналҳои аз катакҳо тартибёфта ба ҳамон як адад баробар шавад. Ба ин квадратҳои ба 9 катак ва ба 16 катак ҷудокардашуда мисол шуда метавонанд.

## ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Чунин квадратҳои сеҳрнок дар дастхатҳои қадимаи чинӣ, ки 3500 сол то милод навишта шудаанд, дучор меоянд. Доир ба квадратҳои сеҳрнок ҳиндуҳо ҳам маълумот доштанд ва ин маълумот аз онҳо ба мардуми арабу форсҳо паҳн гашт. Дараҷаи баланди илми мардуми арабу форс ба маданияти асримиёнагии аврупоиён бетаъсир намонд. Аллакай дар асри X аврупоиён ба фарҳангу маданияти мардуми арабизабон рӯ оварда, аз кашфиёт ва дастовардҳои илмии онҳо баҳраманд гаштаанд. Якҷоя бо унсурҳои илмии арабҳо аврупоиён, инчунин, хурофоти таассубии астрологӣ ва ададии онҳоро омӯхтанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳоло ҳам дар аксар меҳмонхонаҳои амрикоӣ ва баъзе мамлакатҳои аврупоӣ на ошёнаи 13 вуҷуд дораду на ҳуҷраи рақами 13. Ба ҳамин монанд, рақами 4 дар Хитой аз ҳама «даҳшатноктарин» шуморида мешуд ва онро дар баъзе мавридҳо на навиштан мумкин буду на талаффуз кардан. Натиҷаи ҳамин аст, ки аксари хонаҳо, ҳуҷраҳо, лифтҳо дар Чини ҳозира рақами тартибии 4 – ро дар баробари 13 ва 23 надоранд.

Ҷолиб ба ёдоварист, ки ба астрология ва пешгӯӣ кардан на танҳо одамҳои одӣ, балки ашхоси аз таассуф орӣ, ҳатто олимони бузург низ эътиқоди хосса доштанд. Дар таърихи инсоният ҳодисаву воқеаҳое дучор омадаанд, ки пешгӯии нодурусту беасос боиси ташвиши садҳо ҳазор инсон гардидааст. Масалан, олими маъруфи соҳаи математикаи Аврупо Михаил Штифель (1486 - 1567), ки дар соҳаи алгебра кашфиёти пурарзиш кардааст, ба хурофот дода шуда, оқилтарошии бесамар нишон медиҳад. Ӯ ба мардум эълон кард, ки 13 октябри соли 1533 дунё ба охир мерасад. Деҳқонони музофоти Голтсдорф ба ӯ ҳамчун олими соҳаи математика ва руҳонии олимартаба бовар карданд. Қисме аз онҳо ба тоату ибодат дода шуда бошанд, қисми дигарашон боигарии хешро фурӯхта талаву тороҷ карданд, қисми боқимонда корро бас карда, фаро расидани рӯзи маҳшарро интизор шуданд. Вақте ки дар рӯзи муқарраргашта ягон дигаргунӣ мушоҳида нашуд, аҳолӣ ба қаҳру ғазаб омада, ба муқобили руҳонии фолбин баромада, ӯро куштанӣ шуданд. Ба Штифели ноком лозим омад, ки ба Виттенберг гурезад ва ҷон ба саломат барад. Ин гуна мисолҳо хеле зиёданд. Ҳолатҳое низ мушоҳида мешаванд, ки дар онҳо ин ё он адад дар ҳаёти шоҳону сарфармондеҳон, одамони машҳур нақши муҳим гузошта «муқаддас» гаштааст. Масалан дар ҳаёти шоҳи Фаронса Генрих IV адади 14 хеле нақши муҳим бозидааст. Бисмарк ба адади 3 эътиқоди бузург дошт. Барои Наполеони III адади 17 адади бобарор ҳисоб мешуд ва ғайра.

Рафта - рафта кашфиёти илмӣ дар соҳаи астрономия ба астрология зарбаи ҳалокатовар заданд. Соли 1543 асари Николаи Коперник доир ба сохти нави Кайҳон чоп шуд. Телескопи ихтироъкардаи Галилей (с.1609) имкон фароҳам кард, ки мушоҳидаҳои астрономии аниқ гузаронида шаванд. Кеплер қонунҳои математикии гардиши сайёраҳоро дар гирди Офтоб ошкор кард. Нютон тавонист конуни ҷозибаи ҷаҳониро ошкор созад, то қонунҳои Кеплерро бо воситаи он маънидод кардан имконпазир намояд. Бо чунин дастовардҳо таъсири сайёраҳо ба қисмати одамон як хаёли пучу бемаънӣ ҳисоб ёфт. Мутаассифона, ба тараққиёт илму техника нигоҳ накарда, таассуфи илмӣ ва ададӣ ҳоло ҳам умр мебинаду ҳоло намурдааст. Инкишофи минбаъдаи он дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX ба қайд гирифта шудааст.

Дар рӯзҳои мо рӯзномаву маҷаллаҳо барои бозоргузару хонданибоб гардонидани саҳифаҳояшон ҳар гуна толеъномаҳоро рӯи коғаз оварда, диққати мардумро ба худ ҷалб мекунанд. Дар натиҷа, даҳҳо ҳазор хонанда ба ин суханони бофта бовар мекунанд ва худро ба ин ё он ҳолати сохтаву хаёлӣ омода месозанд. Агар дар асрҳои миёна мардум аз ҳодисаҳои табиии гирифтани Офтобу Моҳ ба изтиробу таҳлука меафтида бошанд, ҳоло ба ин ҳодисаҳо ҳамчун бо ҳодисаи одӣ муносибат мекунанд. Астрономҳо ҷадвали хусуфҳои Моҳ ва кусуфҳои Офтобро то миёнаи солҳои 3000 – ум тартиб додаанд ва рӯй додани чунин ҳодисаҳоро хеле дақиқ пешгӯӣ мекунанд.

### Адабиёт

1.С.А. Воронской. «Нумерология или наука о числах». Центрополиграф, 2009,

2.И.Чистяев. «Числовые суеверие», «Мир»,1985,

3. Кордемский Б.А.,Ахадов А.А «Удивительный мир чисел», «Просвещегие» 1986.

ФИЗИКА

**А. УБАЙДОВ,**
**омӯзгори мактаби №6,**
**М. НИЁЗӢ,**
**омӯзгори мактаби №3,**
**ноҳияи Мастчоҳ**

## УСУЛИ ШАВҚОВАРИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРИ ЛАБОРАТОРӢ
### (Намунаи як соати дарсӣ)

Зимни таълими физика омӯзгор бо истифода аз роҳҳои гуногун метавонад шавқмандии хонандагонро баланд бардорад. Махсусан дар ин самт дарсҳои кори лабораторӣ хеле аҳамиятноканд. Омӯзгори болаёқату соҳибтаҷриба метавонад барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии азхудкардаи хонандагон маҳорати баланди хешро нишон диҳад.

Мо дар нигоштаи хеш намунаи нақшаи дарсиеро меорем, ки омӯзгорони физика метавонанд, аз он зимни гузаронидани кори лабораторӣ истифода баранд.

**Намуди дарс:** Кори лабораторӣ №2

**Мавзуъ:** Муайян кардани андозаи ҷисмҳои хурд

**Мақсади дарс:**

- ба хонандагон шинос намудани тарзи кори микрометр ва штангенсиркул, дарозисанҷ ва хатогиҳои эҳтимолии ҳангоми санҷиш рӯйдиҳанда.

- ба хонандагон шинос намудани ченкунии андозаи ҷисмҳои гуногун: нахӯд, химча, ҷисмҳои гуногун

**Салоҳиятҳо**

**Хонандагон бояд донанд:**

- усулҳои муайянкунии андозаи ҷисмҳои хурд;

- чен карда тавонистани дарозӣ ва диаметри ҷисмҳои гуногун;

- истифодаи штангенсиркул, микрометр, дарозисанҷ;

- хулосабарорӣ баъди иҷрои кори лабораторӣ.

**Натиҷаҳои таълимӣ:**

- баёни омӯзгорро гӯш карда, доир ба кори лабораторӣ ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;

- ба мавзуъ сарфаҳм равад ва лаҳзаҳои асосии онро шарҳ дода тавонад;

- ба кори лабораторӣ сарфаҳм равад ва лаҳзаҳои асосии онро шарҳ дода тавонад;

- доир ба усулҳои муайянкунии андозаи ҷисмҳои хурд маълумот дошта бошад;

- аз уҳдаи чен намудани дарозӣ ва диаметри ҷисмҳои хурд баромада тавонад;

- кори лабораториро иҷро карда тавонад;

- аз иҷрои кори лабораторӣ хулосабарорӣ карда тавонад.

**Лавозимот:**

- ҷадвал, нахуд, химча, ҷисмҳои гуногун, микрометр, штангенсиркул

**Маводи таълим:**

1. Файзи Нормурод, Сайидҷаъфари Қодирӣ. «Физика». Китоби дарсӣ барои синфи 7- уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ. ш. Душанбе, нашриёти «Собириён»-2013, саҳ. 45-48

**Равиши дарс:**

1. **Омода намудани синф ба дарс**

- омӯзгор дарсро бо навбатдор оғоз менамояд. Ӯ ба навбатдор оид ба иштироки хонандагон ва вазъи синфхона муроҷиат менамояд;

- давомоти хонандагон қайд карда мешавад;

- муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълимӣ.

2. **Пурсиши вазифаи хонагӣ**

Омӯзгор дониши хонандагонро доир ба мавзуи «Тафовут дар сохти молекулии ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо» месанҷад;

- омӯзгор ба ҷавоби хонандагон, ба саволҳои гузошташуда диққат медиҳад;

- дар мавриди носаҳеҳ будани ҷавобҳо онро пурра мегардонад;

- ҳангоми ба забони норавон баён кардани андешаҳо, омӯзгор хонандагонро ислоҳ намуда, таъкид менамояд ва ҷавобҳои онҳоро пурра мегардонад;

- омӯзгор хонандагонро барои иҷрои кори лабораторӣ омода менамояд.

3. **Баёни мавзуи нав: Кори лабораторӣ №2**

Маълумот дар бораи сохт ва тарзи кори асбобҳое, ки бо он ҷисмҳои андозаашон хурдро чен мекунанд.

Милапаргор (русӣ: штангенциркуль; англ.:

## ФИЗИКА

caliper) аз хаткашак ё худ чадвали миллиметри тақсимоти пӯлодин ва нониус ном олате иборат аст, ки дар он чадвалчаи махсуси ёридиҳанда сохта шудааст (расми 1 ва 2). Нониус даричаи хурде дорад, ки қисми поёнаш дарачабандӣ шудааст ва 10 тақсимот (хонача) дорад. Ин 10 хонача ҳамчени 9 мм меоянд, яъне, ин 9 мм ба 10 ҳиссаи баробар тақсим шудааст ва хар як хонаи чадвалчаи рӯйи нониус аз як хоначаи чадвали асосӣ ба қадри даҳяки миллиметр кӯтоҳтар аст. Дурустии нишондоди милапаргор аз корбурди ҳамин нониус ба даст меояд.



**Расми 1**



**Расми 2**

Аз номи «чадвали миллиметри тақсимот» фахмост, ки ҳар як тақсимоти чадвали асосӣ 1 мм асту они нониус - 0,9 лш, яъне, ба қадри 0,1мм кӯтоҳтар аст. Чизи санҷиданӣ дар байни лабаҳои милапаргор ҷой дода мешавад.

**Чанд мавридро бинем:**

а) дар байни лабаҳои асбоб чизе нест ва онҳо бо якдигар ҷафсанд -

дар ин сурат нишонаҳои сифрии ҳарду чадвал дар ростои якдигар ҷо гирифта, ғафсии сифриро нишон медиҳанд (яъне, менамоянд, расми 3, а);

б) лабаҳо ба қадри 0,3лш кушодаанд - дар ин сурат хатчаҳои «3»-и ҳарду чадвал муқобили ҳам ҷой мегиранд (расми 3б), яъне, агар дар байни лабаҳои асбоб ягон чизи тунук гузошта шавад ва андозаи санҷидании он 0,3 мм бошад, хатчаҳои «3» дар ростои ҳамдигар ҷой мегиранд ва ғайра.

в) хатчаҳои «4» дар ростои якдигар ҷой гирифтаанд (расми 3в) - ин он гуна маънӣ дорад, ки даҳони милапаргор ба қадри 0,4 мм боз аст, яъне ҷисме, ки дар байни лабаҳо қапгонда шудааст, андозаи 0,4 мм дорад. Ҷисмҳои дигари миллиметриандоза низ ба ҳамин тарз санҷида мешаванд.

Хуб, агар ғафсии ҷисми санҷиданӣ беш аз 1 см, масалан, 1,12 см, яъне 11,2 мм бошад, чӣ? Посухи ин пурсишро аз расми 3 г дарк кардан осон аст. Адади миллиметрҳои томро бояд аз руйи чадвали асосӣ ба ҳисоб гирем. Дар мисоли мо ин адад 11 аст. Ҳиссаҳои миллиметри 12-умро аз руйи мавқеи ҳамон хатчаи нониус меёбанд, ки он дар ростои ягон хатчаи чадвали асосӣ ҷой мегирад (ин ҷо фарке надорад, ки хатчаи нониус дар рости кадом хатчаи чадвали асосӣ ҷой мегирад).




**Расми 3**

Барои чен кардани ғафсии ҷисмҳои хурд ҳамчунин аз резсанҷ (микрометр) истифода мекунанд. Сохти резсанҷ дар расми 1 омадааст. Вазифаи ҷузъҳои ин асбоб аз номашон фаҳмост. Ҷисми санҷиданиро дар байни сандон ва забончаи резсанҷ гузошта, кӯлоҳаки андозагирии 5-ро то дами ба ҷисм ҷафс шудан сӯи рост тоб медиҳанд.



**Расми 1**

Адади миллиметрҳои томи ифодакунандаи андозаи ҷисм аз чадвали рӯйи мухра (4) ва ҳиссаҳои чадвали доиравӣ гирифта (яъне хонда) мешавад, ки

дар лаб-лаби тарафи чапи кӯлоҳаки 5 сохта шудааст. Хатчаҳои ҷадвали рӯйи мухра аз якдигар ниммиллиметрӣ дуранд. Порае аз ин ҷадвал дар расми 1 тасвир ёфтааст. Вақте ки кӯлоҳаки даврзанандаи 5 ба қадри як даври пурра тоб дода шавад, ним миллиметр мекӯчад, яъне, як қадами ин кӯлоҳак 0,5 мм аст. Ҷадвали даврие, ки дар лаб-лаби ин кулоҳак сохта шудааст, 50 хатча (50 тақсимот) дорад ва фосилаи байни хатчаҳои он 0,5 лш / 50 = 0,01 мм аст (дар расми 2 рақамҳои 5, 0, 45-и ҷадвали доиравӣ намоёнанд). Пас, агар кӯлохаҳи андозагирии 5 як давр тобида шавад,

Даҳони микрометрро ба қадри 0,5 мм боз мекунад. Аз ин рӯ, вақте ки кӯлоҳак чени як тақсимоти ҷадвали доиравӣ печад, даҳони микрометр чени панҷоҳяки 0,5 мм, яъне чени садяки \мм (0,01лш) боз мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки бо микрометр дарозиҳои то садяки миллиметрро ба хубӣ чен кардан имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, микрометр назар ба милапаргор (штангенсиркул) саҳеҳияти 10 бор хубтар дорад.




**Расми 2**

**4. Тартиби иҷрои кор.**

4.1. Доначаҳои нахӯдро гиред ва бо воситаи штангенсиркул (милапаргор) ё ҷадвал андозаи онҳоро чен кунед. Сипас, якчанд дона нахӯдро гиред ва андозаи онро чен кунед.

4.2.Натиҷаи ҳосилшударо ба шумораи нахӯдҳо тақсим кунед ва қиммати миёнаи андозаи нахӯдҳоро муайян кунед.

4.3.Натиҷаҳои ҳосилшударо дар ҷадвали зерин гузаронед.

4.4. Таҷрибаро такрор карда, хулосаҳоятонро дар дафтар нависед.

| № | Андозаи як дона нахӯд, мм | Андозаи 10 дона нахӯд, мм | Қиммати миёнаи андозаи нахӯдҳо, мм |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |
| 4 | | | |
| 5 | | | |

5. **Мустаҳкамкунӣ.**
**Инкишофи малакаҳои салоҳиятҳо**

Барои санҷидани дараҷаи азхудкунии хонандагон ва мустаҳкамкунии дарс, омӯзгор ба хонандагон чунин саволҳо медиҳад:

- кадом усулҳои муайянкунии андозаи ҷисмҳои хурдро медонед?
- чӣ тавр дарозӣ ва диаметри андозаи ҷисмҳои хурдро чен менамоянд?
- доир ба иҷрои кори лабораторӣ хулосаатонро баён намоед.

6. **Супориш барои хона.** §1.13. Иҷрои машқ. саҳ. 47

# «БОЗЁФТ» - ДАРЁФТИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

Бо ташаббуси Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» ва дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал аз 18 то 23 сентябр бо мақсади дарёфти хонандагони болаёқат ва соҳибистеъдод ҷиҳати дастгирӣ ва рушди минбаъдаи онҳо дар тамоми ҷумҳурӣ ҳафтаи «Бозёфт» гузаронида шуд.

Иқдоми мазкур бо мақсади амалисозии тадбирҳо вобаста ба эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав ва дар ин замина мусоидат ба касб интихоб намудани хонандагони болаёқат ва рушди ҳаракати олимпӣ амалӣ мегардад.

Таҳсил дар марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо комилан ройгон буда, дар ҷараёни таълим хонандагон имкони рушд додани қобилияти зеҳниву эҷодкории худ, гирифтани тавсия оид ба касбинтихобкунӣ ва роҳнамоӣ ҷиҳати идомаи таҳсил дар зинаи таҳсилоти касбиро пайдо намуда, ҳамзамон барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ омода мешаванд.

22 СЕНТЯБР - РӮЗИ РӮДАКӢ

# СОҲИБҚИРОНИ ШОИРОН



## ЗИНДАГИНОМАИ ШОИР

Дар соли 858 дар хонадони Муҳаммад тифли зеборӯе чашм ба олам кушод. Ба ӯ Ҷаъфар ном гузоштанд. Касе намедонист, ки солҳо мегузараду овозаи шеъраш ба Бухоро – пойтахти давлати Сомониён мерасад. Ӯро ба дарбор даъват мекунанд, соҳибқирони шоирон, маликушшуаро мегардад. Номи деҳаи Панҷрӯд ё Рӯдакро машҳури оламиён мегардонад ва то абад сардафтари адабиёти тоҷику форс мемонад.

Бунёдгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ соли 858 дар деҳаи Панҷрӯд аз тавобеи Самарқанд (бинобар ин, дар баъзе сарчашмаҳо Рӯдакии Самарқандӣ низ меноманд), ки акнун рустое аз ноҳияи Панҷакент дар вилояти Суғд аст, ба дунё омадааст. Таърихи ҳазору садсолаи адабиёти тоҷик бо номи бунёдгузори он устод Рӯдакӣ сахт вобаста аст. Рӯдакиро муосиронаш ва суханварони баъдӣ на бо унвонҳои ифтихорӣ: «Одамушуаро», «Қофиласарои назми форсӣ», «Соҳибқирони шоирон», «Султони шоирон», «Мақаддумушуаро» ва ҳамсони инҳо ёд мекунанд.

Соҳибқирони шоирон бо хидматҳои бузургаш ба ин мақоми таърихӣ расидааст. Рӯдакӣ дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик аввалин суханварест, ки таҷрибаву муваффақиятҳои гузаштаи худро дар соҳаи адабиёти форсӣ ҷамъбаст кардааст. Рӯдакиро яке аз асосгузорони жанрҳои назми форсӣ - достон, рубоӣ, қасида, байт, ғазал ва ғайра пазируфтаанд.

## МОҶАРОҲОИ ЗИНДАГИИ ШОИР

Замони камолоти эҷодии Рӯдакӣ дар Бухоро гузашт. Ӯ на танҳо дар дарбор, балки дар байни халқ ва хоса гурӯҳҳои равшанфикри аҳли шаҳр низ шуҳрат ёфта буд.

Хонадони Сомониён дар аввали ҳукмронии худ ба пайравони мазҳабҳо, ҳатто динҳо бетараф буданд. Аз соли 919 сар карда, дар хоки Сомониён, аз як тараф таблиғоти равияи қарматӣ авҷ мегирад, аз тарафи дигар, дар охирҳои замони Наср ибни Аҳмад (914 - 943) таассуб ва хурофоти мазҳабӣ хеле боло рафт. Номбурда аз фитнаҳо, бетартибиҳо, амалиёти зиддихалқии қуввахои ҷудоиҷӯи марказгурез ва ривоҷи хурофоти мазҳабӣ, ки ҳаёти шоирро талх карда, ба кори эҷодии ӯ халал мерасонданд, ба танг омада, дар сафи одамони пешқадам, ватандӯст ва халқпарвар меистад. Вай ҳатто аз он пушаймон мешавад, ки дар дарбор хизмат кардааст:

**Басе нишастам ман бо акобиру аъён,**
**Биозмудамашон ошкору пинҳонӣ.**
**Нахостам зи таманно магар, ки дастурӣ,**
**Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.**

Ҳукуматдорон ин рафтори бебоконаи шоирро бардошта натавонистанд. Онҳо молу мулки ӯро мусодира карда, ба чашмонаш мил кашида, кӯр карданд. Мил кашидан аз кабеҳтарин ҷазоҳои ҳокимони феодалӣ буд, ки бо лӯлачаи оҳанини тасфон гавҳараки чашми одамонеро, ки аз ҷиҳати мафкуравӣ хавфноктарин шумурда мешуданд, доғ мекарданд.

Рӯдакӣ пири нотавон, озорёфта ва ҷазогирифта ба деҳаи худ баргашт. Баъди бозгашт ба зодгоҳ Рӯдакӣ зиндагии пурҷӯшу хурӯш ва осудаи худро ба ёд оварда, мулоҳиза меронад, ки чаро ӯро аз майдони мубориза берун карданд? Бале, гуноҳе надошт.

## 22 СЕНТЯБР - РӮЗИ РӮДАКӢ

Шоири ранҷур навишта буд:

**Басо, ки маст дар ин хона будаму шодам,**
**Чунон ки ҷоҳи ман афзун буд аз амиру мулук.**
**Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,**
**Маро нагӯй, ки аз чӣ шудаст шодӣ сук?**

Баъди се соли ба зодгоҳи худ баргаштан, яъне, соли 941 аз олам гузашт. Ҷасади ӯро дар саҳни бӯстони Панҷрӯд ба хок супурданд. Оромгоҳаш то имрӯз зиёратгоҳи мухлисони назми пок, каломи ноб ва сухани олӣ мебошад.

Барои гиромидошти номи устод Рӯдакӣ дар Тоҷикистон яке аз ноҳияҳо ба номи Рӯдакӣ гузошта шудаасту вилояту ноҳияҳо хиёбону кӯчаҳову маҳалҳои аҳолинишин низ ба номи ӯ гузошта шудаанд. Дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе Боғи устод Рӯдакӣ, хиёбони маркази шаҳр ба номи Хиёбони Рӯдакӣ, муҷассамаи А. Рӯдакӣ дар хиёбони номбурда, якчанд муассисаи давлатӣ низ номгузорӣ шудаанд.

### ОСОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Устод Рӯдакӣ дар тӯли зиндагии худ мероси бузурги адабӣ боқӣ гузошта, яке аз шоирони пуркору пурбортарини замони худ буд. Осори бадеиву мондагори суханвари панҷрӯдиро Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубобу-л-албоб» сад дафтар ва Асадии Тӯсӣ (тав. 1005-1010 - ваф. 1073) дар қасидаи мунозиравии худ «Араб ва Аҷам» яксаду ҳаштод ҳазор байт баршумурданд.

Шояд дар ин гуфтаҳо муболиға роҳ ёфта бошад, аммо ҳамаи ин далели он аст, ки мероси бузурги устод Рӯдакӣ на танҳо бо муҳтавои баланду ҳунари шоирӣ, инчунин, бо ҳаҷму андозааш ҳанӯз дар асрҳои XII-XIII суханварони баъдиро дар ҳайрат гузошта будааст. Тасодуфӣ нест, ки Рашидии Самарқандӣ устод Рӯдакиро сарвари шоирони забардаст номидааст.

Ӯ шоири пуркору сермаҳсуле буд. Ӯ аз 8-солагиаш ба эҷоди шеър пардохт. Бар замми ин, Рӯдакӣ чунон истеъдоди бузург дошт, ки асарҳои калонҳаҷмро дар муддати кӯтоҳ эҷод мекард. Соли 932 ӯ бо хоҳиши дӯсташ Балъамӣ «Калила ва Димна»-ро дар 12 ҳазор байт ба риштаи назм мекашад. Ҳоло аз он қариб сад байт боқист.

### НАМУНАИ ОСОРИ ШОИР

**Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон,**
**В-аз гиряи хунин мижаам шуд марҷон.**
**Алқисса, ки аз дасти азоби ҳиҷрон,**
**Дар оташи рашкам дигар аз дӯзахиён!**

***

**Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,**
**Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!**
**Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,**
**Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!**

***

**Дило, то кай ҳамеҷӯи манеро,**
**Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро?**

**Чаро ҷӯи вафо аз бевафое?**
**Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро?**

**Аё савсан баногӯше, ки дорӣ,**
**Ба рашки хештан ҳар савсанеро.**

**Яке з-ин барзанӣ норох баршав,**
**Ки бар оташ нишонӣ арзанеро.**

**Дили ман арзане, ишқи ту кӯхе,**
**Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро?**

**Бибахшо, эй писар, бар ман бибахшо,**
**Макуш дар ишқ хира, чун манеро.**

**Биё, инак, нигаҳ кун Рӯдакиро,**
**Агар бечон равон хоҳӣ танеро.**

***

**Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,**
**Наздики Худованд бадӣ нест фаромӯшт.**

**Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,**
**Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.**

**Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,**
**Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.**

**Гуфто, ки «киро куштӣ, то кушта шудӣ зор?**
**То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?»**

**Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,**
**То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.**

**Таҳияи Сино ТОҲИРӢ**

**Хуршед ЗИЁӢ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор**



# НАҚШИ КОЛМАН БАРКС ДАР ТАРҶУМА ВА МУАРРИФИИ ОСОРИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ



Шоир ва мутафаккири бузург Мавлоно Ҷалолиддин Румии Балхӣ (1207-1273) аз ҷумлаи он намояндагони шинохтаи адабиёт ва илми тоҷик аст, ки дар даврони муосир бо осори арзишманду оламгири худ на танҳо дар Ватани худ, балки дар тамоми ақсои ҷаҳон шуҳрати беандоза пайдо кардааст. Дилбастагии мардуми олам ба шеъри Мавлоно беш аз ҳама дар миёни сокинони бузургтарин давлати олам – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мушоҳида мегардад, ки якчанд сабаб дорад. Аввалан, тарҷумаи хеле ҷаззоби ашъори Мавлоно аз ҷониби Колман Баркс (с. тав. 1937), ки дар китоби ӯ «Ҷавҳари Румӣ» (солҳои нашраш 1995. 2002) ҷамъоварӣ шудаанд, эҷодиёти ин шоири бузурги тоҷикро миёни мардуми на танҳо ИМА, балки тамоми кишварҳои англисзабон, аз қабили Англия, Канада, Австралия, Зеландияи Нав ва ғайра хеле маҳбуб гардониданд. Сониян, аз ҷониби муҳаққиқони ИМА якчанд таҳқиқоти бунёдӣ доир ба осор ва таълимоти Мавлоно ба анҷом расонида шудаанд, ки аз миёни онҳо асарҳои Ш. Фридлендер «Дарвешони чархон» (1975), Ф.Д. Люис «Зиндагӣ, таълимот ва назми Румӣ» (соли нашраш 2000) ва Брэд Гуч «Асрори Румӣ: тарҷумаи ҳоли шоири суфии ошиқ» (2017) аз тарафи хонандаи амрикоӣ ба хубӣ қабул шудаанд.

Вобаста ба тарҷумаи ашъори Мавлоно ба забони англисӣ, ки сабабгори шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани ин мутафаккири тоҷик гардидааст, чанд нуктаеро ба таври муфассалтар баён месозем. Қабл аз ҳама, бояд зикр намуд, ки тарҷумони шеъри Мавлоно - Колман Баркс, ки худ низ шоир ва адабиётшинос аст, ба ин мутафаккир ва осори ӯ алоқамандии хеле бузург дошта, на танҳо ашъорашро тарҷума кардааст, балки оид ба баъзе далелҳои тарҷумаиҳолии ӯ низ муносибати худро баён доштааст. Аз ҷумла, дар тарҷумаи русии китоби ӯ «Ҷавҳари Румӣ» омадааст, ки «Мавлоно дар як шаҳраки хурде бо номи Вахш (Тоҷикистони имрӯза), дар наздикии шаҳри бузурги Балх (Афғонистони имрӯза) таваллуд шудааст». Бо номи Румӣ машҳур гаштани ин шоиру мутафаккири бузурги тоҷикро, ки миёни ҳаммиллатонаш бо номи Ҷалолиддини Балхӣ маъруф аст, К. Баркс бо он иртибот медиҳад, ки ин шоир фаъолияташро дар «Анатолияи романӣ ё румӣ» гузаронидааст.

Колман Баркс бори аввал соли 1976 тавассути устодаш, шоири маъруфи амрикоӣ Роберт Блай (1926-2021) бо ашъори Мавлоно ошноӣ пайдо карда, минбаъд зиёда аз 13 маҷмуаи хурду бузурги ашъори ин шоири тоҷикро аз «Маснавии маънавӣ» то «Девони кабир» дар тарҷума ба забони англисӣ ба нашр расонид. Дар ин бора, худи К. Баркс хеле хоксорона нигоштааст: «Ман ҳам тарҷума кардани ашъори Румӣ ва ҳам таълифи ашъори худро дӯст

медорам. Аммо дар ҳолати аввал, яъне, бо Румӣ будан, ман худам бояд маҳв шавам, дар ҳолати дуюм бошад, бояд худро, шахсияти худ, хурсандиҳо ва шармсориҳои худро баён созам... Ҳамарӯза дар олам садҳо китобҳои Румӣ дар тарҷумаи ман нашр мешаванд, аммо китоби худи ашъори ман ҳамагӣ то панҷ нусха дар як моҳ ба нашр мерасад. Чунин муқоиса маҷбур мекунад, ки хоксор бошӣ».

Бояд тазаккур дод, ки тарҷумаи ашъори Мавлоно ба забони англисӣ аз ҷониби К. Баркс боиси он гардид, ки дар охирҳои асри гузашта ва ибтидои асри навин дар адабиёти англисзабон нашри осори Мавлоно ҳатто аз нашри ашъори Шекспир болотар рафт.

«Чунин ҳолат дар сесад соли охир мушоҳида нашудааст», - навиштааст муҳаққиқи русзабони муқими Амрико Сергей Сечив.

К. Баркс қайд мекунад, ки ҳангоми бори аввал ошноӣ пайдо кардан бо ашъори Мавлоно, ки бо забони хушки илмӣ аз тоҷикӣ ба англисӣ тарҷума шуда буданд, устодаш Р. Блай таъкид кардааст, ки «Ин достонҳо дар қафас маҳбус мондаанд, онҳоро танҳо бояд раҳо намуд». Ва хушбахтона, ба К. Баркс муяссар гардид, ки тавассути тарҷума байту сурудаҳои Мавлоноро на танҳо аз қафаси забонӣ озод намояд, балки пардаи асрорро аз онҳо бардорад, то хонандаи англисзабон аз ҳадафу мақсадҳои ин шоири шинохтаи тоҷик огоҳии бештар пайдо намояд. Минбаъд, дар асоси ин тарҷумаҳо оҳангсозони амрикоӣ ба шеъри Мавлоно мусиқӣ баста, онҳоро миёни мардуми амрикоӣ боз ҳам маҳбубтар сохтанд. Аз ҷумла, оҳангсози машҳур Филипп Гласс, ки равияи минимализмро дар мусиқии ғарбӣ намояндагӣ мекунад, дар асоси ашъори Мавлоно соли 1998 як опера бо номи «Ҳашамати шафқат» эҷод намуд, ки солиёни дароз дар саҳнҳои Амрико онро овозхонони машҳуре чун Мадонна, Голди Хоун ва Деми Мур дар сатҳи хеле баланд ба иҷро мерасониданд.

Ҳамзамон, бояд таъкид дошт, ки тарҷумаҳои К. Баркс махсусияти худро доранд, ки боиси маҳбубияти шеъри Мавлоно миёни амрикоиён гардидаанд. Ӯ ҳамчун тарҷумон бештар ба мундариҷаи ашъори Мавлоно таваҷҷуҳ кардааст, на шакли онҳо. Масалан, ин тарҷумон муҳтавои баъзе рубоиёти Мавлоноро на дар чор мисраъ, балки дар шаш ё ҳашт мисраъ баён сохтааст, ки хонандаи англисзабонро ин гуна муфассалӣ бештар бо ҳадафҳои Мавлоно ошноӣ медиҳад. Ё худ, дар китоби тарҷумаҳои хеш Баркс ба ҳар як шеъри Мавлоно аз худ ном гузошта, онҳоро дар китобаш «Ҷавҳари Румӣ», ки тарҷумаи пораҳо аз онро ҳоло дар даст дорем, ба 27 мавзуъ гурӯҳбандӣ намудааст, ки дарки маънии ашъори Мавлоноро барои хонанда хеле саҳлтар менамояд. Ба қавли рӯзноманигори амрикоӣ Чей Кинни: «Румӣ, ки тавассути истеъдоди Колман Баркс аз нав эҳё шудааст, аз умқи қарнҳо гузашта, имрӯз ҳамзамони мо гаштааст».

Бояд зикр намуд, ки Баркс шеъри Мавлоноро барои хонандаи англисзабон тарҷума кардааст, аз ин рӯ, барои ифодаи афкори ин шоиру мутафаккир маҳз аз имкониятҳои ҳамин забон ва хусусиятҳои бадеии дар ҳамин адабиёт роиҷбуда истифода намудааст. Барои мисол як ғазали Мавлоноро дар асл, дар тарҷумаи К. Баркс ба забони англисӣ ва дар тарҷумаи С. Сечив ба забони англисӣ меорем. Асли ғазали Мавлоно (ду байти аввали он) чунин аст:

**Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳама шаб суханам,**
**Ки чаро ғофил аз аҳволи дили хештанам.**
**Аз куҷо омадаам? Омаданам бахри чӣ буд?**
**Ба куҷо меравам, охир нанамоӣ Ватанам…**

Ин ғазал дар тарҷумаи озоди К. Баркс ба забони англисӣ «Who Says Words With My Mouth?» (Кӣ аз забони ман сухан мегӯяд?) номгузорӣ шуда, чунин аст:

**All day I think about it, then at night I say it.**
**Where did I come from, and what am I supposed to be doing?**
**I have no idea.**

Тарҷумаи ин матн ба забони тоҷикӣ чунин садо дода, хеле озодона тарҷума шудани ғазали Мавлоноро аз ҷониби Баркс нишон медиҳад:

**Тамоми рӯз дар бораи ин фикр мекунаму шабона инро мегӯям,**
**Ман аз куҷо омадааму чӣ бояд кунам?**
**Аммо тасаввуроте дар ин бора надорам.**

Тарҷумаи озоди С. Сечив ба забони русӣ «Ответа нет» (Ҷавоб нест) номгузорӣ шуда, дар шакли зайл аст, ки он боз ҳам бештар озодона сурат гирифтааст:

**Весь день я думаю об этом,**
**Спросить решаясь только ночью:**
**Что тянет душу пред рассветом?**
**К какому тянет средоточью?**
**Ответа нет.**

## 30 СЕНТЯБР - РӮЗИ МАВЛОНО

Ба шаҳодати муҳаққиқони амрикоӣ тарҷумаҳои К. Баркс, ки бо маҳорати хеле баланд сурат гирифтаанд, ашъори Мавлоноро дар ИМА ба як навъ эҷодиёти шифоҳӣ ё фолклор табдил додаанд. Имрӯз ин ашъори тарҷумашударо «оммаи васеи ровиёни масеҳию яҳудӣ, занҳои аз хонашинӣ дилгиршуда, фолбинон, равоншиносон, духтарони донишҷӯи танҳомонда иқтибос мекунанд, онҳоро ихтисор мекунанд, аз худ ба онҳо ҳар гуна ҳусни наву «ҷингиламӯйӣ» изофа мекунанд» (С. Сечив). Ба ибораи дигар, тарҷумаи волои К. Баркс на танҳо мақоми шахсият ва осори Мавлоноро дар Амрико ва миёни халқҳои дигари англисзабон боло бурдааст, балки ин ҳамватани моро ҳамчун як шоири мардумии ҳамдарду ҳамрози сокинони ин қитъаи олам, ки мушкилоти зиёди равонӣ доранд, дар дили онҳо ҷовидона ҷой додааст. Онҳо ҳамагӣ гӯё чунин даъвати Мавлоноро барои сайр дар олами шеъри худ, ки куллан аз ноумедӣ орӣ мебошад, пазируфтаанд:

**Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,**
**Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.**
**Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,**
**Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о!..**

ДАРСИ ТАФАККУР

# ФАЗИЛАТИ ИНСОНӢ



Дар яке аз мактабҳо ҳангоми дарс муаллима хост тафаккури шогирдонашро нисбат ба фазилати инсонӣ бидонад. Ба хулосае омад, ки барои онҳо бояд бозии шавқоваре (имтиҳон) ташкил созад. Шарти бозӣ чунин буд, ки ҳар касе матнеро бехато ва пурмазмун нависад, соҳиби як дона пойафзоли зебо ва баҳои аъло хоҳад шуд.

Хонандагон аз ин бозии муаллима лаззат бурда, саргарми иҷрои он буданд.

Пас аз ҷамъоварии дафтарҳо, муаллима дид, ки матни ҳама бехатову зебо навишта шудааст.

Ба шогирдонаш гуфт, ки барои иҷрои шарт ба ҳамаатон баҳои аъло мегузорам, вале пойафзол бояд насиби як нафар гардад. Пас аз каме андеша, муаллима роҳи ҳалро пайдо кард:

- Бояд ҳар нафар рӯи варақчае номи худро навишта, ба қуттӣ андозад ва агар ба даст бурдани ман номи касе рӯи варақ бароянд, тухфа аз ҳамон нафар аст.

Хонандагон варақчаҳои навиштаашонро ба қуттии махсус гузоштанд. Сипас, муаллима аз миёни варақчаҳо якеашро берун кашид ва номи навишташударо хонд:

- Сумаяи Абдукарим!

Сумая бо кафкӯбии муаллима ва ҳамаи ҳамсинфонаш бо ашки бари рӯй пеш омада, ба ҳамсинфону муаллимааш ташаккур гуфт.

Сумая аз пӯшидани пойафзоли кухна ва дарида безор шуда буд, аз дасткӯтоҳӣ волидонаш наметавонистанд ба ӯ пойафзоли нав харанд.

Муаллима ба хона баргашт ва гирякунон назди шавҳараш омад. Вақте шавҳараш аз ҳоли ӯ пурсон шуд, зан аз ҳодисаи имрӯза бо ашки шашқатор қисса кард. Шавҳар аз шунидани нақли ҳамсараш хеле хурсанд гардид, вале аз ашки занаш ҳайрон шуда пурсид:

- Пас чаро гиря мекунӣ?

- Вақте ки ман дар хона боқимондаи қоғазҳоро аз қуттӣ берун овардам, фаҳмидам, ки ҳама толибилмон дар варақчаҳо номи як нафарро навишта будаанд. Кӯдакон ба хурдсолии худ нигоҳ нокарда, аз аҳволи ӯ хабар доштаанд. Имрӯз бошад, даст ба дасти ҳам доданд, то ӯро хушҳол созанд, - гуфт муаллима.

**Таҳияи Қурбон АҲМАДЗОДА**

ГИРОМИДОШТ

**Мураттиб Ҳ. АЛИМЗОДА,**
**омӯзгори мактаби №10,**
**ноҳияи Айнӣ, узви ИЖТ**

# АЗ БУЗУРГОН БА ҶАҲОН НОМИ НАКУ МЕМОНАД

## Ба ифтихори 115 - солагии академик Бобоҷон Ғафуров



Нашри китоби «Тоҷикон» дар он солҳо яке аз рӯйдодҳои муҳими таърихӣ дар илми ховаршиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон ба шумор мерафт. Табиист, ки дар он замон интишор намудани китоб бо номи «Тоҷикон» кори осон набуд ва на ҳар шахсияти сиёсиву илмӣ ба чунин иқдом даст мезад, вале мақоми илмиву ҷамъиятӣ ва ҷасорату матонати фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Бобоҷон Ғафуров имкон дод, ки ӯ асари худро маҳз бо ҳамин ном интишор кунад ва шуҳрати ҷаҳонӣ касб намояд.

**Эмомалӣ Раҳмон,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

Ин китоб ба дарсҳои таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна ва дар навбати аввал барои дарсҳо оид ба гузаштагони халқи тоҷик як сарчашмаи асосӣ буда метавонад, инчунин, ба таърихи маданият-улум ва адабиёти тоҷик як манбаи кифоякунанда аст.

**Садриддин Айнӣ,**
**Қаҳрамони халқи тоҷик**

Тақдири миллат ва ҳифзи шаъну шарафи он то нафаси вопасин Бобоҷон Ғафуровро ором намегузошт. Ҳар гоҳ ки дар бораи хизматҳои шоистаи Бобоҷон Ғафуров дар назди миллати худ сухан равад, пеш аз ҳама, шоҳасари ӯ “Тоҷикон” пеши чашмамон ҷилвагар мешавад. Як худи ҳамин асар кофист, ки номи Бобоҷон Ғафуров дар саҳифаҳои таърихи халқамон бо ҳарфҳои заррин сабт шавад.

**М. Осимӣ,**
**узви вобастаи АИ ИҶШС, академик**

Зиндагии Бобоҷон Ғафуров ба таърихи кишвари азизаш Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ дорад.

**Мирзо Турсунзода,**
**Қаҳрамони халқи тоҷик**

Бобоҷон Ғафуров, ки шахси олим, адабиётдӯст ва сиёсатмадор буд, моро ҳамеша ба кор, ба эҷодиёт ташвиқ мекард, ба наздаш даъват менамуд, ҳолу аҳволамонро мепурсид, аз мо асар талаб мекард...

**Ҷалол Икромӣ,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон**

Бобоҷон Ғафуровро нависандагон дӯсти адабиёти тоҷик меноманд ва он барои ҳурмат не, балки ҳақиқат аст.

**Мирсаид Миршакар,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

Китоби «Тоҷикон» худи ҳозир ҳамчун як навъ муқаддасоти миллӣ пазируфта мешавад.

**Акбар Турсон,**
**шарқшинос**

## ГИРОМИДОШТ

Дар ин асар Бобоҷон Ғафуров бо як маҳорати ба худ хос манзараи доманадори таърихро нигошта, ҳар як ҷабҳа, ҳар як соҳаи онро борикбинона, бо ҷузъҳояш санҷида аст.

**А. Мухторов,**
**муҳаррири нашри**
**тоҷикии «Тоҷикон», академик**

Мо - ҳамсафон ва дӯстони академик Бобоҷон Ғафуров ӯро чун коммунисти шуълавар, олим ва ташкилотчии соҳибистеъдод мешинохтем.

**З. Ш. Раҷабов,**
**аввалин ректори**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик**

Ҳаёт ва фаъолияти ин марди фозил намунаи ибрат аст. Аз ҷунин одамон ибрат гирифтан хушбахтии калон аст.

**М. Бобохонов,**
**профессор**

«Тоҷикон» китобест, ки... ба унвони манбаи дақиқи илмӣ ва таҳқиқӣ аз эътибор ва ҳайсияти шоистаи тамоми ҳалқаҳои илмии байналмилалӣ ва миллӣ бархӯрдор гаштааст.

**Ҷалолиддини Сиддиқӣ, баргардонандаи**
**«Тоҷикон» бо хати форсӣ, профессор**

Ин асари Бобоҷон Ғафуров, ки натиҷаи тадқиқоти беш аз сисолаи вай дар ин мавзуст, барҷастатарин қисми фаъолияти илмии олим мебошад.

**А. П. Окладников,**
**академик**
**Б. Б. Пиотровский,**
**академик**

Баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад, ки ҳаёти шахсе узван ва ба таври канданашаванда бо ҳаёти халқи худ омехта шуда, мо дар ҳаёти фардии он саҳифаҳои қисмати таърихии халқи ӯро мебинем. Сухани ман дар бораи ҳамин гуна шахс – Бобоҷон Ғафуров меравад.

**И. С. Брагинский,**
**аъзо-корреспонденти А. И. ҶШС Тоҷикистон**

Рисолаи фундаменталии Бобоҷон Ғафуров дониши моро доир ба омӯхтани таърих ва анъанаҳои яке аз халқҳои қадимтарини мамлакати мо-тоҷикон боз ҳам бой ва ғанӣ мегардонад ва ин ҳиссаи арзандаи олим дар омӯзиши таърихи Ватан аст.

**А. П.Окладников,**
**Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ,**
**лауреати мукофоти давлатии ИҶШС**

Мо шоҳиди нахустин асари мукаммали соҳаи таърихи халқи тоҷик мебошем.

**А. В. Сидоренко,**
**академик**

Барои омӯзиши осори мадании гузаштагони халқҳои ИҶШС асарҳои академик Бобоҷон Ғафуров арзиши баланд доранд ва ҳар яки он тадқиқоти баландмазмуни олим аст.

**А. П. Нарбинитский,**
**академик**

Замоне мерасад, ки ӯро аз санадҳои куҳан, варақҳои зардшуда мекобанд. Вале ӯ имрӯз дар хотироти хешон, дӯстон, ҳамкорону ҳамнишинон зинда аст, ба туфайли осори гаронмояаш. Ӯ моро аз миёни задухӯрдҳо, аз саҳифаҳои хешу бегона, аз сангнавиштҳо ҷустуҷӯ карду дарёфт. Акнун қарзи мост то ӯро аз ёдҳо ҷамъ орем, суханони нонавиштаашро рақам занем.

**Б. А. Литвинскиӣ,**
**аъзо-корреспонденти А. И. ИҶШС**
**Тоҷикистон, муҳаррири нашри русии**
**«Тоҷикон», академик**

Агар зарурати тарҷумаи англисии ягон асари русӣ оид ба мавзуи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак он “Тоҷикон” аст.

**Ричард Фрай**
**(Амрико)**

Инсони наҷиб буд, академик Бобоҷон Ғафуров. Ҳар гоҳе ба дидораш шарафёб мешудам, суҳбатамон атрофи таъриху маданияти қадимии тоҷик метасфид.

**Иржи Бечка**
**(Чехия)**

## ГИРОМИДОШТ

Таърихи ҳаёти Бобоҷон Ғафуров ба халқи мо дар мубориза он ба муқобили бесаводӣ, қашшоқӣ ва ҷаҳолат сабақҳои бисёре медиҳад.

**Файз Аҳмади Файз**
**(Покистон)**

Алҳақ ҳама медонаду таърих гувоҳ аст,
Тоҷик ҳама умр, дар Мағрибу Машриқ,
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик...
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,
Бо руҳи ҷавононаю пирӯзгарона...

**Лоиқ,**
**шеъри «Таърих гувоҳ аст»**

Токдони хонаи мо ҷои дастархони мост,
Токдони чашми мо ҷои китоби «Тоҷикон».

**Бозор Собир,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

Намедонам, ки бори чанд хондам,
Китоби бебаҳои «Тоҷикон»-ро,
Вале аз нав варо бикшода мондам,
Набинам то адои «Тоҷикон»-ро.

**Саидалӣ Маъмур,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

Ба фарзандат Ғафуров офарин бодо,
Зи номи некашу аз кори некаш ҷовидон ёдо!
Ки ӯ таърихро аз лавҳи ханҷарҳо,
Зи руӣ санги сангарҳо,
Зи авроқи парешоне,
Ба минбарҳо
Барои аҳли олам хонд.
Зи худ таърихи озодии мардум монд,

**Аида Гунали,**
**«Офаринномa»**

# САНАДИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ ДУ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнави Узбекистон санади ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаи баимзорасида ҳамкории дуҷониба дар самти табодули академии донишҷӯён, ташкили даврҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, даъвати профессорон, гузаронидани таҳқиқоти илмии муштарак ва ташкили конфронсу форумҳои муштарак ба роҳ монда шавад.

Шартномаи ҳамкориро дар Душанбе ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Убайдулло Асрорзода ва ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав Ғанишер Раҳимов ба имзо расониданд.

Дар мулоқоте, ки байни ду роҳбари муассисаи олии Тоҷикистон ва Узбекистон баргузор гардид, ҷонибҳо барои ҳамкорӣ дар самтҳои гуногуни фаъолияти муассисаҳои таълимӣ гуфтушунид анҷом доданд.

Ҳайати Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнави Узбекистон, инчунин, бо пойгоҳи моддӣ-техникии омодасозии кадрҳо ва шароиту имконияти таҳсил дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шинос гардид. Ҳамзамон, ҳамчун рамзи дӯстӣ ва эҳтиром ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав, профессор Ғанишер Раҳимов дар назди ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон маъруза намуд.

Бояд тазаккур дод, ки ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав Ғанишер Раҳимов дар доираи сафари корӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Осиёи Марказӣ ба Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ташриф овард.

ШИНОХТ

**А. ШАРИФЗОДА,**
**дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ХИДМАТҲОИ БУЗУРГУ МОНДАГОРИ ОЛИМИ САТҲИ ҶАҲОНӢ

**ЛАВРЕНТЕВ МИХАИЛ АЛЕКСЕЕВИЧ (1900 – 1980)**



Михаил Алексеевич Лаврентев соли 1900 дар Қазон дар оилаи омӯзгори математикаи муассисаи таълимии техникӣ, баъдтар профессори механикаи Донишгоҳи аввали Қазон, сипас, Донишгоҳи шаҳри Москва Алексей Лаврентевич Лаврентев (1876 - 1953) таваллуд шудааст. Модараш Анисия Михайловна (1863-1953) ном дошт. Ӯ дар солҳои 1910 -1911 ҳамроҳи падараш дар Гёттинген (Олмон) зиндагӣ мекард ва таҳсилро дар мактаби миёна дар он ҷо оғоз кардааст. Номбурда маълумоти миёнаро дар мактаби тиҷоратии Қазон гирифт ва соли 1918 ба Донишгоҳи Қазон дохил шуд. Соли 1921 ба факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи Москва гузаронида шуда, онро соли 1922 бо муваффақият хатм кард. Михаил Алексеевич Лаврентев ба аспирантура дохил шуда, дар солҳои 1923 -1926 таҳти роҳбарии математики машҳури Шуравӣ Н. Н. Лузин ба таҳқиқоти илмӣ машғул шуд. Соли 1927 рисолаи номзадии хешро дар соҳаҳои илмҳои физика ва математика ҳимоя кард ва барои такмили ихтисос ба муддати ним сол ба Фаронса фиристода шуд.

Пас аз бозгашт ба Москва, дар охири соли 1927 ӯ дотсенти шуъбаи математикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов (ДДМ) ва узви ҷамъияти математикҳои Москва интихоб шуд. Дар донишгоҳ хондани курси лексияҳоро доир ба назарияи тасвирҳои конформӣ (тағйироти фазо, ки андозаи кунҷҳоро нигоҳ медоранд) оғоз кард. Солҳои 1921-1929 дар Мактаби олии техникии Москва ба донишҷӯён сабақ омӯзонид. Ҳамин тавр, соли 1929 ӯро ба вазифаи мудири кафедра интихоб карданд ва соҳиби унвони профессори Институти химиявӣ-технологии Москва гардид. Ҳамзамон, дар солҳои 1929 -1935 бо даъвати С. А.Чаплигин муҳандиси калони Институти марказии аэрогидродинамикии ба номи Н. Е. Жуковский буд. Ба доираи манфиатҳои Лаврентев ва гурӯҳи ӯ бахшҳои гидроаэродинамика, ба монанди назарияи болҳои ларзони самолётҳо, ҳаракати бол дар зери сатҳи моеи вазнин, зарбаи ҷисми сахт ба об, сохтани ҷараёни думи шакли додашуда ва як қатор дигар масъалаҳои муҳими ҳимояи давлатӣ дохил шуданд.

Соли 1931 Лаврентев, аллакай профессори Донишгоҳи давлатии Москва буд. Бе ҳимояи рисола (аз рӯи ҷамъи корҳои илмӣ) дар соли 1934 ба ӯ дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ ва дар соли 1935 доктори илмҳои физика ва математика дода шуд. Аз соли 1934 ходими илмии Институти математикаи ба номи В.А. Стеклов гардид ва дар ин ҷо ӯ бахши назарияи функсияҳоро роҳбарӣ кард. Пас аз таъсиси факултети механикаю математикаи донишгоҳ дар соли 1933, М.А. Лаврентев мудири яке аз ду кафедраи таҳлили математикӣ дар ин факултет гардид. Соли 1935 аз ду кафедраи таҳлили математикӣ се кафедра ташкил карда шуд: кафедраи муодилаҳои дифференсиалӣ, кафедраи таҳлили функсионалӣ ва кафедраи таҳлил ва на-

зарияи функсияҳо, ки мудирии онро то соли 1938 М.А. Лаврентев ба уҳда дошт.

Лаврентев соли 1939 аз ҷониби президенти Академияи илмҳои РСС Украина А.А.Богомолетс, ки ба инкишофи математика аҳамияти аввалиндараҷа медод, ба кор даъват карда шуд. Дар солҳои 1939-1941 ва 1945-1948 директори Институти математикаи Академияи илмҳои РСС Украина буд. Дар Киев, то соли 1941 ҳамчун профессори факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Киев фаъолият нишон додааст. Дар Киев таҳқиқоти худро дар соҳаи назарияи функсияҳо идома дод, ки ба таҳияи боби нави назарияи функсияҳо назарияи тасвирҳои квазиконформӣ бо замимаҳои он ба динамикаи газ ва дигар бахшҳои механикаи муҳити умумӣ оварда расонд. Дар ин солҳо, ӯ дар Украина тавонист мактаби шогирдони худ - математикҳо ва механикҳои Киевро таъсис диҳад.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Михаил Алексеевич дар соҳаи барномаҳои математика ва механика ба масъалаҳои мудофиавии техника ва хоҷагии халқ кор кард. Ҳангоми кӯчонидани ҳайати асосии Академияи илмҳои РСС Украина ба шаҳри Уфа, ӯ таъсири монеаи асои металлиро, ки бо суръати баланд дар гирди меҳвари худ ҳаракат мекунад, омӯхт. Ин, дар асл, идеяи амали кумулятивии таркишро пешбинӣ мекунад, ки назарияи онро М.А. Лаврентев каме дертар (соли 1944) асос гузоштааст. Соли 1946 Лаврентев тафсири аслии гидродинамикии падидаи кумулятсияро пешниҳод кард, ки мувофиқи он ҳангоми фишори бузурги дар лаҳзаи таркиш ба вуҷудомада, металлро ҳамчун моеи идеалии фишурдашаванда баррасӣ кардан мумкин аст; пас аз ин, бо истифода аз муодилаҳои гидродинамика, динамикаи ҷараёни металлро ҳисоб кардан ва таъсири рахнашавандаро ҳисоб кардан мумкин буд. Лаврентев барои корҳояш дар соҳаи кумулятсия соли 1949 ба Ҷоизаи Сталинӣ мушарраф гардонида шуд. Лаврентев ва шогирдонаш, инчунин, ба омӯзиши устувории ҳаракати ҷисмҳои сахт бо пуркунии моеъ бо замима ба вазифаҳои артиллерия диққати зиед медоданд. Ӯ дар вазифаи масъул - ноиби президенти АИ РСС Украина дар барқарорсозии кори илмии институтҳои он пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми арзанда гузошт. Ҳамчун вакили Шурои Олии РСС Украина, ӯ аз барқарорсозии Донбасс, бехтар кардани кори муассисаҳои илмии Украина изҳори нигаронӣ дошт ва онҳоро пурсамар ба субот расонид.

Аз соли 1948 М.А. Лаврентев боз ба ДДМ ба кор даъват шуд. Солҳои 1948-1951 мудири кафедраи математикаи факултети физикаи техникии донишгоҳ буд. Соли 1951 ин факултет барҳам дода шуд, аммо ҳамчун як донишгоҳи мустақили Институти физика ва техникаи Москва (МФТИ) барқарор карда шуд. Лаврентев дар ташаккули институт фаъолона иштирок кард ва дар баробари дар он таъсис додани тахассуси назарияи таркишҳо, солҳои 1955-1958 мудири кафедраи физикаи равандҳои зудгузариши ин муассиса буд. Соли 1948 Институти механикии дақиқ ва техникаи ҳисоббарор ташкил карда шуд. Аз соли 1950 сар карда, М.А.Лаврентев директори Институти механикаи дақиқ ва техникаи ҳисоббарорӣ интихоб шуд. Маҳз дар ҳамин маркази техникӣ дар муддати кӯтоҳтарин намунаҳои аввалини мошинҳои ҳисоббарории электронии Шуравӣ таҳия карда шуданд. Дар солҳои 1953-1955 муовини роҳбари илмии КБ-11 (Маркази ҳастаӣ дар Арзамас-16) таъйин гардид, ки барои баланд бардоштани иқтидори ҳарбии давлати Шуравӣ заҳматҳои зиёд кардааст. Соли 1956 ӯ аз аввалинҳо шуда, ба ҳайати Кумитаи миллии СССР оид ба механикаҳои назарӣ ва амалӣ қабул карда шуд, ки аз бузургии ин олими сатҳи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Лаврентев М.А. яке аз ташкилкунандагони асосии шуъбаи сибирии Академияи илмҳои СССР ба ҳисоб меравад. 18 майи соли 1957 дар бораи таъсиси бахши сибирии Академияи илмҳои ИҶШС қарор қабул карда шуд ва раиси он М.А. Лаврентев интихоб гардида, онро то 25 ноябри соли 1975 роҳбарӣ кард. Аз соли 1960 дар Донишгоҳи давлатии Новосибирск лексияҳо хонда, шогирдони зиёдеро тарбия кард ва дар илм муваффақ гардонид.

Аз соли 1975 боз ба шаҳри Москва даъват карда шуд. Ӯ дар ин ҷо ба вазифаи раиси Кумитаи миллии Русия оид ба механикаҳои назариявӣ ва амалӣ таъин гардид.

Ба ифтихори Михаил Алексеевич Лаврентев номгузорӣ шудаанд:

Кӯчаи академик Лаврентев дар Долгопрудный (вилояти Москва) ва кӯча дар Қазон; Проспекти академик Лаврентев дар Новосибирск, ки дар он нимпайкараи биринҷии Ӯ насб шудааст; Институти гидродинамикаи ба номи м. М.А. Лаврентеваи шуъбаи сибирии Академияи илмҳои Россия;

Киштии илмӣ-тадқиқотии «Академик Лаврентев»; дар бинои Институти гидродинамика ба ифтихори М.А. Лаврентев лавҳаи ёдгорӣ насб шудааст; Маркази сайёраҳои хурд ба Сайёраи No 7322 (ба шарафи академикҳо Михаил Алексеевич ва Михаил Михайлович Лаврентевҳо) номи Лаврентинро додааст; нимпайкараи Михаил Лаврентев соли 2022 дар қаламрави Мактаби олии фармондеҳии ҳарбии Новосибирск гузошта шудааст ва ғ.

Академик Михаил Алексеевич Лаврентев яке аз мутахассисони калонтарин дар соҳаи назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ, таҳлили вариатсионӣ ва физикаи математикӣ мебошад. Вай на танҳо ҳамчун олими сатҳи ҷаҳонӣ, балки ташкилкунандаи барҷастаи илм, омӯзгор ва мураббии ҷавонон буд. Вай дар математика ва механика натиҷаҳои оличаноб ба даст овард, барои рушди ҳавопаймосозии Шуравӣ корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Вай дар корҳои сохтани силоҳи атомии ватанӣ иштирок кард, мактаби истифодаи хоҷагии халқии таркишро таъсис дод, дар ибтидои таҳияи аввалин мошинаҳои электронии ҳисоббарорҳои Шуравӣ истода, дар ташкили Институти физикаи техникии Москва - донишгоҳи навъи нав иштирок кард. Аммо кори асосии ҳаёти М.А. Лаврентев таъсиси маркази нави илмӣ дар шарқи кишвар аст. Ин идея, ки ӯ якҷоя бо академикҳо С.Л. Соболев ва С. А. Христианович пешниҳод кардааст, аз ҷониби олимон ва Ҳукумати кишвар дастгирии васеъ пайдо кард. М.А.Лаврентев Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (29.04.1967) барои хидматҳои барҷаста дар рушди илм ва ташкили шуъбаи Сибири Академияи илмҳои ИҶШС; дорандаи 5 ордени Ленин (19.09.1953; 01.06.1956; 16.11.1960; 29.04.1967; 17.09.1975), ордени Инқилоби Октябр (18.11.1970), ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи 2 (01.10.1944), 4 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат (10.06.1945; 23.01.1948; 04.01.1954; 20.04.1956), ордени Легиони Фахрии дараҷаи Командор 1971 мукофоти олии Фаронса, ордени Кирилл ва Мефодий дараҷаи 1 (Болгария, 1969), Ҷоизаи ленинӣ (1958) барои корҳо оид ба сохтани заряди атомии артиллерия. Ҷоизаи сталинии дараҷаи якум (1946) барои таҳияи усули вариатсионӣ - геометрии ҳалли масъалаҳои ғайридавлатӣ дар назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ бо қиматҳои хос, ки барои гидромеханика ва аэромеханика аҳаммияти муҳим доранд, дар мақолаҳои зерин оварда шудааст: «Дар бораи баъзе хосиятҳои функсияҳои яклухт бо замимаҳо ба назарияи ҷараёнҳо», «Ба назарияи тасвирҳои квази-конформӣ», «Дар бораи баъзе формулаҳои тақрибӣ дар масъалаи Дирихле», «Назарияи мавҷҳои дароз» (1938-1943). Ӯ ҳамчунин, Ҷоизаи сталинии дараҷаи якум (1949) барои тадқиқоти назариявӣ дар соҳаи гидродинамика (1948), Медали тиллои калони ба номи М. В. Ломоносов (1977) барои дастовардҳои барҷаста дар соҳаи математика ва механикаро низ соҳиб гардидааст. Олими шинохта инчунин, узви вобастаи АИ Чехия (1957), АИ Булғория ( 1966), аъзои пайвастаи АИ Олмон дар Берлин (1969), узви хориҷии АИ Фаронса (1971), ноиб президенти Иттиҳоди байналмилалии математикҳо (1966 – 1970) буд.

# ҲАМКОРИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДОНИШГОҲИ НАҚЛИЁТИ СИАНИ ЧИН

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Қобилҷон Хушвахтзода бо намояндагони Донишгоҳи нақлиёти Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин вохӯрӣ доир намуд.

Ҳадаф аз вохӯрӣ, амалӣ намудани ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои гуногуни илму таълим, пажӯҳиши муштарак дар бахшҳои замонавии илм, хусусан омӯзиши забону фарҳанг ва технологияи муосир мебошад.

Зимни мулоқот, ҷонибҳо оид ба мустаҳкам намудани ҳамкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Донишгоҳи нақлиёти Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин, рушди ҳамкорӣ дар заминаи Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсий, таҳияи барнома ва баргузории ҳамоишҳо табодули афкор намуданд.

Ёдовар мешавем, ки ҳамкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо макотиби олии кишварҳои хориҷӣ рӯз аз рӯз рушд карда истодааст.

**КРОССВОРД**

# МУАММОИ ҶУҒРОФӢ

**Дар катакҳои расм номи пурра ё кӯтоҳшудаи давлатҳо ва мамлакатҳои оламро аз чап ба рост тавре ҷойгир кунед, ки ҳарфи «а» дар ҷояш бетағйир монад.**

**Мураттиб Муҳаммад ШАРИФЗОДА,**
**хонандаи синфи 8-и литсейи равияи табиию риёзии ДМТ**



## ҶАВОБИ МУАММОИ «ИРФОН» (№8)

1. Мактаб. 2. Боҳирӣ. 3. Икс. 4. Сом. 5. Моиндар. 6. Рубоб. 7. Биология. 8. Яшм. 9. Моҳир. 10. Рақс. 11. Собир. 12. Рафъат. 13. Ташреҳ. 14. Ҳол. 15. Лоҳутӣ. 16. «Ирфон». 17. Нина. 18. Асрор. 19. Роман. 20. Нома. 21. Асал. 22. Латифа. 23. Асирӣ. 24. Иншо. 25. Онҳо. 26. Охир. 27. Регар. 28. Рухом

# МУНДАРИЧА


**СУХАНИ ПЕШВО**

Парчами Истиқлол бо нуру зиёи аҳли маориф парафшон бод!.............................1

**ХУДШИНОСӢ**

С. ЯТИМОВ. Эҳёи миллат - бақои давлат.........................................................12

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

Р. ХУДОЁРЗОДА.
Дар омода намудани мутахассисони ҷавон саҳми арзанда бигузорем...........................23

**ТАҚРИЗ**

Ҷ. ҶӮРАЗОДА., Ш. ШАРИФОВ. Таҳқиқоти пурарзиш...................................25

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

М. ИСМОИЛОВА. Таҳлили овозии калима.......................................................29

**ТАЪЛИМ**

Г. МУРОДОВА. Ҳ. МУЗАФФАР Сулҳро бояд сипар созем мо!.......................31

**МЕТОДИКА**

А. НУРИДДИНЗОДА. А. ҲАФИЗОВ, М. РОИБОВА.
Таълими тафриқа ва муҳиммияти он...........................................................34

**ПСИХОЛОГИЯ**

А. НОРМАТОВ. Ташаккули зеҳни эмотсионалии наврасон...........................................36

**АЗ ТАҶРИБА**

А. ШЕРМАТОВ. Тартиби омода намудани дастурҳои методӣ...........................39

**ТАРБИЯИ МАДАНӢ**

Р. Асадуллоев. Ҷанбаҳои ташаккули таълими фарҳангии насли наврас.....................41

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

А. ШАРИФЗОДА. Хурофот дар математика.................................................43

**ФИЗИКА**

А. УБАЙДОВ. М. НИЁЗӢ. Усули шавқовари гузаронидани кори лабораторӣ....48

**22 - СЕНТЯБР - РӮЗИ РӮДАКӢ**

С. ТОҲИРӢ. Соҳибқирони шоирон...............................................................51

**30 СЕНТЯБР - РӮЗИ МАВЛОНО**

Х. ЗИЁӢ. Нақши Колман Баркс дар тарҷума ва муаррифии осори Ҷ.Балхӣ.........53

**ГИРОМИДОШТ**

Ҳ. АЛИМЗОДА. Аз бузургон ба ҷаҳон номи наку мемонад................................56

**ШИНОХТ**

АСАДУЛЛО Ш. Хидматҳои бузургу мондагори олими сатҳи ҷаҳонӣ.................59

**КРОССВОРД**

М. ШАРИФЗОДА. Муаммои ҷуғрофӣ...............................................................62

# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»



## ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илм-ҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



## МУАССИС

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

## САРМУҲАРРИР

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**



## ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,** муовини сармуҳаррир.
**Қурбон АҲМАДЗОДА,** котиби масъул.



«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.


- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.


## СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:

Департаменти хазинадории

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**

Барои маҷаллаи
**«Маърифати омӯзгор»**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x841/8.
Адади нашр 6304 нусха.
Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи «Мега-принт»
ба табъ расидааст.



**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**